# Содиқи Кашрӯдӣ

# АШЪОРИ МУНТАХАБ

*Ташнагони Карбало сероб хоҳад шуд зи ман,*
*На Фуроти Кӯфаам ман, балки Ҳавзи Кавсарам.*
*(Содиқи Кашрӯдӣ)*

Душанбе
«Адиб»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-5
К-62

Муҳаррир *Одина Мирак*

**Содиқи Кашрӯдӣ. Ашъори мунтахаб.**
– Душанбе, «Адиб», 2012, 384 саҳифа.

Содиқи Кашрудӣ бо такя ба ашъори адибони классикӣ шеърҳои равону дилкаш гуфта, дар ин ҷода муваффақ гардидааст. Ӯ пайваста талош меварзад, ки аз гулҳои умеду армонаш дастагулҳои тару тоза ороста, манзури хонандагон гардонад.

ISBN 978-99947-2-193-1

© Содиқи Кашрӯдӣ, 2012

# ҒАЗАЛҲО

* * *

Бародар, пеша кун кори накӯю хулқи яздонӣ.
Намонад мулку давлат ҷовидон дар олами фонӣ.

Агар сар дар фалак дорӣ, бубандӣ рахт аз ин олам,
Куҷо шуд Хусраву Ковуси кайро тоҷи султонӣ.

Хирад ганҷи равон аст, эй бародар, аз кафат магзор,
В-агарна ҳалқа дар поят занад занҷири нодонӣ.

Фалотуну Арасту ҷовид аз роҳи хирад гаштанд,
Хирад созад бароят зиндагиро мулки арзонӣ.

Раҳи ҳамвору ёрони накӯро пеша кун доим,
Ки хулқи бад бароят оварад ранҷу гаронҷонӣ.

Бигир дасти азизону навозиш кун ятимонро,
Фаромӯшат мабод, эй одамӣ, дар даҳр меҳмонӣ.

Хирадро пеша бинмову марав бар пастиҳо, Содиқ,
Шавӣ хушрӯзу ҷовид ҳамчу Нӯшервони Сосонӣ.

* * *

Хулқи неку кори хуб наздики Яздонат кунад.
Бехудию сарсарӣ ҳамроҳи шайтонат кунад.

Бо хирадмандон нишин, то гардӣ боақлу тамиз,
Ҳамраҳӣ бо мардуми нодон, нодонат кунад.

Мардуми доно биёбад аз раҳи некӣ камол,
Душманиҳо оқибат бар хок яксонат кунад.

Бош шокиру қаноат кун ба рӯзии Худо,
Варна нафси бад туро охир ба зиндонат кунад.

Тоату хайру намозу рӯзаву зикри Худо,
Рӯзи маҳшар дар биҳишти меҳмонат кунад.

Ишқи саркаш гар гузорад панҷа бар ақлу хирад,
Мисли Маҷнун оқибат сар дар биёбонат кунад.

Ҳақпарастию адолатпешагӣ, Содиқ, туро
Дар ғазои кофарон чун Шоҳимардонат кунад.

* * *

Мекунад қомати чун сарви ту, девона маро.
Мекушад теғи ду абрӯи ту, ҷонона, маро.

Наргиси масти ту дур мекунадам з-ақлу хирад,
Кас нахонад дигар, оқилу фарзона маро.

Хуштар аст, аз ҳараму домани саҳрою чаман,
Бо тую соғару май кулбаи вайрона маро.

Гарчи дидам ба олам рухи озода басе,
Хуш наёмад чу ту наргиси мастона маро.

Аз тамошои рухи моҳи ту, эй сарви равон,
Шод гардад дили ғамдидаи бехона маро.

Аз нигаҳҳои ту мастам, чу сӯфӣ ба само,
Нест ҳоҷот ба ҷому майу майхона маро.

Аз забони шакарини ту ба хилватгаҳи ишқ,
Хушам ояд басе, қиссаю афсона маро.

Он ҳама ғамзаю нозу нигаҳат, ёри азиз,
Кард бар гирди рухи шамъи ту парвона маро.

Содиқ аз кӯи ту ҳошо наравад ҷои дигар,
З-он, ки гаштаст, дилу дидаи ту хона маро.

* * *

Ширинзабонӣ, сарви равонӣ.
Ороми ҷонӣ, шӯхи ҷаҳонӣ.

Гоҳам бисӯзӣ, гоҳам бисозӣ,
Гоҳе баҳорӣ, гоҳе хазонӣ.

Гоҳам бихонӣ, гоҳам биронӣ,
Ҳаргиз ту бо кас доим намонӣ.

Хуршеду Моҳӣ, Юсуфи чоҳӣ,
Гоҳе аёнӣ, гоҳе ниҳонӣ.

Ёре чу ту ман, ҳаргиз надидам,
Лаъли Бадахшӣ, дурри Ямонӣ.

Гоҳе самандӣ, гоҳе камандӣ,
Расми вафо ту ҳаргиз надонӣ.

Гоҳе чу ҷомӣ, гоҳе чу ҷонӣ,
Аз чашми ошиқ хун мечаконӣ.

Торикии шаб равшан бо туст,
Эй ёри ширин, моҳи ҷаҳонӣ.

Содиқ, зи ишқат сархушу мастам,
Ман ҳам чунинам, ту ҳам чунонӣ.

* * *

Зебо чунонӣ, эй парӣ.
Ақлу ҳушамро мебарӣ.

Аз кишвари ҳусну вафо,
Ушшоқро пайғамбарӣ.

Бар сина ханҷар мезанӣ,
Дорӣ ғазои ҳайдарӣ.

Хубони олам ҳам хубанд,
Аммо ту, ҷоно, дигарӣ.

Бар ҷумла хубони ҷаҳон,
Ҳам шоҳию ҳам сарварӣ.

Себи занахдонат хуб аст,
Дар ширинӣ чун шаккарӣ.

Рухсораи зебои ту,
Ҳам Мирриху ҳам Муштарӣ.

Содиқ, дар қайди ғам аст,
Ҷоно, ту ғам мепарварӣ.

* * *

Он париваш дар ҷаҳони ишқ ҷавлон мекунад.
Ошиқони хешро маҳзуну нолон мекунад.

Мечаконад хуни дил аз чашми абри навбаҳор,
Боғҳоро боз аз нав ҷомаалвон мекунад.

Ҳамчу гул доман кушояд дар баҳори зиндагӣ,
Булбулони хушнаворо дидагирён мекунад.

Гар сухан гӯяд забони ҳамчу ширу шаккараш,
Тӯтиёни Ҳиндро дар нутқ ҳайрон мекунад.

Чашми афсунаш ба соҳирӣ муаллим гаштааст,
Ҳоруту Морутро дар чоҳ зиндон мекунад.

По гузорад он париваш гар ба ҳар вайронае,
Аз қудумаш он маконро боғу бӯстон мекунад.

Рӯи худ аз парда гар орад бурун он субҳи ноз,
Содиқи дилхастаро хушнуду хандон мекунад.

* * *

Зи пешам рафтӣ ёру бар тани ман сад ҷафо кардӣ.
Буридӣ аз ману бо дигарон аҳду вафо кардӣ.

Чу гулҳои баҳорӣ доман афкандӣ ба ҳар ҷониб,
Ки бо ман ҷангу бо аъдои ман сулҳу сафо кардӣ.

Вазид боди хазони ишқи ту бар боғи қалби ман,
Нигоро, боғи қалбамро хазону бенаво кардӣ.

Бихондӣ сӯи худ з-аввал маро бо меҳрубониҳо,
Бирондӣ пас зи пешат ҳамчу мурғони ҳаво кардӣ.

Ту бо наззораи чашмони пурафсуни худ,ҷоно,
Ҷароҳат бар дили мову рақибонро шифо кардӣ.

Бирафтӣ сӯи боғи ғайр бахри чидани гулҳо,
Мурувват бо рақибону ситам бар ошно кардӣ.

Ба теғи абрӯи худ қалби Содиқро намудӣ хун,
Даруни синаам монанди дашти Карбало кардӣ.

* * *

Рӯи моҳат шӯри маҳшар дар ҷаҳон афкандааст.
Фитнаҳо андар миёни ошиқон афкандааст.

Ҷилваю нозу хиромат, эй ғизоли шӯхчашм,
Оташе дар хирмани пиру ҷавон афкандааст.

Абрувонат дар набарданд бо сари дилдодагон,
Муслим аст, теғе ба ҷони кофарон афкандааст.

Он суханҳои чу тӯтӣ шаккаринат, эй нигор,
Булбулонро дур зи саҳни бӯстон афкандааст.

Ҷилваи қадди баландат, эй гули боғи биҳишт,
Сарву савсанро ба шоху гул хазон афкандааст.

Гардиши чашмони махмуру баёзи гарданат,
Зоҳидонро дар пайи оби разон афкандааст.

Зулфи печону лаби чун ғунчаат, сарви саҳӣ,
Бар ту Содиқро азизу меҳрубон афкандааст.

* * *

Ай гули умеди боғу гулшани мо, зинда бош.
Обҳои чашмаи мақсуди мо пойанда бош.

Ай камию ай ғамиҳо, дур рав аз пеши мо,
Ай лаби чун ғунча танги ёри мо, пурханда бош.

То ба кай шӯру фиғону нолаҳо дар қалби мо,
Ай дили ношоди мо, ту баъд аз ин фархунда бош.

Дӯстиҳо пар занад дар осмони қалби мо,
Хорҳои душманиҳо аз раҳи мо канда бош.

Мо ба неку бар бади мардум надорем ҳеҷ кор,
Ай ҳасуд, дар сӯҳбати соҳибдилон шарманда бош.

Бас ҷафову бас ситамҳо бар тани мо, ай нигор,
Меҳри ҷонон бар сари мо ҳамчу маҳ тобанда бош.

Аз гузашту омада дигар маҷӯ ному нишон,
Рафт дирӯзу ҳам имрӯз, дар ғами оянда бош.

Бандаи андӯҳу ғам будан чӣ суд дар зиндагӣ,
Содиқо, дар роҳи ишқи нозанинон банда бош.

* * *

Бӯсаи лаъли лабат, эй гули ман, чун шакар аст.
Ҳусни рӯят зи балоҳо тани манро сипар аст.

Хок дар роҳи висоли ту шавам, айб макун.
Чунки ин шеваи ҳар ошиқи хунинҷигар аст.

Ба фиребу фусуни раҳгузарон гӯш мадеҳ,
Ишқи он хомдилон дигару аз мо дигар аст.

Ту мапиндор, ки мо раҳгузари кӯи туем
Зоҳидонро шева сабру соликонро сафар аст.

Ман ба чашмони чу бодоми ту дидам маҳу меҳр,
З-ин сабаб мурғи дилам дар талаби болу пар аст.

Мавҷи дарёи нигоҳи ту чу тӯфони балост,
Киштии қалби маро дар гузари ӯ хатар аст.

Мо ғаминему ту дар ишрату шодиву тараб,
Бахти мо чун шабу бахти ту ба мисли саҳар аст.

Васли ту чашмаи Ҳайвону раҳи ӯ зулмот,
Содиқ, з-он об хӯрад, Хизри муаммоназар аст.

* * *

Ошиқи фасли баҳорам, гули тар мебӯям.
Субҳгоҳон ба Худо рози ниҳон мегӯям.

Навбаҳорон зи сари нав бишавам тозаҷавон,
Гӯиё мисли суман бори дигар мерӯям.

Дӯст дорам майи нобу рухи монанди қамар,
Ин раҳест рост в-аро то ба абад мепӯям.

Гарчи дурам зи зару симу қабои шоҳӣ,
Ошиқи шеваю нози санами ҳиндуям.

Дӯш аз баҳри висолаш кӯҳу ҳомун гаштам,
Маҷнунам, лайливаше шому саҳар меҷӯям.

Содиқам, сидқ маро дар раҳи Ҳақ асту, вале
Дӯстдори лаби лаъли санами дилҷӯям.

* * *

Мурдам зи фироқат, бути ғамхор, кучой.
Дил пора шуд, эй ёри вафодор, кучой.

Дар минбари зебой талабгор басе кас,
Дар тахти хубон шоҳи сазовор кучой.

Бе қомати сарват тиҳӣ аст, Ираму Тӯбо,
Эй зеби сари кӯчаву бозор, кучой.

Аз симу зари ҷумла ҷаҳон чашм бубастам,
Баҳри дили ман, гавҳари шаҳвор, кучой.

Ду дида бубастам зи тамошои раёҳин,
Дил майли ту дорад, гулу гулзор, кучой.

Дил хаста шуд аз дидани рӯи Маҳу Парвин,
Боз о ба барам, эй гули бехор, кучой.

Содиқ, ба тамошои рухи моҳи ту омад,
Чашмам ба раҳат, дидаву дидор, кучой.

* * *

Дӯш будам ҳамнишин бо дилбаре дар хонае.
Ноз мекарду ҳамезад хандаи мастонае.

Гуфтамаш: «Шамъи дили ман гаштаӣ, эй нозанин»,
Гуфт: «Бар гирди сарам мегард чун парвонае».

Гуфтамаш: «Лаъли лабат ҷони маро бахшад сафо»,
Гуфт: «Аз баҳри лабам узлат бикун майхонае».

Гуфтамаш: «Эй шӯх, бо ман бош дар ҳамхонагӣ»,
Гуфт: «Рав, маъво бигир дар гӯшаи вайронае».

Гуфтамаш: «Васлат ба зориву дуо хоҳам насиб»
Гуфт: «Дар роҳи висолам мешавӣ девонае».

Бо умеди лутфи ӯ даст бар дуо бардоштам,
Ҳамчу зоҳид баҳри рӯзӣ дар ибодатхонае.

Содиқи дилхаста аз ҳуснат чароғон мекунад,
Манзилу маъвою қалбу гӯшаи кошонае.

* * *

Дилбари меҳрубони ман, бе ту чаман намеравам.
Лолаву гул намечинам, кӯҳу даман намеравам.

Ҳар нафаси ту хуш бувад, хандаи ту суруш бувад,
Бе ту сафар намекунам, сӯи Ватан намеравам.

Боғи ману баҳори ман, савти ману ҳазори ман,
Бе ту зи бахри дидани сарву суман намеравам.

Шамъи шабафрӯз туӣ, ҷамъи дилафрӯз туӣ,
Бе ту ба ёди дӯстон, ба анҷуман намеравам.

Ҷони ману ҷаҳони ман, рӯҳи ману равони ман,
Бе ту ба сар намебарам, бе ту зи тан намеравам.

Ахтари осмон туӣ, қиссаи ошиқон туӣ,
Бе ту ба сайри бӯстон, ғунчадаҳан, намеравам.

Содиқи содиқон манам, ҳамдами дӯстон манам,
Бе ту ба базми ошиқон, гулпираҳан, намеравам.

* * *

Қадатро дилбарам шамшод гуфтам, боз мегӯям.
Хиромат рашки обу бод гуфтам, боз мегӯям.

Шуд аз наззораи чашмони ҷодуят дилам пурхун,
Нигоҳат ханҷари ҷаллод гуфтам, боз мегӯям.

Ба роҳи васли ту, ҷоно, гирифторам ба дарду ғам,
Висолат баҳри худ имдод гуфтам, боз мегӯям.

Асири доми ишқат гаштаам,эй дилбари раъно,
Зи ҷаври ишқи ту, сад дод гуфтам,боз мегӯям.

Ту моҳу офтобу ахтарони осмон астӣ,
Ҷамолат хонаи обод гуфтам, боз мегӯям.

Ту зебоӣ, ту раъноӣ, зи ишқат масту шайдоям,
Рақибонро зи баҳрат Од гуфтам, боз мегӯям.

Чу Содиқ, дар таманнои висолат гашта саргардон,
Туро сайд, хешро сайёд гуфтам, боз мегӯям.

* * *

Булбулам, эй дустон, сӯи гулистонам баред.
Маҷнунам, эй дӯстон, кӯҳу биёбонам баред.

Аз ҷудоӣ дар фиғонам ҳамчу най, эй дӯстон,
То биёсоям даме, сӯи найистонам баред.

Дар шаби торикиҳои зиндагӣ раҳгум задам,
Дасти ман бигреду бар шамъи шабистонам баред.

Ман наям хори парешон дар биёбони адам,
Баҳри ороиш чу гулҳо бар хиёбонам баред.

Куштаи тири камони абрӯи он кофарам,
Зинда то гардам, сӯи Исии давронам баред.

Он парӣ гулҳои фасли навбаҳор асту маро
Ҳамчу булбул сӯйи ӯ масту ғазалхонам баред.

Дасти ишқи он санам пироҳани қалбам дарид,
Бар тазаллумгоҳ бо чоки гиребонам баред.

Ташнаи васли висоли рӯйи моҳаш гаштаам,
Сер гардам з-оби васлаш пеши ҷононам баред.

Содиқам, эй дӯстонам, бар ҳарими кӯйи ӯ,
То раҳам аз қайди ғам, як шаб меҳмонам баред.

* * *

Ошиқ биё, ошиқ биё, то ман туро меҳмон кунам.
Тангат бигирам дар бағал, ҳам ҷону ҳам ҷонон кунам.

Созам зи баҳрат кишваре, бар ту кушоям ҳар даре,
Орам туро чун сарваре, бар мулки дил султон кунам.

Ошиқ биё, ошиқ биё, дарди диламро чора кун,
Ағёрро бечора кун, ҷоят бари мижгон кунам.

Ошиқ биё, ошиқ биё, ман саҷда орам сар ба по,
Сад бӯса гирам аз лабат, меҳру вафо чандон кунам.

Ошиқ биё, ошиқ биё, бар ман рухи худро намо,
Бар рӯйу бар кунҷи лабат, захму пайи дандон кунам.

Ошиқ биё, ошиқ биё, чун мурғакони дар ҳаво,
Орам бароят донаҳо, ҳам лутфу ҳам эҳсон кунам.

Ошиқ биё, ошиқ биё, бо ман бикун аҳду вафо,
То бар ту аз роҳи сафо, ман ҷону тан қурбон кунам.

Ошиқ биё бар хони ман, аз ғам раҳо кун ҷони ман,
Ман шод гардам з-ин ҳама, сар дар раҳи фармон кунам.

Ошиқ биё, ошиқ биё, бар хони Содиқ бе ибо,
Ҳар кас, ба сӯят бингарад, бому дараш вайрон кунам.

* * *

Ҷаври он маҳро ба ҷони мо навандӣ то ба кай.
Тири мижгони в-аро бар дил хадангӣ то ба кай.

Чашми осоиш надорам аз тамошои рухаш,
Ҳусни рӯяшро бигӯ ин дилписандӣ то ба кай.

Ҷаъди мушкинаш ғарибам кардааст дар шаҳри хеш,
Зулфи печони варо ин пойбандӣ то ба кай.

Захми тири ғамзаи чашмони ӯ дорам ба дил,
Теғи абрӯи в-аро ин туркмандӣ то ба кай.

Ёри моро нест парво аз дили сӯзони мо,
Қалби ӯро бевафоию нажандӣ то ба кай.

Ошноёни саги худро навозад ҳамчу дӯст,
Сӯйи мо нозу итобу ҳарзахандӣ то ба кай.

Рӯйи хушу табъи хуш дорад ба сӯи дигарон,
Сӯи Содиқ мустағису нописандӣ то ба кай.

* * *

Сад сол фалакам дур созад зи боми дӯст.
Ҳанӯзам биёяд ба забон номи дӯст.

Диҳанд ваъдаи айш бо хасм дар биҳишт,
Маро авлост ба дӯзах ба даст ҷоми дӯст.

Агар шавам берӯзу хори саҳрои адам,
Ҳама дам кунам дуои айши коми дӯст.

Гурезам зи хасм чу Юсуф зи гургон,
Ҳамон беҳ, ки бошам сайди доми дӯст.

Саломи душман оварад хазон бар тан,
Бубахшад танамро фараҳ паёми дӯст.

Рамидаст дилам зи сӯҳбати ноаҳл,
Чу оҳувон ба Маҷнун шавам роми дӯст.

Чу Содиқ, дар иқлими сухан неҳ қадам,
Бикун орзӯи мустаҷоби мароми дӯст.

* * *

Ҷоно, муяссар кай шавад, рӯзе туро дар бар бинам.
Тарки ғами дунё кунам, танҳо ғамат дар сар бинам.

Шӯридаҳолам рӯзҳо, маҷнунхаёлам, бевафо,
Ҳамвора мехоҳам туро, шабҳои пурахтар бинам.

Сарве чу ту дар шаҳр нест, моҳе чу ту дар даҳр нест,
З-ин рӯ ҳамехоҳам туро, султони баҳру бар бинам.

Кардӣ ба ҷонам ҷаврҳо, гаштам ба ишқат мубтало,
Боре ба дардам шав даво, то ҳоли худ беҳтар бинам.

Тороҷ кардӣ ақли ман, аз ишқи ту по дар гилам,
Боз о, ки боз о дар дилам, ишқи туро лашкар бинам.

Ман ташнаи васли туям, побанди гесӯи туям,
Эй кош, баъди марги худ лаъли лабат Кавсар бинам.

Содиқ, зи ишқат сар задам, фарёди баҳру бар задам,
Эй кош, аз борони ҷавр, лутфи туро чодар бинам.

* * *

То зи илму донишу идрок лаб во кардаам.
Хештанро дар миёни оқилон ҷо кардаам.

Хешро дар сӯҳбати ноаҳлу хони нокасон,
Баҳри рӯзии касон чун тухми анқо кардаам.

Он чиро гум карда будам солҳои кӯдакӣ,
Дар лаби дарёи лутфи Ҳақ пайдо кардаам.

То зи тӯфони ҳаводиси ҷаҳон ёбам амон,
Ҳамчу Нӯҳ аз ростӣ киштӣ ба дарё кардаам.

Гирди кӯи ёри зебо гашта ҳар шому саҳар,
Дар ҷаҳони ишқ худро масту шайдо кардаам.

Донакаш мӯрам, миён аз баҳри хизмат бастаам,
Ризқи худ бо ранҷу бо заҳмат муҳайё кардаам.

Мисли Хуршеди дурахшон гашта Содиқ, хешро,
Дар ҷаҳони зиндагониҳо ҳувайдо кардаам.

* * *

Бирафтӣ бемурувват аз бари ман сӯи боғи ғайр.
Парешон кардӣ хотири ману хуррам димоғи ғайр.

Диламро пурҷароҳат кардӣ, э бози баландпарвоз,
Шифо бахшидӣ чун Сино, нигоро, дарду доғи ғайр.

Хамӯш аст шамъи ҷонам бе рухи моҳат, шаҳи хубон,
Шабон парвонасон мегардӣ бар гирди чароғи ғайр.

Тиҳӣ аст бе ту манро дар назар боғу гулистонҳо,
Ба шамъи рӯи худ равшан намудӣ кӯчабоғи ғайр.

Равад бар хони арбоби карам баҳри тамаъ сойил,
Ту ҳам афтодаӣ аз баҳри ҷоме дар суроғи ғайр.

Намепурсӣ зи ҳоли ташнагони Карбалои худ,
Зи оби васли ҷон пур кардаӣ ҷоно, айёғи ғайр.

Ба ёди ту хурад хуни ҷигар, эй гулбадан, Содиқ,
Ту ҳастӣ дар пайи осудаҳоливу фароғи ғайр.

* * *

Эй ҷавонӣ, гар туро бори дигар орам ба даст.
Ҳамчу моҳии тилло баргирамат маҳкам ба шаст.

Гашта ҷорӣ аз фарозу шебҳои зиндагӣ,
Эй ҷавонӣ, аз барам рафтӣ ту мисли рӯди маст.

Гӯиё ту қатраи май будӣ, ман нӯшидамат,
Боз дар ёди ту мегардам махмуру аласт.

Гашта пайдо бар сару сина маро мӯйи сафед,
Қуввату дармон, овози гулӯям гашт паст.

Ҳамчу марди аз ватан дуррафта рафтӣ аз барам,
Аспи зарринат дубора рахт бар сӯям набаст.

Гар биҷаст тир аз камон ё санг аз болои кӯҳ,
Барнагардад бар қафо, ин шева буду боз ҳаст.

Навбаҳорӣ, чашмасорӣ, шӯху шангӣ, ёдгорӣ
Эй ҷавонӣ, ту зи умри Содиқи шайдову маст.

* * *

Ғазали ман нишон аз дили ғамноки ман аст.
Алами ман ҳамин синаи бебоки ман аст.

Дарду ғамҳои ҷаҳон аст, ниҳон дар дили ман,
Шарҳи ин ҳол ҳамин дидаи намноки ман аст.

Раъду барқ хобида чун кӯҳ ба ҷону тани ман,
Хашм бар лаб сифати қалби аламноки ман аст.

Рӯзгорест,ки бар дӯши ман аст бори ҷаҳон,
Чоки ҳар гӯшаи гул нақши дили чоки ман аст.

Нӯш кун бодаи хуш, то раҳӣ аз қайди ситам,
Васли он ёри ширин оби тарабноки ман аст.

Он ки мебинӣ маро дар ҷабин ожанги қатор,
Захмҳои теғи он дилбари чолоки ман аст.

Содиқо, лутфи нигору майи софу лаби ҷӯ,
Роҳати ҷону давои дили ғамноки ман аст.

* * *

Намехандӣ, намегирйӣ, ба ҳолам, осмон имрӯз.
Ту хандон будиву гирён, ба ҳолам ҳар шабу ҳар рӯз.

Ба монанди шаҳи тундхӯ ва ё чун шоҳиди бадхӯ,
Ту пешонӣ намудӣ чин, шудастӣ тунду бадомӯз.

На деҳқон аз ту розиву на боғбону на кимёгар,
Ҳама аз қаҳри ту ангушти ҳайрат мегазанд имрӯз.

Намо эҳсону хайри худ барои оламу одам,
Чу Ҳотам аз саховат бар тани худ ҷомае бардӯз.

Шаванд дарёву ҷӯю чашмаҳо пуроб аз меҳрат,
Замину боғҳо гулпӯшу сарсабзу ҷаҳонафрӯз.

Бибор, ай осмон, имрӯз, бихандд, ай осмон, ҳар рӯз,
Нигоҳи хайрхоҳатро ба сӯи мулки мо бардӯз.

Бибор, ай осмон, ҳар рӯз, шавад пурфайз хони мо,
Бихандд, ай осмон, имрӯз, шавад Содиқ хушу фирӯз.

* * *

Оҳи ҳар мардуми бечораву зор оҳи ман аст.
Роҳи мардони накӯкору хирад роҳи ман аст.

Дидаҳо дӯхтаам дар раҳи корвони наҷот,
Юсуфам, ҳилаву макри разилон чоҳи ман аст.

Дар ҷавонӣ зи ғами даҳр миён гашт дуто,
Он ҳилоли чордаҳ порае аз моҳи ман аст.

Ҳамнишинам ба дилу дин ба Худованди карим,
Чӣ кунам, иблиси шар ҳамдаму ҳамроҳи ман аст.

Дӯстонам пайи мақсуд дуогӯи мананд,
Зи ҳасад хасми бадандеш, балохоҳи ман аст.

Он ки баъди сари ман чир-чири шабҳо бикунад,
Эй писар, нек бидораш, ки арвоҳи ман аст.

Содиқ, аз ҳарзаву ғавғои бадандеш матарс,
Мардуми неку худотарс ҳавохоҳи ман аст.

* * *

Шоми ҳиҷрон бигзарад, субҳи сафо ояд ҳаме.
Эй чаман, хуш бош, мурғи хушнаво ояд ҳаме.

Эй дили ношод, дигар бас намо андӯҳу ғам,
Ёри ширин боз бо лутфу вафо ояд ҳаме.

Сабр кун аз дарди ҳиҷрон, эй тани ранҷури ман,
Баҳри дармони ту Сино бо даво ояд ҳаме.

Ғам бирафт аз дил, ба сар маъво гирифт шӯру тараб,
Ҷоми май пеш ор соқӣ, ошно ояд ҳаме.

Аз хазони баргу гул ғамгин машав, эй андалеб,
Навбаҳорон бо гулу боди сабо ояд ҳаме.

Эй чаман, хуш бош, баҳри коми васлат ҳар баҳор,
Булбули шӯрида бо савту садо ояд ҳаме.

Эй баҳори ноз, баҳри чидани гулҳои ту,
Содиқи дилдода бо чангу наво ояд ҳаме.

* * *

Ҷоно, баҳорӣ зиндагонӣ гузарад.
Шӯру тараби даври ҷавонӣ гузарад.

Пирӣ чу расад, бидон, ки охир дорад,
Чун дай бирасад, даври хазонӣ гузарад.

Дар олами фонӣ ёри ҷонӣ дарёб,
Ҳарчанд, ки умр ба ёри нонӣ гузарад.

Баркӯш, ки хонаат бувад пурмеҳмон,
То умри азиз ба меҳмонӣ гузарад.

Умр арчи аён мегузарад дар назарат,
Чун нек бинӣ, чу бод ниҳонӣ гузарад.

Ҳушёр бибояду ба даҳр коре кард,
Чун махмуриву масти разонӣ гузарад.

Гар хоҳӣ нишон аз ин ҷаҳон, некӣ кун,
Чун нек накардӣ, бенишонӣ гузарад.

Пайванд ба Худои аззу ҷалл, то тани ту,
Бе офати арзу осмонӣ гузарад.

Содиқ, зи оби чашмаи Ҳайвон нӯш,
Номат чу Хизир ба ҷовидонӣ гузарад.

* * *

Эй бод, саломи ман ба он хоки диёр деҳ.
Пайғоми булбул ба гули фасли баҳор деҳ.

Эй сӯфии софӣ, бинӯш аз ҷоми васли ёр,
Зикру дуо ба зоҳиди шабзиндадор деҳ.

Эй ёр, оби чашма бас нӯшидаам, ба ман,
Оби сафо зи чашмаи чашми хумор деҳ.

Ё Раб, салоҳи кишвару ташвиши зиндагӣ,
Бахшо ба хусравон, маро васли нигор деҳ.

Маънии ин ҷаҳон ҳама меҳру муҳаббат аст,
Ё Раб, ба ошиқон даме бӯсу канор деҳ.

Эй лола, доғҳои дил бо ашки ман бишӯй,
Андӯҳи Маҷнуни ҷафокашро ба хор деҳ.

Ё Раб, ба Содиқи малул аз баҳри зиндагӣ,
Ҷоми нишоту айш ҳар лайлу наҳор деҳ.

* * *

Бархезу табли шодӣ зан, ёри вафодор омадаст.
Наргис кушо чашмони ноз, обе ба ҷӯбор омадаст.

Эй ақл, ту ҳушёр бош, эй дил, ту пурасрор бош,
Аз баҳри тороҷу қитол, он турки таррор омадаст.

Он сӯфии софӣ бубин, дар каф шароби ангабин,
Бар кӯи ёри нозанин, ҳам масту ҳушёр омадаст.

Он пири Канъонро бигӯ, дигар ба ашкат рӯ нашӯ,
Он Юсуфи зебоҷабин, аз баҳри дидор омадаст.

Он пири барноро нигар, то даркашад ҷоми хазар,
Хандону хуш вақти саҳар, бар кӯи хаммор омадаст.

То ин ки бахшад нору нур, бар ҷону тан шӯру сурур,
Мутриб ба базми ошиқон, бо чангу сетор омадаст.

Эй нозанини гулбадан, в-эй рашки сад боғу чаман,
Ҳусни туро бо симу зар, Содиқ харидор омадаст.

* * *

Эй Худо, афзун намо ту ҳар буду нобуди ман.
Аз талоши хасм эмин дор хону ҷуди ман.

Роҳи ман ҳамвор дору бахти ман пирӯзбол,
Мустаҷоби ҳар ду олам соз ин мақсуди ман.

Синаам пурмеҳр дору дар хаёлам ёди дӯст,
Булбули ман хушсадову хушнаво кун уди ман.

Уқдаи сарбастаам бикшо, ба корам деҳ ривоҷ,
Равнақи бозор бахшу авҷи вофир суди ман.

Дар ҷаҳони пур зи шӯру шарру зулму фитнаҳо,
Хандаҳо бар лаб бидеҳ аз ёри сарвандуди ман.

Мегудозад ҷону тан шебу фарози зиндагӣ,
Оламеро мекунад равшан ғубору дуди ман.

Лолаи саҳрову сарву савсану гул, Содиқо,
Ашки ғам аз дидаҳо резад пайи падруди ман.

* * *

Ба чашми ҷоду орад дар каманд оҳуи саҳроро.
Ба афсун ҷаъди гесӯяш кунад кори Масеҳоро.

Ба ҳар коре набояд бо нигоҳи худ назар кардан,
Ба чашми Маҷнуни шӯрида бин рухсори Лайлоро.

Чу мавҷи оби дарё ҷилваҳои он парипайкар,
Ба тасхир оварад нозу хиромишҳои Салморо.

Зи нури офтоб барфи зимистон об мегардад,
Рухи чун шамси ӯ афсурда созад санги хороро.

Муаллим гаштаанд чашмони шаҳлояш ба ошиқӣ,
Диҳанд таълими ишқу ошиқӣ Вомиқу Узроро.

Фараҳ бахшад димоғамро насими ҷаъди гесӯяш,
Набошад ҳоҷате бар мӯю рӯяш мушки Сороро.

Нигори ман чу гулҳои баҳорӣ чеҳрахандон аст,
Гулистон мекунад, Содиқ, қудумаш манзили моро.

* * *

Дар чаҳони орзуҳо пурхатар шуд роҳи мо.
Кӯҳро аз по барорад барқосо оҳи мо.

Гарчи хомӯшем чун мурғи қафас дар зиндагӣ,
Юсуфи Канъон шабе пайдо шавад дар чоҳи мо.

Раҳравонем бехабар аз асли худ дар зиндагӣ,
Гашта танҳои миёни одамон ҳамроҳи мо.

Гарчи тӯфон аст, сад раҳ то ба соҳили мурод,
Мерасонад киштии мақсудро маллоҳи мо.

Пардаи зулмот дорад қасди нури маърифат,
Мекунад шабро мунаввар ҳамчу фонус моҳи мо.

Шеърҳои дилкашам мехонаду пар мезанад,
Баъди марг дар синаҳои орифон арвоҳи мо.

Ҳар киро бинам чу Содиқ, гашта саргардони хеш,
Кай кунад парвои ҳоли бенавоён шоҳи мо.

* * *

Ашки чашмам рехт ҳарчанд, лек мисли ям нашуд.
Оҳи мазлум то фалак рафту ситамҳо кам нашуд.

Нокасе кард тавфи Каъба, боз омад бар Ватан,
Аз каҷии даҳр ҳоҷӣ шуд, вале одам нашуд.

Ваҳйи яздонӣ расид ҷон бар тани одам дамид,
Ҳеҷ модар дар бинои тифл чун Марям нашуд.

Ранг бахшиданд ҷаҳони тозаву берангро,
Ихтилофи шиъаю суннӣ ба ҷуз мотам нашуд.

Сад табиб омад ба болинам, бикард сад чораҳо,
Доғҳои синаамро андаке марҳам нашуд.

То кунун аз рӯзи аввал базмҳо оростанд,
Ҳеҷ базми подшоҳе мисли базми Ҷам нашуд.

Хайру эҳсон мустаҷоб аст, Содиқо, гар бериёст,
Кард Намруд бо риё хайру, вале Ҳотам нашуд.

* * *

Ин ҷаҳонро пеш аз ин ҳам шеваи мастона буд.
Гардиши ҷоми фалакро гардиши паймона буд.

Ин ҳама лофу ғурури мӯҳтасиб аз баҳри чист,
Аз азал сӯфии моро ҷой дар майхона буд.

Нест савдои матои фозилонро ҷуз хирад,
Ганҷро аз рӯзи аввал ҷой дар вайрона буд.

Орифонро пардаи дил гашта сози мутрибон,
Оқилонро манзилу ҷо кишвари бегона буд.

Эй фалак,чандин ҷафо дар синаи аҳли хирад,
В-арна дар дунёи фонӣ беадаб чандона буд.

Маъшуқонро ғунчаҳо бишкуфт дар роҳи висол,
Ошиқонро дарди ҳиҷрон дар бадан завлона буд.

Шӯҳра гаштем ҳамчу най дур аз найистон, Содиқо,
В-арна моро бенишонӣ дар Ватан ҳамхона буд.

* * *

Ҷаҳд бинмо, эй бародар, дар пайи мақсуд бош.
Даст бар зулфи нигору ҷому чангу уд бош.

Чанд гардӣ орӣ аз ташвиши ин дунёи дун,
Ҳамчу Маҷнун чеҳра маҳзуну дарун пурдуд бош.

Ҳар баҳореро хазону ҳар нишотеро ғам аст,
Гоҳ бӯтеморҳолу гаҳ чу кабк хушнуд бош.

Сарф кардӣ умр дар роҳи ҳаёти дигарон,
Ин замон дар орзуи зиндагии худ бош.

Ёри дурафтода аз ту меравад, таъхир чист,
Дер кардӣ аз висолаш, эй бародар, зуд бош.

Бутпарастӣ боргоҳи худпарастиҳо бувад,
Ёди Иброҳим бинмо, фориғ аз Намруд бош.

Умр чун абри баҳор аст, Содиқо, таъхир чист,
Дар канори ҷӯй бо бонуи сарвандуд бош.

* * *

Мо аз он ҷоему он ҷо меравем.
Мо ба сар афтода бе по меравем.

Мо зи Ҳақ ҳастему ҷӯёи Ҳақем,
Мо ба сӯи Ҳақтаъоло меравем.

Чашми мо бинандаи чашми хуш аст,
Мо пайи он чашми шаҳло меравем.

Шеваи мардон набошад пастиҳо,
Мо пайи мақсуд боло меравем.

Пардаи мардум даридан хуб нест,
Баҳри ҷурмпӯшӣ чу коло меравем.

Рӯи дарё мо надорем ҳеҷ кор,
Зери дарё баҳри лоло меравем.

Бо мурувват дӯстро мепарварем,
Сӯи душман бо мадоро меравем.

Ин ҷаҳон вайрона асту дар пояш,
Чун Сикандар сӯи Доро меравем.

Кори дунёро накарда мо тамом,
Содиқо, аз дори дунё меравем.

* * *

Имрӯз шоду хуррамем, ёри рамида омадаст.
Имрӯз ҷумла бо ҳамем, моҳи фарида омадаст.

Булбулсифат дар чаҳчаҳем, чун кабкҳо дар қаҳқаҳем,
Зеро чу гул дар гулситон, мурғи парида омадаст.

Дар доми васлаш бастаам, аз қайди ғам ворастаам,
Он ёри гулпироҳанам, гулҳо бичида омадаст.

Омад вафою ростӣ, омад баҳору дӯстӣ,
Субҳи сафо аз домани шабҳо дамида омадаст.

Ашкам ба рухсорам чакид, аз ҳалқаи чашмам раҳид,
Шодам, ки рӯи ғайрро, ёрам надида омадаст.

Дар интизораш будаем, чашмон ба дастҳо судаем,
Он моҳи якто пардаи шабҳо дарида омадаст.

Чашмони мо равшан шуд, дилҳои мо гулшан шуд,
Бархез, Содиқ, сӯи мо, он нури дида омадаст.

* * *

Аз биёбон рӯ ба шаҳр овардаанд девонаҳо.
Аз насиҳат лаб бубастанд оқилу фарзонаҳо.

Шуд чаман манзили хору хас зи боди сарсарӣ,
Аз қудуми ҷоҳилон вайрона гаштанд хонаҳо.

Мешаванд сармасти ҷоми бода ёрони қадим,
Сӯфиёнро нест парвои майу майхонаҳо.

Рӯзи сахтӣ молу зар душман ба дунёдор шуд,
Чуғзро гардид ҳисори офият вайронаҳо.

Нафси саркаш одамиро мекунад по дар таноб,
Мурғи ғофил дом бар дӯш аст баҳри донаҳо.

Маҷлиси асҳоб холӣ шуд зи шодиву тараб,
Шамъ хомӯш аст ин дам, рафтаанд парвонаҳо.

Домани ҳурон ба осонӣ намеояд ба каф,
Мекашад аз баҳри гесӯ захми ханҷар шонаҳо.

Мешавад ҳосил зи тиру дона қасд сайёдро,
Зӯр ё зар бояд аз баҳри дили ҷононаҳо.

Содиқо, айёми гул рафту расид фасли хазон,
Созҳо хомӯшу аз май шуд тиҳӣ паймонаҳо.

* * *

Шикваҳо аз каҷравии чархи гардун мекунам.
Нолаҳо аз саркашии бахти ворун мекунам.

Ашк мерезам зи чашмонам чу абри навбаҳор,
То бадин раҳ ғуссаҳо аз сина берун мекунам.

Булбули шӯрида гирад ком аз рухсори гул,
Коми худ ширин ман аз лабҳои майгун мекунам.

Саҷда кардӣ пеши ёрам гар малак дидӣ варо,
Дар сифоташ хомаро аз васф гулгун мекунам.

Гар надорад майли мо ҷонона аз роҳи ғурур,
Гиряҳо дар роҳи васлаш ҳамчу Маҷнун мекунам.

Домани ҳурон ба осонӣ намеояд ба каф,
Мекашанд аз баҳри гесӯ захми ханҷар шонаҳо.

То ба даст орам ду зулфи печ андар печи ӯ,
Ҳамчу Мусои асобардаст афсун мекунам.

То бибӯсам, Содиқо, рӯи чу хуршеди нигор,
Чун шафақ аз интизорӣ дида пурхун мекунам.

* * *

Рухи чун моҳу ду абрӯи ҳилол аст туро.
Дом густурда гирифтан чӣ муҳол аст туро.

Ҳама дам дар сари ман ёди ту парвоз кунад,
Ман надонам, париваш, чӣ хаёл аст туро.

Меҳри ту бар дили ғамнок мудом аст маро,
Баҳри қатлам зи ҷаҳолат хату хол аст туро,

Ҷисми ман мисли дарахтони пир аст аз ғами ту,
Шӯхчашм, қомати монанди ниҳол аст туро.

Рӯ зи ман пӯшиданат захмаи теғ аст ба дил,
Хандаҳои рақибон авҷи камол аст туро.

Сабзаву лолаву гул дар қудумат бод мудом,
Мисли хуршеду қамар, ёр, ҷамол аст туро.

Булбул аз шавқи рухи гул ба чаман хайма занад,
Ишқи Содиқ, нигоро, пару бол аст туро.

* * *

Дар рӯи хатокорон, дар бастаму бастам ман.
Аз қайди хатокорон, ман растаму растам ман.

Ҳам пиру ҷавонам ман, бунёди ҷаҳонам ман,
Фарёди замонам ман, ман ҳастаму ҳастам ман.

Гаҳ пой шудам дар банд, гаҳ ғамгину гаҳ хурсанд,
Аз ранҷу азобу ғам, ман растаму растам ман.

Ман Мусии Имронам, ман Исии давронам,
Дилбастаи Яздонам, дил бастаму бастам ман.

Ман шеъру ғазал хонам, ман булбули хушхонам,
Ман Ҳофизу Хайёмам, ман мастаму мастам ман.

Ман ёри вафодорам, ман мӯниси ғамхорам,
Ман толиби дидорам, ман ҳастаму ҳастам ман.

Бутхона шикастам ман, зуннор гусастам ман,
Чун сабза зи хоки хеш, ман растаму растам ман.

Ман рӯди равонам ман, асрори ниҳонам ман,
Ман тири камонам ман, ман ҷастаму ҷастам ман.

Содиқ, на ҳушёрам, не масту на хумморам,
Ҷуз ман надонад ман, ман кистаму кистам ман.

* * *

Дар ҷавонӣ ишқи ту охир маро пир мекунад.
Бандҳо дар гардану дар пой занҷир мекунад.

Хира мегардад шуъои шамс аз абри сияҳ,
Сӯҳбати нокас маро сардарду дилгир мекунад.

Майли вайронӣ намудаст, гарчи девори ятим,
Дасти Хизри ҷовидон оҳанги таъмир мекунад.

Дар масири зиндагонӣ одамони некро,
Ҳамраҳии мардумони бад, кофир мекунад.

Куфри неъмат неъмати ҳар кас кунад аз каф бурун,
Шукри неъмат неъматат, эй дӯст, вофир мекунад.

Дар сафар пайваста шав, то пухта гардад хоми ту,
Сӯҳбати ҳар қавму халқ фикри ту нодир мекунад.

Ҳарчи пеш ояд туро, Содиқ, ба роҳи зиндагӣ,
Толеи туст, он чиро бар ту мудаббир мекунад.

* * *

Эй нигоро, як шабе рӯйи чу моҳат бинаме.
Шоду хуррам даст бар ҷоми шаробат бинаме.

Талхиву шӯрии даҳр бодо насиби душманон,
Айшу шодии ҷаҳон,эй гул, ба комат бинаме.

Гарчи озор аст корат дар ҷаҳони ошиқӣ,
Қуръаи фоли накӯиҳо ба номат бинаме.

Баҳри қатли ошиқон,эй турки абрӯпургиреҳ,
Асп зери пову ханҷар дар наёмат бинаме.

Мерамӣ чун оҳуи саҳро зи пешам ҳар замон.
Кош чун мурғи қафас, эй гул, ба домат бинаме.

Булбулонро бандаи рӯйи чу моҳат, дилрабо,
Ошиқонро куштаи тири нигоҳат бинаме.

Эй гули навруста, рӯзе дар бари Содиқи хеш,
Даст пеши бар бо арзи саломат бинаме.

* * *

Тири сайёди ачал кард ҷигарсӯз маро.
Ба ғаму ғусса биёмехт шабу рӯз маро.

Чӣ кунам дар раҳи тадбири ситамҳои ҷаҳон,
Кош дасте будӣ пурқуввату пирӯз маро.

Ёри ғаммоз зи оҳи дили мо огоҳ нест,
Ваъдаи васл диҳад ҳар шабу ҳар рӯз маро.

Офтоби рухи он сарви равон сӯхт танам,
Кош чатре будӣ бар сар сояандӯз маро.

Ҳар киро ид хуш аст, лек ба ҳар давру замон,
Дидани рӯи нигор аст, иди Наврӯз маро.

Зи ғаму ранҷу балоҳои замон дорад амон,
Содиқ, арвоҳи падар, модари дилсӯз маро.

* * *

Бехудию сарсарӣ аз ҷой беҷоят кунад.
Бе таҳаммул гуфтаниҳо зишту расвоят кунад.

Бо бадон биншаста гар гум карда бошӣ хешро,
Ҳамнишинӣ бо накӯён боз пайдоят кунад.

Васли ёри дилрабо ҷоми шароб аст, нӯш кун,
Дар ҷаҳони ошиқӣ сармасту шайдоят кунад.

Гар Худоят нек хонад, кай шавӣ танҳои ҷамъ,
В-ар биронад, байни ҷамъ берӯзу танҳоят кунад.

Чун чаман гул мекунӣ, гар бошӣ бо ақлу тамиз,
Зиштиву бадкорӣ охир хори саҳроят кунад.

Ростиҳо мебарандат то дари аршулазим,
Каҷравиҳо, эй бародар, теша дар поят кунад.

Душманиҳо оварад заъфи бадан бар ҷони ту,
Дӯстиҳо, Содиқо зӯру тавонойат кунад.

* * *

Аз ишқи ту, эй сарви равон, сина кабоб аст.
В-аз ҷаври ту, эй абрӯкамон, дида пуроб аст.

Рухсораи зебои ту рашки гулу насрин,
В-аз наргиси фаттони ту ҷонам ба азоб аст.

Мо ташнаи дарёи рухи ёри азизем,
Об додану бахшидани ҷон айни савоб аст.

То он ки кунад васф рухи ёри дилафрӯз,
Моро лаби пурханда ба монанди рубоб аст.

Рӯи ту чу шамсу қамар аст, бонуи шаҳрӣ,
Рухсораи ту, бонуи деҳ, зери ҳиҷоб аст.

Ҳушёрӣ зи даст рафт маро аз нигаҳи ту,
Эй оҳуи мушкин, нигаҳат бодаи ноб аст.

Содиқ, хами абрӯю руху ғамзаи он моҳ,
То ғарқа кунад ошиқи дилдода сароб аст.

* * *

Оташингуфтораму гарм мекунам маҳфилҳо.
Маҷнуни шӯридаам пай мегирам маҳмилҳо.

Кори ман дар зиндагӣ хизмат ба халқу меҳан аст,
Мекунам осон ҳар дармондаро мушкилҳо.

То бинӯшам ҷуръае аз чашмаи ҳайвони умр,
Хизри хуштолеаму тай мекунам манзилҳо.

Дафъи торикии ҳар кошона шамъу фонус аст,
Аз каломи орифон бастам ба худ қандилҳо.

Сӯзанам, аз пойи ҳар кас мекунам хоре бурун,
Мехӯрам хун, то зи қайди ғам раҳонам дилҳо.

Ишқ дар дил мекунад туғён дар ёди Худо,
Ҳамчу мавҷи рӯди саркаш дар лаби соҳилҳо.

Содиқо, аз бевафоён дурӣ ҷӯ, гар содиқӣ,
Кай шаванд ҳамсӯҳбати нобихрадон оқилҳо.

* * *

Чӣ шаб аст ин шаби мо ёр, дароз аст имшаб.
Шаби ошиқию ҳангомаю ноз аст имшаб.

Субҳи содиқ, макаш парда зи рухсораи шаб,
Дасти мо бар сари он зулфи дароз аст имшаб.

Даст аз кори ҷаҳон боз гир, эй ақлу хирад,
Байни мову гули мо олами роз аст имшаб.

Саҷда орем ба абрӯи чу меҳроби нигор,
Ошиқонро бари маъшуқа намоз аст имшаб.

Сорбони вақт, оҳиста бирон ноқаи шаб,
Корвони васл дар дашти Ҳиҷоз аст имшаб.

Лолаву сарв, ба боғи дили мо базм кунед,
Байни ёру ману дил сӯзу гудоз аст имшаб.

Бе ибо ёр, қадам неҳ ба манзилгаҳи мо,
Ки дари синаи Содиқ ба ту боз аст имшаб.

* * *

Рӯз то бегоҳ фикри обу нон аст кори мо.
То саҳаргаҳ авҷи ирфон аст дар бозори мо.

Бар дили ғамгини мо бигрист чашми навбаҳор,
Ҳеҷ касро нест парвое ба ҳоли зори мо.

Дар масал гӯянд: «некиро бадист подошҳо»,
Даст додем ҳар киро шуд дар пайи озори мо.

То шудем андар пайи таъмири девори касон,
Дар касодӣ рӯ ниҳодаст равнаќи бозори мо.

Сахт бебунёд гаштаст боргоҳи дӯстӣ,
Душманиҳо мекунад пайваста бар мо, ёри мо.

Рахт бастанд булбулону қумриён аз бӯстон,
Маскани зоғу заған гардидааст, гулзори мо.

Содиқо, гар даҳр гирад номам аз лавҳу қалам,
Кай тавон аз лавҳи хотирҳо сутурд ашъори мо.

* * *

Ман баҳору ман хазони зиндагонӣ дидаам.
Ман даруни синаам доғи ниҳонӣ дидаам.

Ман чашидам аз майи ирфонию оби разон,
Ман зи душман ранҷ, аз дӯст меҳрубонӣ дидаам.

Навбаҳорон рӯҳ мебахшад ҷаҳони мурдаро,
Аз нигоҳи ёри зебо шодмонӣ дидаам.

Дос дар даст ё табар дар китф, гӯсфанд пеш-пеш,
Дар дили кӯҳу дара даври ҷавонӣ дидаам.

Дафтари шоиртарошон пур зи луғзу мағзи пуч,
Дар каломи орифон нақши маъонӣ дидаам.

Ҳам вафою бевафоӣ шеваи чархи дун аст,
Дӯстонро гоҳ ҷонӣ, гаҳ забонӣ дидаам.

Умри ту Содиқ, чу оби рӯдҳо бошад равон,
Рӯзгорат пур зи ранҷу комронӣ дидаам.

* * *

Сина дар роҳи ҳақиқат сипар бояд кард.
Дар раҳи пухтани ҳар хом асар бояд кард.

Гар туро роҳ ба манзили мурод аст равон,
Пас зи ёрони хатопеша ҳазар бояд кард.

Пири мо дӯш бигуфт: «кори ҷаҳон маҳкам нест»,
Пас зи ҳар неку бадаш сарфи назар бояд кард.

Умри одам ба мисоли ашк дар мижгон аст,
Ҳар дам андешаи айёми сафар бояд кард.

Моҳу хуршедсифат шӯъла бибояд пошид,
Кор дар пайгирии аҳли ҳунар бояд кард.

Гар ҷаҳон дар пайи озори бани инсон аст,
Пас в-аро сар ба қадам зеру забар бояд кард.

Эминӣ хоҳӣ зи захми хорҳои сари роҳ,
Содиқ, аз пайраҳаву роҳ гузар бояд кард.

* * *

Сӯфии саҷҷода дар каф майпарастӣ мекунад.
Дилбари айёри мо оҳанги мастӣ мекунад.

Таълими ҳайвон набошад кори мардони хирад,
Гар шавад нокас Фалотун, майли пастӣ мекунад.

Васли он моҳиҷаҳон бо мушти зар будӣ насиб,
Ҳиммати толеи пастам тангдастӣ мекунад.

Захми неши хор месозад в-аро болонишин,
Золимонро олами дун сарпарастӣ мекунад.

Зулфи хам андар хами он ёр ҷисму ҷони ман,
То бигирад дар камандаш пешдастӣ мекунад.

Гар кашад, Содиқ, ба ҷонам даҳр хатти нестӣ,
Лек гуфтори баландам арзи ҳастӣ мекунад.

* * *

Дар бастӣ чаро бар рухи ман хоҷаи хаммор.
Май деҳ ба ман бишканадам ташвиши хуммор.

Бе бода маро ҷон ба мисли пари коҳ аст,
Май нӯш кунам, сабз шавам боз дигар бор.

Дилбастаи маъшуқу маям, айб магиред,
Маъшуқу май аст одамиро мӯнису ғамхор.

Лаб бар лаби он косаи заррин ниҳам боз,
То он ки шавам бохабар аз олами асрор.

Ошиқиву мастӣ ба ҷаҳон кори илоҳист,
Бар ошиқу мастон мазанед санг ба зинҳор.

Онро ки зи дунёи ҳақиқат хабараш нест,
Ҳаргиз набудасту нашавад ёри вафодор.

Дунё гузарон аст, макун таъхири ишрат,
Май нӯш, дили маъшуқа Содиқ, ба даст ор.

* * *

Хонуми зебо, ту шамъ астиву ман парвонаам.
Кош рӯзе мешудӣ меҳмон дар кошонаам.

Рӯйи чун моҳат гирифторам намуд бар ишқи ту,
Аз тамошои рухат гаҳ масту гаҳ девонаам.

Бе тамошои қади сарват на сабр асту қарор,
Муддате дур аз висолат бо маю паймонаам.

Сӯи ҳаййи Лайлӣ ҳамчу Маҷнуни шӯридасар,
Гирди кӯят дар сафар гардида дур аз хонаам.

Ҳамчу машшота ба роҳат интизорам, гом неҳ,
Баҳри ороиши мӯят панҷаҳо чун шонаам.

Ман намедонам, ки ман бо ту чӣ созам, эй нигор,
Чора бинмо як шабе дарди дили бечораам.

Содиқам, гарди касодӣ дар бисотам по ниҳод,
Дилбаро, чун ганҷҳо хобида дар вайронаам.

* * *

Ахтарсифатӣ, гоҳ аёнию ниҳонӣ.
Эй ёри накӯ, рашки маҳӣ, лаъли ямонӣ.

Ҳарчанд, ки ҷон аст ширин дар тани одам,
Аз баҳри Худо, ёр, ширинтар ту зи ҷонӣ.

Монанди парӣ мавҷуди зебое набошад,
Ту одамӣ, аммо ба сурат беҳтар аз онӣ.

Эй боди сабо, баҳри чӣ бар мо гузарат нест,
Чандест, ки сӯи хасу хошок вазонӣ.

Эй оҳуи мушкин, зи рафиқон ту чаро дур,
Дар кӯҳу камар бо даду девон равонӣ.

Аз дурият, эй ёр, шуд афсурда тани ман,
Ман барги дарахтам, ту дило, боди хазонӣ.

Ё Раб, бари он дилбари симинбадани хеш,
Содиқи дилошуфтаю ғамгин бирасонӣ.

* * *

Рӯзгори рафта ҳар дам мерасад бар ёди ман.
Ёди ёрон шод месозад дили ношоди ман.

Нест дар шеъри тарам кӯтоҳии андешаҳо,
Оламеро мекунад зеру забар фарёди ман.

Мефазояд табъи гавҳарбори ман ҳар дам садаф,
Авҷи равнақ медиҳад дармондаро имдоди ман.

Менавозад гесӯи гул панҷаи боди сабо,
Ошиқонро рӯҳ мебахшад насими боди ман.

Эй Худои пок ройи туст хайру ростӣ,
Ҳар замон афзун намо, шодии қалби шоди ман.

Ҳамчу булбул масту шайдо сӯи гулҳо ҳар баҳор,
Мурғакон оянд аз баҳри муборакбоди ман.

Ҳар амалро ҳар мукофотест охир, Содиқо,
Рӯзи ҳашр эзид ситонад аз разилон доди ман.

* * *

Шод бинмо, эй Худо, ин синаи ношодро.
Ҳеҷ андӯҳгин макун хотиру қалби шодро.

Кам макун борони меҳрат бар сари аҳли башар,
Боз ободӣ бидеҳ ин хонаи ободро.

Пой бар андозаи бистар бояд кард дароз,
Кӯҳ охир маҳв созад қуввати Фарҳодро.

Қадди ёрам чун алиф аст, сарв бас мағрур машав,
Саҷдаҳо бошад ба пои ёри ман шамшодро.

Фатҳи дунё мешавад бо амри Ҳақ бар кас насиб,
Бар Сулаймон ончунон деву париву бодро.

Кай кунад парвои захми устухон мурғи ҳумо,
Гӯши золим кай пазирад нолаву фарёдро.

Тир натвон сохт, Содиқ, ҳеҷ гаҳ аз чӯби каҷ,
Панду ҳикмат кай асар созад каси бадзодро.

* * *

Дар ғами васлат, нигоро, нотавонам, чун кунам?
Қад дуто, эй нозанин, мисли камонам, чун кунам?

То асар ёбам зи манзилу маконат, эй нигор,
Дидаҳо дар роҳи рахти корвонам, чун кунам?

Мисли хуршеди ҷаҳонгир чеҳраам сад нур дошт,
Ҳол моҳи зери абри осмонам, чун кунам?

Ҳар замон дар фикри онам то ба дом орам туро,
Шеваи нози туро, ҷоно, надонам, чун кунам?

Васли рӯят ҷон диҳад, ҳаҷрат кунад ҷонам хароб,
Гоҳҳо чун навбаҳору гаҳ хазонам, чун кунам?

Ҳар замон гӯӣ, ки рахти хеш банд аз шаҳри мо,
Дилбаро, бо амри ишқат меҳмонам, чун кунам?

Ҷаҳдҳо дорам, ки нӯшам ҷоми васлаш, Содиқо,
Ташнаи дарёи лутфи ёри ҷонам, чун кунам?

* * *

Булбулам, дорам ба сар андешаи гулзорҳо.
Ошиқам, дорам таманно бӯса аз рухсорҳо.

Нарм месозам замини пурсаховат ҳар баҳор,
Деҳқонам, дона мегирам аз ин шудгорҳо.

Фикри он дорам зи ман роҳат расад бар одамон,
Ҳар замон андеша дорам кам кунам озорҳо.

Лоласон аст синаам аз захми теғи зиндагӣ,
Гоҳ ранҷур, гаҳ хушам аз дору аз нодорҳо.

Золимонро айшу ишрат ранҷи аҳли заҳмат аст,
Мезананд бар ҷони мардум неши худ ин морҳо.

Нестам бемори нодонӣ ба майдони сухан,
Аз каломи орифон дорам ба худ тӯморҳо.

Содиқо, аз баҳри роҳат тан бидеҳ андар азоб,
Ошиқам, дорам ба ҷонам захмаи ағёрҳо.

* * *

Ғанимат дон, дило, даврони фақру бенавоиро.
Зи ношукрӣ фалак бар лаб занад мӯҳри гадоиро.

Ҷавонмардию эҳсону мурувват рафт бо Ҳотам
Ки аз баҳри риё мардум диҳанд нони худоиро.

На ҳар дилбар бидонад қадри ишқу нолаи ошиқ,
Зи Салмои хиромон бояд омӯхт дилрабоиро.

Зи асли кору маънӣ гашта ғофил пеша месозанд,
Ки шабкӯрони ақлу дин русуми худнамоиро

Мабодо, хори саҳро ҷой гирад бар сари девор,
Гадо мунъим шавад, рӯзе фурӯшад ошноиро

Суханро кор бандад кай хирадманд то наяндешад,
Набошад пеши доно қимате ҳарфи ҳавоиро.

Надонам аз чӣ бошад, Содиқо, дар олами фонӣ,
Намондаст эътиборе хулқу хӯйи порсоиро.

* * *

Танҳоӣ шаби тор чу дарде ба тан омад.
Ғамҳои замона ба дилу бар бадан омад.

Аз оҳу фиғону алами ин дили ғамнок,
Арвоҳи падар, модари ман, сӯйи ман омад.

Қумрӣ чу маро дид, ғамин гашту кашид оҳ,
Булбул чу фиғон карду ба сӯи чаман омад.

То қиссаи ман боди сабо бурд ба ҳар сӯй,
Маҷнуни хазонгашта ба кӯҳу даман омад.

Аз дасти Зулайхои Азиз Юсуфи Мисрӣ,
Чун лола ба чокии лаби пираҳан омад.

Парвона гурезон шавад аз сӯҳбатам имшаб ,
Бар оташу дуди сина зоғу заған омад.

Содиқ, сухан аз фасли гулу бода бигуфем,
Васфи рухи зебосанаме бар даҳан омад.

* * *

Гар шавам рустоӣ, аз нав харсаворӣ мекунам.
Дона мепошам чу деҳқон, боғдорӣ мекунам.

Ҳамчу Фарҳод аз барои ишқи зебодухтаре,
Обҳоро сӯйи шаҳру деҳ ҷорӣ мекунам.

Дурам аз гарданфарозиҳову аз кибру ғурур,
Аз тавозӯъу карам ман хоксорӣ мекунам.

Чашм пӯшидан ба ранҷу заҳмати кас хуб нест,
Ҳарчӣ аз дасти ман ояд, зуд ёрӣ мекунам.

Шеваи гуфтор бо хубон зӯрию зар аст,
Гарчӣ зӯрам, пеши хубон, лек зорӣ мекунам.

Зиндагӣ поянда аст бо меҳрубониву вафо,
Менавозам ёррову дӯстдорӣ мекунам.

Содиқо, ёрам чу шаҳри пур зи гулҳои тар аст,
Баҳри ободиву амнаш шаҳриёрӣ мекунам.

* * *

Кай шавад осон дар дунёи дун мушкил маро.
Бо хуни ин кофарон пайваст обу гил маро.

Қиссаҳои Маҷнуни шӯрида бас бишнидаам,
Дар ғамаш ғамхона шуд, эй дӯстон, ин дил маро.

Қасди куштан дорадам абрӯи он нозукбадан,
Раҳм бар ҷони ширин кай мекунад қотил маро.

Бастаам эҳром аз баҳри тавофи каъбааш,
Ноқаи бахт мерасонад бар дари манзил маро.

Бо бадон пайваст ёри Лут з-эҳсон шуд ҷудо,
Ҳамнишинӣ бо ҳакимон мекунад оқил маро.

Ғарқаи гирдоби дарёи фироқаш гаштаам,
Кай расонад киштии мақсуд бар соҳил маро.

Содиқо, парвонасон гаштам ба гирди кӯи ёр,
Шуд муроди дил аз ин гаштан шабе ҳосил маро.

* * *

Чашми мастат оҳувонро бар ту ошиқ мекунад.
Зоҳидони покро бедину фосиқ мекунад.

Чирагии Рустами Дастон аз бозӯи ӯст,
Орази моҳат туро бар ҷумла фоиқ мекунад.

Қадди болои чу сарву нозукат бар ошиқон,
Мекунад коре,ки офат бар халоиқ мекунад.

Сӯзиши парвона ӯро мекунад пайванди шамъ,
Сӯхтан моро ба ту ҳамдӯшу лоиқ мекунад.

Бӯсаҳои шаккарини лаъли ҷонбахшат, нигор,
Ҳар замон моро ба сӯи хеш ташвиқ мекунад.

Хандаҳои лаъли ҷонбахшат, нигори нозанин,
Маҳви дилу дидаҳо мисли шақоиқ мекунад.

Чун ситора то саҳаргаҳ бо ду чашмони кушод,
Зиндадориҳо ба ёдат, ёр, Содиқ мекунад.

* * *

Кӯҳфеълам гар бало гӯӣ, балоҳо гӯямат.
Меҳрубон бошӣ, агар дар кӯчаву кӯ пӯямат.

Гар биёрӣ бӯйи хуш аз нофаи мушки Хутан,
Аз замин бардораму монандаи гул бӯямат.

Гар ту бошӣ хоксору роҳатандӯзи касон,
Об мегардам, ғубору гарди раҳ мешӯямат.

В-ар намоӣ тундиву тезӣ ба ман ё бар ҳақир,
Бо сухан, бо дасту по озори ҷон меҷӯямат.

Дар масал гӯянд: «сулҳ аст байни одамҳо салом»,
Гар салом орӣ ба ман, чандин алейкҳо гӯямат.

Марди ҳақ бошию Хизросо равӣ дар зери об,
Аз таги дарё ба мисли дурру гавҳар ҷӯямат.

Кори неку ростӣ фарз аст, Содиқ бар ҳама,
Ин суханҳо бе шак аз баҳри Худо мегӯямат.

* * *

Даст бар сӯрох барӣ, аз морҳо андеша кун.
Чун тиҳипо меравӣ, аз хорҳо андеша кун.

Гирди кӯи ёр мегардӣ, зи худ ғофил машав,
Ошиқӣ, аз захмаи ағёрҳо андеша кун.

Мекунӣ гар таслими хуммор бо ҷоми шароб,
Ҳамчу Мансур пас зи рӯи дорҳо андеша кун.

Гар ту марди оқилӣ, зинҳор дил бар кас мадеҳ,
Аз фиребу ҳиллаи дилдорҳо андеша кун.

Бар хатокорӣ макун олуда худро, эй писар,
То дар ин раҳ аз ғаму озорҳо андеша кун.

Булбулӣ, бо гул нишин, бар тарфи хористон марав,
Чун найӣ каргас, пас аз мурдорҳо андеша кун.

Дар сухан гуфтан таҳаммул пеша бинмо, Содиқо,
Гоҳу ногоҳ аз муши деворҳо андеша кун.

* * *

Эй шаҳи хубони олам, гул ба домон бинамат.
Чеҳрахандон мисли гулҳои баҳорон бинамат.

Ҳамчу қумрӣ шоду хандон дар гулистону чаман,
Сар-сари кӯҳсор чун кабки хиромон бинамат.

Масту махмуру ғазалхон ҳамчу мурғони ҳаво,
Хушхирому шӯх монанди ғизолон бинамат.

Баркаш аз рух пардаву ораз намо бар ошиқон,
Нурпоши баҳру бар чун моҳи тобон бинамат.

Гарчи умрат бигзарад дарёбӣ айёми хазон,
Лек қадду қомати чун навниҳолон бинамат.

Гар гузар созӣ ба қабри куштагону мурдагон,
Баҳрашон ҷонбахш чун Исии даврон бинамат.

Гар шабе меҳмони Содиқ гардӣ, эй моҳи хубон,
Гоҳ то субҳ чеҳрахандон, гоҳ нолон бинамат.

* * *

Мавҷи дарё нақши рафторат кунад.
Хониши кабк авҷи гуфторат кунад.

Оразат рахшандааст чун ахтарон,
Ман чу ман садро гирифторат кунад.

Дар баҳори ошиқӣ, эй дилрабо,
Ҳусни зебо авҷи бозорат кунад.

Маҳфили ағёр орад дарди сар,
Сӯҳбати мо масту хумморат кунад.

Чашми фаттону хуморолуди ту,
Оҳувонро маҳви дидорат кунад.

Ҳар, ки бинад қомати дилҷӯи ту,
Дасти ту гирад, шабе ёрат кунад.

Менавозад чун сабо, Содиқ туро,
Бишканад дасте, ки озорат кунад.

* * *

Эй сарви гул ба домон, рашки баҳору бӯстон.
Сар пеши ту гузоранд, гулҳои сад гулистон.

Чун кабк мехиромӣ, эй шоҳиди гиромӣ,
Хуррам зи дидани ту гардида андалебон.

Сарсабз гашта саҳро аз мақдамат саросар,
Дар рӯи ҳамчу моҳат ошиқ гашта мурғон.

Дилбастагони рӯят ором кай бихобанд,
Чашмак зананд то субҳ чун ахтарони осмон.

Ҳар ҷо агар гурезӣ, бо ман агар ситезӣ,
Зинҳор кай гузорад, дастам туро зи домон.

Ман ташнаам, ту обӣ, ман масту ту шаробӣ,
Таркат наметавон кард, илло ба рӯзгорон.

Содиқ ба он парирӯ дил дода аз дилу ҷон,
Масту малангу ошиқ, чун булбули ғазалхон.

* * *

Зи аҳволи дилам он шоҳи хубрӯён хабар дорад.
Нигоҳи масти чашмонаш ба ҷони ман асар дорад.

Сари пуркибраш ӯро мекунад манъ аз нигаҳ бар ман,
Вале бо гӯшаи чашмон дилаш бар ман назар дорад.

Дишаб он моҳи оламгир кард дунёи мо равшан,
Саҳаргоҳон чу ахтар аз барам азми сафар дорад.

Ду чашмаш баҳри пуршӯр асту ман чун киштӣ андар он,
Худоё, ин бало ҷону ҷаҳонамро хатар дорад.

Замонат кас нахоҳад дод дар маҳшар висолашро,
Ғанимат дон, дило, имрӯз кори нақд самар дорад.

Ба зери сояи сарви баландаш мекунам роҳат,
Найистонҳои ҷонам аз висоли ӯ шакар дорад.

Гулистон аст сар то по нигори гулбадан, Содиқ,
Бикун сайри гулистонаш, ки сад гулҳои тар дорад.

* * *

Соқиё, хез, ки арбоби ҷаҳон омадааст.
Соҳиби тармими ин кавну макон омадааст.

То кунад пардадар ақлу ҳуши мо, вақти саҳар,
Духтари раз чу асрори ниҳон омадааст.

Бо садои дуҳулу бо нафаси сарду ақим,
Баҳри тороҷи гулу боғ хазон омадааст.

Субҳдам ғунча даҳан боз кунад з-ишқи бутон,
Ба сари мо нимашаб ёди хубон омадааст.

Ёри мо чусту камарбаста чу сайёди санӣ,
Сӯи сайди хеш бо тиру камон омадааст.

Пири мо аз дари майхона саҳаргоҳ бурун,
Хурраму шод, ба лаб ханда, ҷавон омадааст.

То кунад маҷлиси асҳоб пур аз айшу тараб,
Содиқ, он сарви равон рақскунон омадааст.

* * *

Сабр рафт аз даст, ҷоно, қатраи обам бидеҳ.
Ёри ширин, ҳамчу мӯи худ маро тобам бидеҳ.

Чашми он зебо,ки моро мастӣ мебахшид, рафт,
Соқиё бархезу ҷоме аз майи нобам бидеҳ.

Рӯйи чун моҳу лаби чун лаъл мехоҳад дилам,
Ошиқи хармӯҳра нестам, дурри ноёбам бидеҳ.

Ташнаи васли туам чун ташнагони Карбало,
З-оби ҷонбахши висолат, ёр, серобам бидеҳ.

Чун ситора то саҳар наззорабор аст чашми ман,
Хоб аз чашмам рабудӣ, як замон хобам бидеҳ.

Зоҳидонро гӯшаи масҷид меҳроб аст, ёр
Дар миёни абрувони хеш меҳробам бидеҳ.

Содиқ, аз ҷаври диломе ба танг омад дилам,
Дод аз дастат, нигоро, ин замон додам бидеҳ.

* * *

Ошиқ аз бедодии маъшуқ шикоят мекунад.
Соқӣ аз ҷому майи гулгун ривоят мекунад.

Бо ваҳи Яздон малак таъзим кард бар одамӣ,
Лек шайтони лаъин радди итоат мекунад.

Қорун аз савдои зарандӯзӣ шуд расвои даҳр,
Рӯзии моро лаби ноне кифоят мекунад.

Эй дили ғамдидаи ман шод шав, рӯзе туро,
Бӯсаи лаъли лаби ҷонон давоят мекунад.

Дур машав аз дидаву дил, боз о, эй дилрабо,
Ҷисми ман чун ҷон туро бар хеш ҷоят мекунад.

Ҳамчу гул дар боғ бошӣ, ё чу қумрӣ дар чаман,
Булбулосо дил ба сӯйи худ садоят мекунад.

Ҳофиз, аз лаъли лабу ҷоми майу тарфи чаман,
Содиқ, аз ишқи парирӯён ҳикоят мекунад.

* * *

Ё раб, ба дил раҳме фирист, он наргиси бедодро.
Гӯ ҷавр кам гирад ба мо, он қомати шамшодро.

Боди сабо андар ҷамоди мурда кай созад асар,
Хусрав чӣ донад лаззати ҷон кандани Фарҳодро.

Дарди дили ушшоқро дармон набошад ҷуз висол,
Кай нарм созад доди сайд, сангин дили сайёдро.

Бадгавҳаронро не аҷаб, надҳад самар илму адаб,
Дармон шафоъат кай кунад, кӯрони модарзодро.

Ҳар кас бубинад рӯйи ӯ, маскан нагирад кӯйи ӯ,
Фирдавси аъло дар назар, хоре бувад Шаддодро.

Дардест ҷон мепарварад, шоҳе ҷаҳон мепарварад,
Ёрест имон мебарад, ҳар бандиву озодро.

Ҷавраш ба ҷонам меравад, аз дил фиғонам меравад,
Ҳукми Сулаймон воҷиб аст, деву париву бодро.

Ваҳйи худовандӣ бувад, мӯъҷизаи Солеҳу Ҳут,
Охир бикард зеру забар қавми Самуду Одро.

Одам чу бошад бадсиришт, надҳад самар оби биҳишт,
Панди Мусо суде накард, он Қоруни бадзодро.

Золим чу шоҳӣ мекунад, зулму тобоҳӣ мекунад,
Нӯширвоне боядаш, айвони адлу додро.

Саъдӣ бибӯсид синааш, Ҳофиз лаби майгунааш,
Содиқ, ту ҳам каш дар бағал ҳурони модарзодро.

* * *

Чӣ хуш аст, ки нолаи най ба само расида бошад.
Дили дарманди ошиқ ба даво расида бошад.

Ҳама дам ғубор дорад раҳи кулбаи ғарибон,
Чӣ тавон бидид солик ба куҷо расида бошад.

Чоки лолаҳои саҳро асари Юсуф доранд,
Ки нигоҳи чашми фосиқ ба ҳаё расида бошад.

Мениҳанд «Калим» номаш зи раҳи мурод ҳар кас,
Ки ба сӯҳбати Худованд, чу Мусо расида бошад.

Шабу рӯз нола кардам, нашудам мурод ҳосил,
Тири оҳи қалби решам ба хато расида бошад.

Муддате хаёли покам, ки ғубору чанг дорад,
Э Худо, ба тақдири ман чӣ бало расида бошад.

Касе огаҳ аст, Содиқ, зи ғубори хотири ман,
Ки ба умқи осмонҳо, чу Исо расида бошад.

* * *

Баҳор омад, гулу сунбул ба бар карда диёри ман.
Табассумпӯш шуд аз шавқ лабҳои нигори ман.

Хушу болида мурғони чаман дар хонишу парвоз,
Ту ҳам хандону рақсон сӯи ман биштоб, ёри ман.

Зи дашту ёлаҳо селоби барф ҷорӣ ба ҳар соҳил,
Ту ҳам, ҷоно, бикун саршори меҳри худ канори ман.

Ҳама саҳрою кӯҳу боғҳо гулпӯшу сарсабзанд,
Ту ҳам манро гулафшон кун, азизу гулъузори ман.

Аё оҳуваши Содиқ, ту ҳам азми баҳорӣ кун,
Нишоту айшу ободӣ бубахш бар рӯзгори ман.

* * *

Навбаҳорон оғӯши шоҳид хуш аст.
Дар фалак наззораи Ноҳид хуш аст.

Айшу ишрат бо парирӯёни даҳр,
Хоса айёми баҳору ид хуш аст.

Соқиё, май деҳ, то мастӣ кунам,
Дурӣ аз носеҳу аз зоҳид хуш аст.

Дар ҷавонӣ бодаю шоҳиду уд,
Вақти пирӣ сӯҳбати обид хуш аст.

Аз диёри Лайлии симинбадан,
Баҳри Маҷнун қиссаи қосид хуш аст.

Одамиро дар ҷаҳони пурфано,
Зиндагии беғаму ҷовид хуш аст.

Содиқо, сайри гулистону чаман,
Бо парирӯёни симсоид хуш аст.

* * *

Ханда, эй лаб, маҳи рафтаи мо меояд.
Шодӣ, эй дил, Масеҳо ба дуо меояд.

Соқиё, бодаи шукрона бидеҳ, нӯш кунам,
Маъшуқи ранҷида бо сулҳу сафо меояд.

Сабр кун, эй тани ранҷур зи даргоҳи Худо,
Баҳри дармону шифои ту, даво меояд.

Рафт айёми даю фасли баҳорон бирасид,
Булбул аз баҳри раёҳин ба наво меояд.

Сӯи Ҳақ роҳ тавон ёфт ба зориву дуо,
Розгӯён Мусӣ бар сӯи Худо меояд.

Пири Канъон зи нав дидаи худ боз кушо,
Зи диёри Миср бӯи ошно меояд.

Содиқо, вақт ғанимат шумару даҳр бигард,
Пирӣ дар қасди шабоб бесару по меояд.

* * *

Абрувонат ҳамчу шамшери Наҷаф.
Наргисат фаттону шӯху пурҳадаф.

Зулфи ту андар назар тобиш кунад,
Ҳамчу афъӣ вақти хаззиш ҳар тараф.

Ҳини лабханди ту он дандонҳо,
Медиҳанд нуру ҷило ҳамчу садаф.

Вақти оғози сухан лабҳои ту,
Мебаранд моро инону дил зи каф.

Оразат чун гул латифу дилкаш аст,
Бахшадам шӯру сурур бе ною даф.

Гар кунам аз Оби ҳайвони ту нӯш,
Ҷовидон монам чу Хизри пуршараф .

Содиқ аз роҳи вафо дар ишқи ту.
Умри худро мекунад сарфу талаф.

* * *

Мо ҳама сайду ҷаҳон сайёд аст.
Мо асирему ҷаҳон озод аст.

Чирагиҳо ин ҷаҳон дорад ба мо,
Гӯиё мо хоку ӯ гирдбод аст.

Нолаи моро асар набвад ба ӯ,
Гӯиё мо бандӣ, ӯ ҷаллод аст.

Дар талоши обу нони зиндагӣ,
Халқ саргардону ӯ дилшод аст.

Содиқо, тарки умеди беҳӣ кун,
Ин ҷаҳон баҳри ту беимдод аст.

* * *

Эй мусулмонон, фиғон, шаҳду шакар гум кардаам.
Маҷнунам, аз чеҳраи Лайлӣ асар гум кардаам.

Карда айёми ҷавониро пайи ишрат талаф,
Нохалаф фарзандаму панди падар гум кардаам.

Заҳмати устодро барбод додам бехабар,
Беамал шогирдаму илму ҳунар гум кардаам.

Душманӣ афканда бунёдам ба чоҳи нобудӣ,
Юсуфи Канъонаму меҳри падар гум кардаам.

Нағмаҳои ҳазрати Довуд мехоҳам шунид.
Ҳудҳуди саргаштаам, боди саҳар гум кардаам.

Борҳо ҷустам нишон аз ростӣ дар ин ҷаҳон,
Дар раҳи ин бенишонӣ пову сар гум кардаам.

Содиқи саргаштаам, фарёд аз дасти фалак,
Қуввати дил-додару модар, падар гум кардаам.

* * *

Зиндагӣ бо бодаву бо уд хуш аст.
Умри одам бо буду нобуд хуш аст.

Оҳи мардони худо шабҳои тор,
Субҳи содиқ нолаи ҳудҳуд хуш аст.

Аз барои тайру дад дар дашту кӯҳ,
Нағмаҳои ҳазрати Довуд хуш аст.

Дар ҷавонӣ ишрату айшу тараб,
Бо парирӯёни сарвандуд хуш аст.

Аз барои Маҷнуни шӯридасар,
Синаи пуроташу пурдуд хуш аст.

Мардуми бечораю дармондаро ,
Дасти пурхайру сахою ҷуд хуш аст.

Содиқо, вақти баҳору гул расид,
Даст дар дасти нигору руд хуш аст.

* * *

Булбули шӯридаам, дур аз баҳор афтодаам.
Ғунчаи бишкуфтаам, дар шӯразор афтодаам.

Толеъи пастам накард сайди баҳори зиндагӣ,
Дар хазони зиндагӣ бе навбаҳор афтодаам.

Дар ҷавонӣ бастаам рахти сафар аз шаҳри хеш,
Юсуфи Канъонаму дур аз диёр афтодаам.

Саъйҳо кардам, то ёбам камоли маънавӣ.
То кунам дониш фузун дар корзор афтодаам.

Маънии завқам нашуд дархури ноқистинатон,
Толиби ишқам, вале дур аз нигор афтодаам.

Хоксорӣ кард моро оқибат банду хамӯш,
Шохи беди Маҷнунам, сар дар канор афтодаам.

Синаи пурҳасрати Содиқ намегирад қарор,
Баски дар амвоҷи рӯди беканор афтодаам.

* * *

Эй Худовандо, дур аз ашрору шайтонам бикун.
Ҳамнишини марди неку раббу раҳмонам бикун.

Хасми бедин қасди ҷонам мекунад ҳар субҳу шом,
Аз барои дафъи душман чун фалахмонам бикун.

Бо умеди лутфу меҳрат нолаҳо дорам мудом,
Дил даруни сина пур аз нури имонам бикун.

Дурам аз айши ҳаёту лаззати аҳди шабоб,
Дар канори рӯди шӯху ёри ҷононам бикун.

Ҷаҳд дорам дар раҳи илму амал ёбам камол,
Бениёз аз тавҳиду аз шавкату шонам бикун.

Заҳмату ташвиши ин дунё бидидам беҳисоб,
Баъди мурдан дар биҳишту боғ меҳмонам бикун.

Содиқо, бар ҳақ бипайванду зи шар дурӣ биҷӯ,
Эй Худовандо, дар ин раҳ кор осонам бикун.

* * *

Ин чӣ даврест, пур аз шӯру шарар мебинам.
Нолаи пурҳасрати марди ҳунар мебинам.

Карда вақти хешро сарфи беҳии рӯзгор,
Лек ҳоли зиндагониро батар мебинам.

Чораҳо кардем дар роҳи вафою дӯстӣ,
Амни кишварро ҳамоно пурхатар мебинам.

Бо ҳама саъю талоши устоди чирадаст,
Толибонро дар замона беҳунар мебинам.

Оқилонро кисаҳо холӣ зи динору дирам,
Аблаҳонро то ба зону симу зар мебинам.

Марди доноро дар ин дунё намондаст эътибор,
Гӯлу нодонро азизу мӯътабар мебинам.

Тӯдаи номардумону нокасонро дар ҷаҳон,
Аз Худою аз Расулаш бехабар мебинам.

Орифе мегуфт аз ноҷӯрии даврони хеш:
«Ин чӣ ошӯбест дар аҳди Камар мебинам»

Содиқо, дарди туро дармон нашояд ёфтан,
Баски доруи табибон бесамар мебинам.

* * *

Дуриҳои ёр бар лаб оҳи зор овардааст.
Завқи мастӣ дар дили булбул баҳор овардааст.

Хоксорӣ қиммати одам биафзояд басе,
Бас касонро аз камин сӯи ҳисор овардааст.

Рашки ихвону дурии Юсуфи гулпираҳан,
Дар ду чашми Яъқубаш ашки қатор овардааст.

То насӯзад, барнаёяд аз сипанд дармони дард,
Сӯзиши дил ёри ширин дар канор овардааст.

То кунем обод дунёву хушу хуррам зиҳем,
Ин Худованд баҳри мо лайлу наҳор овардааст.

Навбаҳорон мерасонад мужда аз айёми гул,
Ишқи гул дар бӯстон савти ҳазор овардааст.

Тешаи Фарҳоду ишқаш, Содиқо, дар Бесутун,
Ширини Кафкозиро Шабдизсавор овардааст.

* * *

Эй парирӯ, ёд кун аз ошиқи девонае.
Дар фироқат сина гашта ҳамчу мотамхонае.

Чашмҳоят роз мегӯянд бароям бесадо,
Мекашанд манро ба сӯи маҳфилу майхонае.

Ёд меорам аз он болои ҳамчу сарви ту,
Меравам сӯят чу мурғон аз барои донае.

Абрувонат баҳри қатлам баста ханҷар дар камар,
Чусту чолоку далеру тез чун турконае.

Ёди рӯят мекунам шабҳои тори зиндагӣ,
Нест ғамхоре бароям ҷуз чароғи хонае.

Он қадар бечора гаштам аз ғами дурии ту,
Ёд ор, эй нозанин, аз чуғзи дар вайронае.

Гирди кӯят, эй парирӯ, чун гадоён меравам,
Шамъи маҷлис аст рӯят, ман чу як парвонае.

Ёди он айём бо ту оядам пеши назар,
Роз мегӯям ба худ монандаи девонае.

Мерасад, Содиқ, ба гӯши он парии маҳҷабин,
Қиссаҳои ишқи ту монандаи афсонае.

* * *

Нигоро, то ба кай дурӣ биҷӯйӣ аз канори ман.
Зимистон рафт, биё бар манзилам, эй навбаҳори ман.

Зи дурият чу Яъқуб ашки хун ҷорӣ зи чашмонам,
Саломат мебарад боди сабо, эй лолазори ман.

Марав бар маҳфили ағёру бар ҷонам мазан оташ,
Вафо бар аҳду шафқат кун, ба ҳолам, эй нигори ман.

Биё бар болинам ин дам, ки маргам мешавад наздик,
Пас аз мурдан нахоҳӣ ёфт, нишоне аз мазори ман.

Чу Маҷнун сӯзҳо дорам, ба дил аз наргиси мастат,
Маро саргаштаи ҳомун макун, лайлиузори ман.

Хазон шуд навбаҳори умри ман дар ёдат, эй ҷонон,
Бирез борони меҳри худ, азизам, бар диёри ман.

Нишон аз ишқи ту монад ба Содиқ синаи пурғам,
Ба васфи ту ғазал, эй нозанинам, ёдгори ман.

* * *

Он қомату абрӯю чашм, бурд аз дилам оромро.
Мутриб, оҳанг ҷӯр кун, соқӣ, биёвар ҷомро.

Нозу нигоҳи он парӣ, бурд ихтиёрамро зи каф,
Дар роҳи ӯ ҷон медиҳам, то ин ки ёбам комро.

Сайди дили мо мекунад, он чеҳраи зебои ӯ,
Турк асту ғорат мекунад, оғозу ҳам анҷомро.

Он ғамзаву рафтори ӯ, он хандаву гуфтори ӯ,
Оташ ба хирман мезанад, афсурдагони хомро.

Лайливаш асту ишвадеҳ, турк асту абрӯ пургиреҳ,
Девонаи саҳро кунад, он Маҷнуни нокомро.

Оташ ба имон мезанад, бар сина пайкон мезанад,
Соқӣ, ба соғар рез май, дур кун ғами айёмро.

Содиқ, фиғон аз дасти он, зебонигори ғунчасон,
Бо ҳусн ғорат мекунад, имони хосу омро.

* * *

Сад бор тавба кардам, ки тарки май кунам.
Омад баҳору вақти гул ин кор кай кунам.

Дар роҳи ишқу май нест ҷуз чораи ризо,
Фасли баҳор бо чангу май падруди дай кунам.

Аз ташвиши дунёи дун, омад дилам ба танг,
Дураш зи худ бо ишрату овози най кунам.

Аз зӯҳду тавба гаштаам дилгири зиндагӣ,
Пеш ор бода, қиссаи Ковусу Кай кунам.

Дур аз рухаш фитодаам дар манзили фироқ,
Рӯзе расад ин шоҳроҳ бо васл тай кунам.

Содиқ, бувад осоиши мо дар ризои дӯст,
З-ин пас ҳамеша хидмати маъшуқу май кунам.

* * *

Дил ба дунё мафиган, ки гузарон хоҳад буд.
Чашм дар роҳи аҷал бас нигарон хоҳад буд.

Сирру асрори худованд намедонад кас,
Ғойиб аз чашм чу тундбоди вазон хоҳад буд.

Бодаву чангу рубоб, сӯҳбати шоҳид гузин,
Оқибат умри азиз рӯ ба хазон хоҳад буд.

Баҳри фарзанди азиз заҳмату тимор бигир,
Рӯзи маргат зи ғамат ҷомадарон хоҳад буд.

Дил ба молу зану мансаб мабанд, эй хоҷа,
Баъди марги ту насиби дигарон хоҳад буд.

Умр хуш дор, макун бад ба мардони Худо,
Рӯзи ҳашр пурсиши ин кор гарон хоҳад буд.

Содиқо, умр макун беҳуда сарфи ғаму ранҷ,
Ин ҷаҳон рӯди равон асту равон хоҳад буд.

* * *

Нигоро, бенишон гаштӣ, куҷо ёбам нишонатро.
Зи чашмонам ниҳон гаштӣ, куҷо ёбам ниҳонатро.

Шабон дар хоб мебинам, ки сайри бӯстон дорӣ,
Ба мижгон мезанӣ бар дил, куҷо ёбам синонатро.

Ду чашмони чу турконат кунад тороҷи ақлу дил,
Қади боло чу сарв дорӣ, куҷо ёбам инонатро.

Парешон кокулонат меравӣ бар маҳфили ағёр,
Хиромон кабкрафторӣ, куҷо ёбам дамонатро.

Биё бар кулбаи Содиқ, шабе сайди дилаш бинмо,
Хадангат мезанад бар ҷон, куҷо ёбам камонатро.

* * *

Мудомам маст медорад нигоҳи чашми ҷодӯят.
Ду абрӯи ҳилолат мекашад манро сари кӯят.

Зи ёдам рафтааст,таълими устоду зи дил сабрам,
Қарору тоқату ҳуш бурдааст, он қадди дилҷӯят,

Чунон дил бар ту бастам, ҳамчу сӯфӣ дил ба ёди Ҳақ,
На шаб ором дорам, не ба рӯз аз партави рӯят.

Намо як лаҳзае бар ман, дилоро чеҳраи гулгун,
Парешону мушавваш нигаронам дида бар сӯят.

Нигоро, то ба кай ин дуриву нозу шикебоӣ,
Иҷозат деҳ гузорам панҷа бар зулфи суманбӯят.

Ту гулзориву саршори муҳаббат домани ишқат,
Зи дунболат равонам доимо монанди гесӯят.

Рақиб озори ҷонам карду дил аз ту набаркандам,
Ки ҷон дорад ба тан Содиқ, нафас мегирад аз бӯят.

* * *

Эй кош, маро тифоқ бо шоҳиду май будӣ.
Меҳру муҳаббат бо гули фархундапай будӣ.

Гар буд вафову аҳду меҳр бар гулрухони даҳр,
Чандин ҷафо бар синаи ушшоқ кай будӣ?

Ошиқ, макун оҳу фиғон, раҳму вафо нест,
Гар он будӣ, бар нолаву фарёди най будӣ.

Як навбат аст айши фалак бар ҷумла одамон,
В-арна мудом дар хидмати Ковуси Кай будӣ.

Дунё арӯси бевафост, тарки ғамаш бикун,
Аз баҳри рафъи ҷаври ӯ як ҷуръа май будӣ.

Содиқ, зи гирудори ин дунё канора ҷӯ,
Гар будаӣ умри абад, бар Ҷами кай будӣ.

* * *

Эй лайливаш, бар кулбаи ёри куҳан биё.
Бар пурсиши Маҷнуни худ кӯҳу даман биё.

Бо каргасу зоғу заған саҳро гирифтаӣ,
Товуси хушхиромиву сӯи чаман биё.

Фориғ зи ёди рӯи ман дар айшу ишратӣ,
Эй сарвтан, раҳм овару, рӯ сӯи ман биё.

Ҳайф аст чун ту маҳваше дар сӯҳбати рақиб,
Бархезу сӯи дӯстон бар анҷуман биё.

Ҳаҷри фироқи оразат ҷонам зи тан рабуд,
Мурдам ба ёди рӯят, эй сарву суман, биё.

То кай дур аз ман, эй санам, базму тараб кунӣ,
Бар маҳфили ошиқи худ, эй гулбадан, биё.

Содиқ ба роҳат кардааст, ду дида чун чароғ,
Бар гирди шамъи худ шабе парвонатан биё.

* * *

Ман, ки дар қайди ғамам, айшу таманно накунам.
Аз қафас то нараҳам, болу паре во накунам.

Қадди дилҷӯи туро нест шабеҳе ба ҷаҳон,
З-ин сабаб нахлу санавбар ба ту ҳамто накунам.

Давлати он қади дилҷӯи ту бодо бари ман,
Ғайри фикри сари кӯи ту ба шабҳо накунам.

Моили айшаму гулгашту тамошои ҷаҳон,
Бе ту дар майкадаву боғ тарабҳо накунам.

Дар раҳат умри азиз сарф кунам баҳри висол,
Дигареро бӯса бар рӯю ба лабҳо накунам.

Хаставу зор бигирям зи фироқат, гули ман,
Хандаи лаъли лаб аз ғайр таманно накунам.

Эй паричеҳра зи Содиқ рабудӣ, сабру қарор,
Хоки поят ба ҷуз аз дида дигар ҷо накунам.

* * *

Худовандо, ато фармо ба мардум хӯи раҳмонӣ.
Ба ишон бахш тавфиқу сарорсар хулқи раббонӣ.

Паи нафсу ҳавас фориғ зи уқбо меравад, одам,
Худовандо, нигаҳ дораш зи рӯҳу нафси ҳайвонӣ.

Адаб дур гашту омад дар миён ашрориву дуздӣ,
Карам бинмову берун кун в-аро аз роҳи шайтонӣ.

Машав ғофил зи бозиҳои ин дунёи дунпарвар,
Ки охир мебарад касро ба гирдоби пушаймонӣ.

Ҷавониро макун беҳуда сарфи ишрату мастӣ,
Ба вақти пирӣ дармонӣ, ту дар саҳрои ҳайронӣ.

Ҳар он кас з-илму дониш баҳра ёбад,мешавад оқил,
Мабодо одамиро ёру ҳамдам тавқи нодонӣ.

Ба рағми душманон, Содиқ, шукуфон мешавад меҳан,
Худовандо, нигаҳ дораш зи нобудиву вайронӣ.

* * *

Ақли маро бурд таманнои ту.
Чашм зи кас баст тамошои ту.

Бурд зи фирдавс нигоҳи маро,
Ҷилваи он қомати раънои ту.

Дил натавон канд зи ту, эй парӣ,
Баст маро ишқ ба ҳар ҷои ту.

Бок набошад дигар аз мурданам,
Зинда кунад лаъли шакархои ту.

Боди сабо ишқу дуои маро,
Мебарад бар домани саҳрои ту.

Нағмаи мурғон набувад, гӯ мабош,
Шӯру тараб бахшадам савдои ту.

Нест дар ин шаҳр чу ту хуш нигор,
Содиқ шуда маҳви тамошои ту.

* * *

Ё Раб, фалак нагашт даме рӯзӣ ба коми мо.
Он мурғи дона роҳ накард рӯ сӯи доми мо.

Аз дурии он нозанин дил гашт чун кабоб,
Боди сабо намебарад сӯяш паёми мо.

Панду насиҳат гуфтамаш то майли мо шавад,
Ҷоно бараш асар накард сеҳри каломи мо.

Бар гирди Маҷнун ҷамъ шуд, тайру вуҳуш ҳама,
Ҳаргиз нашуд он оҳуваш як лаҳза роми мо.

Гашта ҳилол бадри мунир бар кулбаам, вале
Равшан набахшид як шабе моҳи тамоми мо.

Тарки ғами ҷонона кун, Содиқ, ба айшу нӯш,
Аммо нагашта пур даме аз бода ҷоми мо.

* * *

Аз шабохунҳои хасм вайронӣ дар манзил монд.
Аз хиёнатҳои ёрон бори ғам дар дил монд.

Ашки чашмам ҳеҷ таъсире накард бар сангдилон,
Нолаҳоям дар раҳи он ёр беҳосил монд.

Панду андарзи падар баҳри писар суде накард,
Нохалаф фарзанд охир худ ноқобил монд.

Шахси бедавлат наёбад ком дар роҳи ҳаёт,
Марди давлатмандро аҳлу писар оқил монд.

Мардуми беаҳдро ҳаргиз набошад дӯстӣ,
Бовафо одам худ комил буд, комил монд.

Имтиҳони зиндагиро сабру тоқат сарвар аст,
Родмардонро ба олам орзу дар дил монд.

Содиқо, дар даҳри пурғавғо бибояд кори нек,
Панду андарз аз ҳакимони ҷаҳон ҳосил монд.

* * *

Ин найситони умри мо, шаҳду шакар накард.
Ин нолаҳои зори мо, бар ёр асар накард.

Сайёд шикори ҷон кард, баҳри ризои хеш,
Раҳме ба оҳу нолаи мурғи саҳар накард.

Умри азиз ҳамеравад беҳуда мисли бод,
Фарзанди бад аз бехудӣ ёди падар накард.

Сели дамодам омаду вайрони мулк намуд,
Ин мурғи хона сайр бар кӯҳу камар накард.

Шоми ғамин сипар шуду рӯзи тараб расид,
Бар кулбаи мо равшанӣ шамсу қамар накард.

Паррандагон ҳар тирамоҳ оянд ба мулки хеш,
Дил мурд ба ёди меҳану азми сафар накард.

Содиқ, бирафт мавсими гул, фасли хазон расид,
Боғи баҳори умри мо баргу самар накард.

* * *

Хонаи сабри маро селоби мижгони ту бурд.
Обрӯямро рухи чун моҳи тобони ту бурд.

Доштам боғи муроде дар баҳори зиндагӣ,
Беху бунёди в-аро туфони чашмони ту бурд.

Дар миёни дӯстон бо оқилӣ ҷо доштам,
Аз сарам ақли маро наргиси фаттони ту бурд.

Ин замон дар орзӯи рӯи ту ҷон медиҳам,
Орзуҳои маро бар бод ҷавлони ту бурд.

Доштам хотири маҷмӯю дили дур аз ғубор,
Кард парешон хотиру дилро занахдони ту бурд.

Ёди ёрону ҳавои дӯстӣ будам ба сар,
Ёди ёронро зи сар зулфи парешони ту бурд.

Ҷони Содиқро зи тан, эй лӯъбати хандони ман,
Хандаи лабҳою тобишҳои дандони ту бурд.

* * *

Мо Юсуфи Мисрему харидор надорем.
Мо косиби ҳар шеваю бозор надорем.

Пайваста муқимем ба майхонаву масҷид,
Мо сӯфии софему аз ин ор надорем.

Саргаштаи ишқем ба ҳар кӯчаву бозор,
Маҷнунсифатонем, вале ёр надорем.

Ранҷуру ғаминему ғарибем ба олам,
Дурем зи шаҳри худу ғамхор надорем.

Мо рӯди пуробем, вале хушкидасоҳил,
Соиби раҳи назмему ашъор надорем.

Мо роҳравем дар паи мақсуди ду олам,
Мо ҷуз бад-ин шева дигар кор надорем.

Содиқ, сароест ҷаҳон тангу пурозор,
Бемори ғами даҳрему тимор надорем.

* * *

Ту санавбарӣ ҷоно, ёраки накӯи мо.
Ту чаманварӣ, ҷоно, рӯ намо ба сӯи мо.

Ҳамчу моҳи наврӯзӣ, ҷумла олам афрӯзӣ,
Бас кун ин ҷаҳонсӯзӣ, ёри тундхӯи мо.

Бо ту шаб нуристон аст, бо ту ҷумла бӯстон аст,
Бо ту ҳам дурахшон аст, нурҳо ба рӯи мо.

Бо ту абр меборад, дил бе ту фиғон дорад,
Бо ту доимо ҷорист, чашмаҳо ба ҷӯи мо.

Лолаву суман ҳастӣ, мушку настаран ҳастӣ,
Ба қатлам камар бастӣ, к-ончунон адӯи мо.

Бо ту махмуру мастам, ба ту ҷону дил бастам,
Аз ғами ҷаҳон растам, бодаи сабӯи мо.

Ту латифиву барно, ту ақиқиву зебо,
Ту марав дигар ҳар ҷо, хона кун ба кӯи мо.

Содиқи вафодорам, захми ишқи ту дорам,
Манзили ту меҷӯям, дилбари накӯи мо.

* * *

Худоё, маро бар нигорам расон.
Ба он лоларӯ гулъузорам расон.

Ба мақсуд расидан чӣ бас мушкил аст,
Зи поёни раҳ то ҳисорам расон.

Худоё, бидеҳ тоату рӯзиям,
Кушоишу тавфиқ ба корам расон.

Сари зулфи он маҳ ба дастам бидеҳ,
Салому паёмам ба ёрам расон.

Аё боди рӯҳбахшу хушанбарин,
Ғарибии ман бар диёрам расон.

Ба дарёи ишқи рухаш ғарқаам,
Худоё, чу Нӯҳ бар канорам расон.

Зимистони сард аст, ҳаёти дилам,
Ба рӯзгори пур аз баҳорам расон.

Таги беду ҷому майи хушгувор,
Лаби ҷӯву чашми хуморам расон.

Худоё, ба Содиқ намо роҳи рост,
Ба манзили мақсуд саворам расон.

* * *

Гарчӣ дар маҳфили тундхӯён хомӯшем мо.
Дар амал дарёи пурмавҷу дарунҷӯшем мо.

Пешаи мо тафсилоти уқдаи сарбаста аст,
Бо ҳакимони ҷаҳон дар шева ҳамдӯшем мо.

Саъйи мо аз баҳри ободии олам асту бас,
Ҳамчу ҷавҳар баҳри ороиш бар гӯшем мо.

Иддае дунболи нафси бад зи уқбо фориғанд,
Аз чунин рафтори ношоиста дилрешем мо.

Ханҷару тиру камон бо ҳам бародар мекашанд,
Баҳри осоиши ин дунё ба ташвишем мо.

Ҳам мадорову мурувват кори мардони худост,
Гоҳ бо ёру гаҳе бо ғайр ҳамдӯшем мо.

Содиқ, аз нокомиву ноҷӯрии олам матарс,
Дар раҳи сидқу сафову ор мекӯшем мо.

* * *

Гарчи ранги рух чун фасли хазон бошад маро.
Орзуҳо чун баҳори гулфишон бошад маро.

Медамам чун субҳ то барҳам занам зулмотро,
Кор аз бахри муроди одамон бошад маро.

То раҳам аз шӯру шарри ин ҷаҳони фитнабор,
Дастҳо боло ба сӯи осмон бошад маро.

Гарчи мӯҳои сафедам дорад аз пирӣ нишон,
Килки бахтам то абад умри ҷавон бошад маро.

Майпарастон қасди мастӣ мекунанд з-оби шароб,
Баҳри мастӣ ёди Ҳақ оби разон бошад маро.

Бар умедам з-осмон ояд сӯям хушхабар,
Чашмҳо ҳар шаб ба сӯи Каҳкашон бошад маро.

Гар шабе, Содиқ, биёяд ёри ширин дар барам,
Ахтари толеъ то субҳ меҳмон бошад маро.

* * *

Ин ҳама ҷабру ҷафо, ёро, бари мо мекунӣ.
Резабарони маломат бар сари мо мекунӣ.

Мисли рӯди Ому доим тезу туғён меравӣ,
Шӯру фарёду фиғонҳо бар дари мо мекунӣ.

Дар қиёмат сар зи домони замин хоҳам кашид,
Баҳри арзи он чи бар мо, дилбари мо мекунӣ.

Бо хироми чун ғизолон қалби моро мебарӣ,
Баҳри худ нуқлу кабоб аз ҷигари мо мекунӣ.

Аз бари мо дурӣ меҷӯӣ шаби маҳтобу лек,
Зери борон орзӯи чодари мо мекунӣ.

Пои раҳ рафтан надориву пари парвоз ҳам,
Сайри гардун лек бо болу пари мо мекунӣ.

Ёди Содиқ мекунӣ, гар рӯзӣ тангат оварад,
В-арна кай парвои ду чашми тари мо мекунӣ.

* * *

Фасли баҳор табиат ҷомаи нав ба бар кунад.
Паррандатифл ба тан болу пар кунад.

Гулдухтарон пироҳани зебо кунанд ба бар,
Кабки дарӣ ба хонишу қаҳ-қаҳ сар кунад.

Дар маҳфили тайру даду ҷумлагӣ вуҳуш,
Ҳудҳуд зи каломи Сулаймон хабар кунад.

Ошиқ бари маъшуқи худ дар сояи дарахт,
Булбул ба гулҳои чаман нағма сар кунад.

Офтоби оламоро афканад нур ба замин,
Себарга ба оби ҷӯй пероҳан тар кунад.

Деҳқон кунад шодӣ зи қудуми баҳор,
Аз бас боғу мазрааш баргу самар кунад.

Аз баҳри ғизои гову гӯсфандони хеш,
Чӯпони нек манзил ба кӯҳу камар кунад.

Содиқ, бикӯш фасли баҳор ба маҳфили хубон,
Рӯи хубон ғамҳои мо аз дил бадар кунад.

* * *

Ҷони худро сӯхтам, то равшанӣ бахшам ба кас.
Ҷонсӯзиҳои ман, афсӯс, рафтанд бар абас.

Гарчӣ кардам ин забони худ гули ҳар анҷуман,
Лек касро ман надидам рӯзи ғам фарёдрас.

Хонаи дилро намудам пур зи меҳру пурзиё,
То ки бинам дӯстон саршори шодиву ҳавас.

Лек чун маъшуқи харҷоӣ бидидам аҳдашон,
Нолаҳо кардам аз ин бемеҳриҳо ҳамчун ҷарас.

Ҷон фидои дӯстони некхоҳу додрас,
Дур бодо тан зи ёрони ба мисли хору хас.

Гарчӣ ҳастанд фориғ аз ёди ту, Содиқ, дӯстон,
Нестам фориғ зи ёди дӯстонам як нафас.

* * *

Сад бор тавба кардам зи ишқаш канора кунам.
Баҳори тавбашикан расид, чӣ чора кунам.

Оям бари он гулбадан шабҳои моҳтоб,
Истораи рӯи хушаш боз назора кунам.

Дур аз ману шамъи дили ағёр шуд он шӯх,
Биншаста ба роҳи ӯ лобаву зора кунам.

Айёми гул дар канори ҷӯву сояи бед,
Бо маъшуқу май рози дил ошкора кунам.

Бо дӯст занам ҷоми тараб дар лаби кишт,
Лаб бар лаби ёру ҷоми ғам пора кунам.

Содиқ, нишаста фориғ аз ташвишу ғам,
Худро ба канори ёри моҳвора кунам.

* * *

Маро бигзор, то танҳо бимирам.
Ба роҳи қисмату савдо бимирам.

Кашам чун Кӯҳкан ташвиши ағёр,
Ба заҳматҳои ин дунё бимирам.

Чу Маҷнун гашта дар кӯҳу биёбон,
Ба роҳи маҳмили Лайло бимирам.

Ба мисли ошиқон Салмону Абсол,
Ба кӯҳ дар оташи боло бимирам.

Нигоҳат мегудозад ҷони мискин,
Шавам ранҷуру аз ғамҳо бимирам.

Ҷудо аз рӯи васли гулшану гул,
Чу булбул дар ғаму ғавғо бимирам.

Зи қабри ман бирӯяд лолаву гул,
Агар рӯзе дар ин саҳро бимирам.

Хамӯш, аз ранҷу дарди гетӣ, Содиқ,
Ки, то бо зикри ё рабҳо бимирам.

* * *

Эй дил, аз сели фано манзили обод маталаб.
Аз каси бад ба худ хотираи шод маталаб.

Бикушо уқдаи сарбаста ба саъйи хештан,
Аз лаимону хасон косаи имдод маталаб.

Раҳму шафқат накунад золими бадкеш ба кас
Раҳм бар ҷони ширин сайд зи сайёд маталаб.

Дар раҳи мақсуди худ кӯҳ бибояд шикофт,
Тешаи сабр дар ин роҳ зи Фарҳод маталаб.

Ёри бад хонабарандози дилу дин бошад,
Аз зани бад ба худ хонаи обод маталаб.

Даҳр ишратгаҳи риндону парирӯён аст,
Шодиву айшу тараб аз дили ношод маталаб.

Содиқо, умр шитобад зи паи мақсуди хеш,
Сабри ишқи Лайлӣ аз Маҷнуни ношод маталаб.

* * *

Эй дӯстон, эй дӯстон, омад баҳор, омад баҳор.
Эй ошиқон, эй ошиқон, омад нигор, омад нигор.

Мастӣ расид, мастӣ расид, бар майкашон ҳастӣ расид,
Эй соқиён, эй соқиён, омад хумор, омад хумор.

Боғу чаман гулпӯш шуд, дилҳои мо дар ҷӯш шуд,
Эй дастон, эй дастон, омад ҳазор, омад ҳазор.

Он Мусии дар даст асо, то роз гӯяд бо Худо,
Бар кӯҳи Тур бо сад ано, омад низор, омад низор.

Паррандагони хушнаво, шодикунон андар фазо,
Бар кишвари зебои мо, омад қатор, омад қатор.

Он шоҳиди ширинсухан в-он рашки сад боғу чаман,
Аз баҳри қатли марду зан, омад савор, омад савор.

Эй дилбари чашмон хумор, гул кун чу фасли навбаҳор,
Содиқ бароят мекунад, ҷонро нисор, ҷонро нисор.

* * *

Гар қазо даст диҳад, тифл шавам бори дигар.
Ба ҷуз аз шӯхиву бозӣ накунам кори дигар.

Бидиҳам гӯш ба панди падару модари хеш,
Накунам ҳеҷ ба модар, падар озори дигар.

Бикунам хидмати халқу Ватану ёру диёр,
Наравам аз паи хушнудӣ ба диёри дигар.

Даст аз домани он шӯхи дилозор гирам,
Аз сари нав бикунам зиндагӣ бо ёри дигар.

Хешро аз ҳама ашрори ҷаҳон ҳифз кунам,
Надиҳам қасди ғанимат ба таррори дигар.

Дар агар баст ба рӯям пири паймонафурӯш,
Аз пайи мастӣ равам бар дари хаммори дигар.

Гар талабгори матои дили мо нест ба шаҳр,
Содиқо, рахти сафар банд ба бозори дигар.

* * *

Эй бародар, дӯстро бинӣ, варо оғӯш кун.
Сӯхтореро бубинӣ ҳар куҷо, хомӯш кун.

Гар гузар хоҳӣ ба осонӣ зи пули ду ҷаҳон,
Бо хирадмандон нишину панди пирон гӯш кун.

Гар бихоҳӣ роҳ ёбӣ дар биҳишти ҷовидон,
Тарки дунёро гузину аз майи Ҳақ нӯш кун.

Рӯзгоре аз пайи озодагон сомон бидеҳ,
Ризқи худро поку беғаш бо аёлат нӯш кун.

Гар бихоҳӣ эътиборе мар туро гардад насиб,
Хештанро бо ҳакимони ҷаҳон ҳамдӯш кун.

Содиқо, дарёдилон дилхуш рафтанд аз ҷаҳон,
Хешро аз хушиҳои даҳр хилъатпӯш кун.

* * *

Омад баҳор, эй дӯстон, вақти фараҳ оғоз шуд.
Оғӯши ёри меҳрубон бар рӯи ошиқ боз шуд.

Лола дамида аз камар, бо доғҳо андар ҷигар,
Қумрӣ зи шодӣ дар чаман бо сарву гул дамсоз шуд.

Соқӣ, биёвар ҷоми май, мутриб, бигир танбуру най,
Булбул ба гулҳо ошиқе, бо маъшуқе ҳамроз шуд.

Омад нигори нозанин, зебо кунад мӯву ҷабин,
Оина бигрифта ба каф, машшота дар пардоз шуд.

Ашки паёпай мечакад аз чашми абри навбаҳор,
Кабки дарӣ андар фазо аз шодӣ дар парвоз шуд.

Зебо диёри тоҷикон карда қабои хуш ба бар,
Содиқ бо мурғи чаман аз шавқ ҳамовоз шуд.

* * *

Ҷоме, ки зи бода холист, бишкаста бод.
Он дил, ки аз меҳри ту орист, хаста бод.

Фирдавс, тамошогаҳи хубони ҷаҳон аст,
В-он ҷо гар қудуми ту нест, дарбаста бод.

Зулфҳои печонат чу доманд ба пои ман,
Зулфе, ки доми ушшоқ набвад, гусаста бод.

Бемеҳрии даҳр дурам кард аз висоли ту,
Ағёрро ба сӯи ту низ по баста бод.

Вақти баҳор гулҳо даманд аз зери хок,
Аз дили ту гулҳои ишқи ман руста бод.

Овард боди субҳ бӯе зи зулфони ту,
Ҳар субҳ ба сӯям ин пайки хуҷаста бод.

Дур бод зи рӯи ту боди хазони даҳр,
Ҳар ҷо равӣ, хор зери по гулдаста бод.

Содиқ, зи пайи ту меравад ёри азиз,
Ҷое ту равӣ, чодарзанон нишаста бод.

* * *

Вақти он омад ба худ ёрат кунам.
Чун Мусо толиби дидорат кунам.

Масти май созам зи ҷоми ишқи хеш,
Чун шубоне ошиқи зорат кунам.

Гоҳ хандонат кунам аз лутфи хеш,
Гаҳ зи хашм аз ҷон безорат кунам.

Дур кунам аз синаҳо меҳри туро,
Бар ҷудоиҳо гирифторат кунам.

Орамат дар як замон аз ғам бурун,
Оташи Намруд гулзорат кунам.

Бахшамат сармастиҳо аз ҷуръа май,
Пас чу Мансур дар сари дорат кунам.

Ганҷи Қорун бахшамат ё аз ғазаб,
Чун гадо муфлису нодорат кунам.

Ҳамчу Юсуф орамат берун зи чоҳ,
Чун матое сӯи бозорат кунам.

Ҳамчу мӯмин дар биҳиштат ҷо диҳам,
Ё чу кофар дар дами норат кунам.

Гоҳ бахшам бозуи Рустам туро,
Гоҳ бедармону беморат кунам.

Сабр кун, Содиқ, андар сахтиҳо,
Дур зи дарду ранҷу озорат кунам.

* * *

Дарди худро, эй Худо, дармон намебинам, чаро?
Ёри худ дар ҳалқаи фармон намебинам, чаро?

Ваъдаҳо карданд андар коргоҳи зиндагӣ,
Дӯстон бо аҳду бо паймон намебинам, чаро?

Зиндагӣ мурдор гаштаст аз фиребу кажравӣ,
Одамон дур аз раҳи шайтон намебинам, чаро?

Миллати бегона дар фатҳи само овораасТ,
Тоҷиконро дар раҳи кайҳон намебинам, чаро?

Гоҳҳо дар кӯчаву кӯю хиёбонҳои шаҳр,
Фарқи феъли одаму ҳайвон намебинам, чаро?

Мардиву номардии мардро диҳанд нисбат ба зан,
Ёри худ дилсӯзу меҳрубон намебинам, чаро?

Қавми Сомонӣ хирадманду ғаюр асту валек,
Содиқо, кораш сару сомон намебинам, чаро?

* * *

Кист дар шаҳр касе сар кашад аз фармонаш.
Нест дарде, ки даво ногирад аз дармонаш.

Лаб кушудем ба уммеди шакарҳои лабаш,
Ноумедам макун, эй лутфи азал аз хонаш.

Чашми бад синаи айём шикофид басе,
Ту нигаҳ дор Худоё зи балоҳо ҷонаш.

Қавми баддин чу селест Худоё зи пайаш,
Каффи хоке бифирист, то набарад тӯфонаш.

Ҳиммате гар бикунад толеъи пастам зи қазо,
Гарди хоке бишавам бар шафати домонаш.

Аҳду паймони хубонро набувад тарҳу субот,
Кош боре будӣ бар ҷо, сухану паймонаш.

Содиқо, зинда бимонам чу Хизир то ба абад,
Қатрае нӯш кунам з-оби лаби Ҳайвонаш.

* * *

Хорҳоро бӯстон хоҳам дидан.
Ҷумла олам гулситон хоҳам дидан.

Дар замири ман ниҳон пайғамбарист,
Душманонро дӯстон хоҳам дидан.

Асли ман гарчӣ бияфтод аз биҳишт,
Хешро дар ломакон хоҳам дидан.

Зиндагӣ гоҳо пурисён асту лек,
Бар муроди одамон хоҳам дидан.

Пушт бар зини муроди зиндагӣ,
Даст бар тиру камон хоҳам дидан.

Ин ҷаҳонро кас намедонад ниҳон,
Лек асрораш аён хоҳам дидан.

Дар ҷаҳони пур зи шӯру фитнаҳо,
Одамонро меҳрубон хоҳам дидан.

Дар замин, Содиқ, гулу гулзор ҳам,
Дар само исторагон хоҳам дидан.

* * *

Эй писар, пандам ниюшу ҳар кучо сарсон марав.
Аз паи нафсу ҳаво чун мардуми нодон марав.

Чун Сикандар ташвиши зулмот бар худ раҳ мадеҳ,
Аз барои ҷустуҷӯи Чашмаи ҳайвон марав.

Чун Юсуф гар подшоҳӣ бахшадат шаҳри ғариб,
Дур кун аз сар фикри Мисру берун аз Канъон марав.

Ваъдаи давлат диҳад ёри мунофиқ дар сафар,
Бигсил аз суду паи ёрони бепаймон марав.

Панди пирон гӯш кун, бо некмардон кор гир,
Дар пайи кори ҷаҳон ҳамроҳи номардон марав.

Гар Худо бахшад туро дороии мулки ҷаҳон,
Бо ғурур ҳаргиз савори аспи пурҷавлон марав.

Содиқо, маштоб дар кору таҳаммул пеша кун,
Аз паи сомониҳои умр бесомон марав.

* * *

Ғам ба дил чун мавҷи рӯд андар баҳорон дидаам.
Оби чашми хеш мисли обшорон дидаам.

Сар задам бар ҳар дареву по ба ҳар кӯю диёр,
Ман талоши мардумон бо рӯзгорон дидаам.

Дар баландии диёри гулбасар гаштам калон,
Қуллаҳои сарбаланди кӯҳсорон дидаам.

Об дар чашм, меҳр дар дил, зиндаам андар ҷаҳон,
Ҷавр аз хасм, меҳрубониҳо зи ёрон дидаам.

Дар баҳорон карда сайри кӯчабоғи ошиқон,
Бӯсаҳои гарму нарми дӯстдорон дидаам.

Дар ҷавонӣ мешгардон сар-сари кӯҳу камар,
Шар-шари оби зулоли чашмасорон дидаам.

Ғарқаи шавқи висоли рӯи гулҳои чаман,
Булбулони хушнаво дар шохсорон дидаам.

Ин замин серӣ надорад аз ҷамоди одамӣ,
Андар ӯ аз ҷисми одам сад мазорон дидаам.

Содиқо, бисёр дидам зиндагӣ пурпечутоб,
Мастиву лофу ғурури майгусорон дидаам.

* * *

Он чи хубӣ буд ба олам, ман зи некон ёфтам.
Он чи буд зиштӣ ба олам, ман зи дунон ёфтам.

Ҷумлае дидам пайи ободиву озодианд,
Ҷумлаеро дар пайи тороҷу зиндон ёфтам.

Иддаеро дидаам дар қайди айшу ишратанд,
Иддаеро ташналаб дар кӯча урён ёфтам.

Одамӣ ҳар ҷо равад, охир кунад ёди Ватан,
Оқибат гӯри Юсуф дар хоки Канъон ёфтам.

Ҳар куҷо дидам каси бадро, дурӣ ҷустам аз ӯ,
Хешро дар ҳалқаи маҳфили хубон ёфтам.

Карда сайри лолаву гул дар баландиҳои кӯҳ,
Ошиқонро дар баҳорон чеҳрахандон ёфтам.

Карда Содиқ меҳрубониҳо барои ёри худ,
Хештанро оқибат дар кӯи ҷонон ёфтам.

* * *

Орзӯи дидани рӯяш ҳавас бошад маро.
Нолаҳо дар роҳи ишқаш чун ҷарас бошад маро.

Ҳар замон парвози гирди кӯи ӯ дорам ба сар,
Гардиши даврон, вале бар тан қафас бошад маро.

Мениҳам ҳар ҷо қадам то гулситон пайдо шавад,
Дуриҳо аз ҳамдами чун хору хас бошад маро.

Баҳри ободии ҳар вайрона мебандам камар,
Зиндадориҳо дар ин раҳ чун асас бошад маро.

Набвадам паҳну парешонӣ зи ҳар боди хазон,
Шерчангам, теғи хасм боли магас бошад маро.

Ҳар чи дорам дар бисотам, мекунам қурбони дӯст,
Рӯзи сахтӣ ёри нек фарёдрас бошад маро.

Содиқам, шабзиндадорам ман ба ёдат, эй Худо,
Обҳои чашм чун рӯди Арас бошад маро.

* * *

«Э хиёнат бар ту раҳмат аз ту роҳат ёфтам,
Э садоқат бар ту лаънат аз ту заҳмат ёфтам.»

Меҳнати ҳақ, бар ту раҳмат, аз ту шӯҳрат ёфтам.
Бар ту лаънат, коҳилӣ, аз ту мазаммат ёфтам.

Аз хушии хӯйи хуб ман ёфтам роҳат зи даҳр,
Аз кaҷии хӯйи бад садҳо ҷароҳат ёфтам.

Хӯйи хуш бо ёри нек якранг дидам дар ҷаҳон,
Шарру хулқи бад дуро наҳсу касофат ёфтам.

Беадаб ҳар ҷо равад, санги маломат мехӯрад,
Боадабро ҳар куҷо дар садри иззат ёфтам.

Ҳақталошӣ гоҳ одамро барад бар нобудӣ,
Рост гӯям, адлу инсоф, аз ту заҳмат ёфтам.

Одамӣ яксон бувад аз феъли барҷомондагӣ,
Бар ту раҳмат, табли реҳлат, аз ту давлат ёфтам.

Ман намедонам чӣ асрорест дар ин корҳо,
Ростиҳо пеша карда, боз тӯҳмат ёфтам.

Содиқо, дар ҳайратам аз сирри ин дунёи дун,
Тансиҳатро мурда, бемораш саломат ёфтам.

* * *

«Эй ёри ман, эй ёри ман, эй ёри безинҳори ман».
Дил пора гардид дар ғамат, пеш о ту, эй ғамхори ман.

Маҷнунсифат саргаштаам, овораи ҳар пуштаам,
Раҳме бикун, эй Лайливаш, бар нолаҳои зори ман.

Фарҳоди кӯят гаштаам, дар ишқи ту побастаам,
Боз о ба кӯҳи Бесутун, Ширини шаккарбори ман.

Ман ташнаи ҷоми маям, сӯзанда чун ною наям,
Чун Мусӣ дар ҳою ҳаям, эй булбули гулзори ман.

Ҳар лаҳза нешам мезанӣ, бар дину кешам мезанӣ,
Бар қалби решам мезанӣ, эй Ҳайдари каррори ман.

Ман об дар ҷӯи туам, ман бандаи рӯи туам,
Саргаштаи кӯи туам, эй Юсуфи бозори ман.

Ман Содиқам, ёри туам, ман ошиқам, зори туам,
Ҳам нуру ҳам нори туам, эй сирру эй асрори ман.

* * *

Санамо, чӣ мешитобӣ, ту марав дур аз канорам.
Ё зи ман малул гаштӣ, ба барам биё, нигорам.

Як даме нишин ба пешам, ки бинам рухи чу моҳат,
Ту равонӣ ҳамчу дарё, ман чу абри навбаҳорам.

Синаҳои реш-решам, зи фироқи туст, ҷоно,
Ту гуливу ман чу булбул, зи ғами ту беқарорам.

Дилрабоӣ эй нигоро, бирабудӣ қалби моро,
Ту нишастаӣ ба гулшан, ман ба ин диёр хорам.

Дуруду паёми ёрӣ, бари ман намефиристӣ,
Сӯи боди субҳгоҳӣ, бо ду чашми интизорам.

Нашавад зи сина берун, ғами ишқи ту нигоро,
Баъди марг ба ёди рӯят, наҳва хезад аз мазорам.

Эй нигор, Содиқам ман, ба вафот содиқам ман,
Ҳамчу Қайс ба ёди рӯят, ҳамасола сӯгворам.

* * *

Даври ноҷӯриву айёми хазон хоҳад гузашт.
Пиру барно оқибат аз ин ҷаҳон хоҳад гузашт.

Ҳирс охир мекунад бадном дунёдорро,
Гурги нафс аз остони шаб ниҳон хоҳад гузашт.

Сабр бояд кард аз ҷавре, ки ояд бар сарат,
Ғам махӯр, даврони сахти золимон хоҳад гузашт.

Гоҳ сархушӣ, гаҳе ҳушёрӣ кори оқил аст,
Фасли боровардани токи разон хоҳад гузашт.

Чун ситора бахт рӯзе дар барат рахшон шавад,
Нола кам кун, ҷаври он номеҳрубон хоҳад гузашт.

Маҷнуни шӯрида дил хуш дор, бас ғамгин машав,
Лайлӣ аз ин кӯ савори корвон хоҳад гузашт.

Аз тимору парвариши даҳри дун ғофил машав,
Корвони бахт, Содиқ, з-ин макон хоҳад гузашт.

* * *

Рӯзҳо бе дидани рӯят шаби тор аст маро.
Пеши чашмам бе ту гулҳои чаман хор аст маро.

Орзуи сайри кӯи ту маро хуш аст, вале
Фитнаҳои хасм дар ин роҳ девор аст маро.

Боғбоно, боғ банд бар рӯи ғайр ҷуз ёри ман,
Аз барои ту ҳама мардум ағёр аст маро.

Бар умедам ҳамчу моҳи нав шабе пайдо шавӣ,
Чун ситора дидаҳо то субҳ бедор аст маро.

Карда манзил корвони ҷаври ишқат бар дилам,
З-ин сабаб аз захми ӯ ҳар лаҳза озор аст маро.

Муддате дар ҳасрату як муддате дар ишратам,
Модари даҳр гоҳ хору гоҳ ғамхор аст маро.

Нест, Содиқ, фарқи кӯҳу дашт дар пеши уқоб,
Зери по шебу фарози даҳр ҳамвор аст маро.

* * *

Эй нигори нозанин, сайри чаман бе ман марав.
Чидани гулҳои тар дашту даман бе ман марав.

Сайди мурғи ошёни дигарон ҳаргиз макун,
Эй тани танҳои ман, аз баҳри тан бе ман марав.

Ҳамчу Юсуф гар кашӣ ҷаври ғарибӣ, эй нигор,
Дар ғарибӣ сабр кун, сӯи Ватан бе ман марав.

Давлати дунё наарзад васли ёри некро,
Ҷустуҷӯи дурр бар кӯҳи Адан бе ман марав.

Боди субҳ ҳар дам биёрад бӯи хуш аз он диёр,
Аз пайи шаммидани мушки Хутан бе ман марав.

Роҳати дунё хуш асту ишрату айши ҷаҳон,
Дар биҳишти ҷовидон, гулпираҳан, бе ман марав.

Умр бо Содиқ намо хуш, чашм аз дунё бибанд,
Ҳар куҷое меравӣ, эй симтан, бе ман марав.

* * *

Гар ман мирам, эй дӯстон, аз ҳоли ман ёд оваред.
Ёде аз ин ҳоли дили Маҷнуни ношод оваред.

Ҳоли маро бо хоки ман орад бурун боди сабо,
З-ин рӯ шумо,эй дӯстон, рӯ сӯи ин бод оваред.

Гар ман мирам оворае, ё дар дару вайронае,
Овора аз вайронае бар кӯи обод оваред.

Гар золиме бар олиме ҷавру ҷафо бисёр кард,
Онро гиреду назди шоҳ аз баҳри имдод оваред.

Дидори ёри дилнишин бахшад ба кас меҳру матин,
З-ин рӯ Ширини нозанин бар кӯи Фарҳод оваред.

Гар оҳуе афтад ба дом, тифлони ӯ монад зи ком,
Он оҳу баҳри тифлакон аз доми сайёд оваред.

Содиқ, алиф аст қадди ёр, рухсорааш мисли анор,
Дар хидмати қадду рухаш садбаргу шамшод оваред.

* * *

Ид омаду эй ҷонон, қурбони ту ҷон бодо.
Сад ошиқу муштоқон, сӯи ту давон бодо.

Сад қарн баҳор ояд, сад лайлу наҳор ояд,
Эй ғунчаи фархунда, умри ту ҷавон бодо.

Аз ишқи ту беморам, шабҳо ҳама бедорам,
Пеши қади чун сарват, қади ман камон бодо.

Рӯзе набинам рӯят, манзар накунам кӯят,
Ашки дидагони ман, чун Даҷла равон бодо.

Ҳар дам накунам ёдат, хандонлабу дилшодат,
Миҷгони ту бар қатлам, шамшеру синон бодо.

Аз меҳри ту ман шодам, дилро ба ту ман додам,
Ишқи ту ба ҷони ман, чун тиру камон бодо.

Аз кишвари ишқ, Содиқ, сар то ба қадам ошиқ,
Умрат чу баҳорон хуш, бе фасли хазон бодо.

* * *

Гадои даргаҳи он моҳрӯям.
Зи ишқаш ҳамчу Маҷнун кӯ ба кӯям.

Ғамамро дар дили сангаш асар нест,
Намедонам чӣ созам ё чӣ гӯям.

Худоё, ин бути ман хорадил аст,
Зи ҳиҷронаш ҳамеша бо сабӯям.

Надорам мӯнисе дар дори дунё,
Зи ишқи он санам то роз гӯям.

Бигаштам пойбанди рӯи моҳаш,
Бирехт аз дасти ишқаш обрӯям.

Чӣ суд аз маҷлису маҳфили ағёр,
Биё, бо ман нишин, ёри накӯям.

Шабе дар хонаи ман меҳмон шав,
Бишин, эй моҳи тобон, рӯ ба рӯям.

Бигирад бӯса Содиқ аз лабонат,
Бароят қиссаи ошиқ бигӯям.

* * *

Дареғо, умр рафту ёр н-омад дар канори ман.
Баҳор омад, вале н-омад ба ҳомун лолазори ман.

Зи беаҳдии даҳри дун бигашта он маҳи хубон,
Гулу сунбул ба дастони рақибу дастахори ман.

Шабон аз ҳаҷри рӯяш то саҳар фарёд медорам,
В-аро парво набошад аз фиғону оҳи зори ман.

Бибурдастанд чашмони пурафсуну ҷафокораш,
Инону ихтиёру тоқату сабру қарори ман.

Зи дурии ту, эй ҷонона, хушкид мазраи ишқам,
Бирез борони меҳрат бар сарам, абри баҳори ман.

Ғанимат бишмар ин умри ҷавониву ҷавонӣ кун,
Биё бо ман нишин як лаҳзае, зебо нигори ман.

Агар, Содиқ, бипӯсад устухонам зери хоки сард,
Ба ёдаш медамад райҳону сунбул аз мазори ман.

* * *

Ба ҷаҳон бо нигаҳи нек назар дорем мо.
Аз раҳи пурхатару хавф гузар дорем мо.

Рахт бастем ба сӯйи ҳарами марди худо,
Аз лаимону хасон сахт ҳазар дорем мо.

Пургунохем, вале дар талаби лутфи Ҳақем,
Баски аз Одаму Ҳавво шаҷар дорем мо.

Нестем тифли дурӯза, ки диҳанд бозии даст,
Аз фиребу ҳилаи хасм хабар дорем мо.

Мо накӯшем чу Қорун зи паи сарвату ганҷ,
Аз тавозӯву карам хилъати зар дорем мо.

Оташи кавну макон аст ниҳон бар тани мо,
Дар бағал ёру ба дил ёри дигар дорем мо.

Тӯшаи мо зи ҷаҳон кори накӯву раҳи рост,
Меҳмонем дар ин даҳру сафар дорем мо.

Гар нашуд ёр харидори матои дили мо,
Ғам махӯр Содиқ, бозори дигар дорем мо.

* * *

Муждаи шодӣ, дӯстон, фасли баҳор мерасад.
Рақсу тараб ошиқон, васли нигор мерасад.

Соқии симсоқи мо, барзада остин биё,
Баҳри нишоти ҷони мо, ҷоми хумор мерасад.

Нағмаи мурғакон ба боғ, хониши қумрӣ дар чаман,
Мутриби хушнаво биё, савти ҳазор мерасад.

Ҷилваи қомати нигор мебарад ақлу ҳуш зи сар,
Гӯш диҳед ба ҳар тараф, хандаи ёр мерасад.

Содиқи шефтаи баҳор, шод бизӣ ба васли ёр,
Булбули хушсадо, бихон, гул ба канор мерасад.

* * *

Аз барам рафтию, ҷоно, дар дилам ёдат ҳанӯз.
Мерасад бар гӯши ман овою овозат ҳанӯз.

Роз мегуфтӣ зи дунёи ҷавоният ба ман,
То кунун андар хаёлам мерасад розат ҳанӯз.

Ноз мекардӣ ба ман, нозат маро шайдо намуд,
Пеши чашмам ҷилва дорад он қаду нозат ҳанӯз.

Зинда медорад мудомам, эй нигори нозанин,
Он суханҳои ширину чашми ҷонбозат ҳанӯз.

Гашта гирди даҳр бо бисёр хубон будаам,
Аз мазоқам мечакад лаъли шакарборат ҳанӯз.

Чун Сикандар гаштаам сарсони зулмоти ҷаҳон,
Лек равшан мекунад роҳам рухи моҳат ҳанӯз.

Гарчи рафтӣ, эй парирӯ аз бари Содиқи хеш,
Нигаронанд дидагонам ёр, дар роҳат ҳанӯз.

* * *

Дар ҷаҳон пас аз сари мардон сафар хоҳад монд.
Аз каримон хайру некӯӣ самар хоҳад монд.

Одамият ҷаҳд медорад бимонад ҷовидон,
Баҳри ҷовидии номи ӯ писар хоҳад монд.

Мешавад хомӯш оташ, меравад гардаш ба бод,
Аз даду мурғон фарёди саҳар хоҳад монд.

Гар хирадманд бо ғами дунё сафар кард аз ҷаҳон,
Баъди марги ӯ хирадманди дигар хоҳад монд.

Оби ҳайвон бахш баҳри мардумони некхоҳ,
Аз дили най нолаву шаҳду шакар хоҳад монд.

Рӯзҳо бегоҳ мегардандy ин шабҳо саҳар,
Умр чун мебигзарад, шамсу қамар хоҳад монд.

Шеваи дунёи дун парвардани нокас бувад,
Аз шаҳи ғофил бар кишвар хатар хоҳад монд.

Дурӣ ҷӯ Содиқ, аз ноаҳлу шарру нокасон,
Баъди сӯҳбатҳои нодон дарди сар хоҳад монд.

* * *

Булбул аст ё тӯтии шаккар ба гуфтор омадаст.
Ё малак одамсифат рӯ сӯи бозор омадаст.

Акси рӯяш равшанӣ бахшад замину осмон,
Гӯиё шамсу қамар бо ҳам падидор омадаст.

Чун бубинам рӯи моҳаш, шод гардад хотирам,
Сӯи Яъқуб гӯиё Юсуф ба дидор омадаст.

Мегудозад ҷони ширинам итобу нози ӯ,
Гӯиё бар қатли Мансур ҳалқаи дор омадаст.

Ақлу дилу дин ба яғмо бурд ҳусни оразаш,
Баҳри торочи халоиқ гӯӣ таррор омадаст.

Дар фироқаш оҳу афғон мекунам, эй дӯстон,
Гӯиё аз баҳри гул булбул ба гулзор омадаст.

Содиқо, ҷаври нигори хуб мебояд кашид,
Баски аз ҷаври хубон дармони бемор омадаст.

* * *

Эй подшоҳи ошиқон, арзи паёмат мекунам.
Гар афтадам сӯят гузар, аз ҷон саломат мекунам.

Дур аз бари ман рафтаӣ, бо кас суханҳо гуфтаӣ,
Гар афтӣ як рӯзе ба даст, чун май ба ҷомат мекунам.

Зебоӣ чун нақши нигин, султонӣ дар рӯи замин,
Чун моҳу шамсу ахтарон дар осмонат мекунам.

Гар медавӣ бар сӯи ғайр, ё сӯи дона ҳамчу тайр,
Бар синаи худ аз қазо тиру камонат мекунам.

Аз ман дур астӣ, бевафо, дил хаста медорӣ маро,
Боз о, ки эй султони мо, хуш меҳмонат мекунам.

Гар ҳастӣ пайдову ниҳон, в-ар пар занӣ дар осмон,
Ҳамчу наҳанге як замон дар зери обат мекунам.

Гар гаштаӣ хору залил, боз о, ки эй шамъи Чигил,
Ҳамчун Мусии боасо, боломақомат мекунам.

Дурӣ маҷӯ аз назди ман, чун кабк дар кӯҳу даман,
Сайёд мегардам ба кӯҳ, рӯзе ба домат мекунам.

Содиқ манам, лойиқ манам, магрез эй зебосанам,
Мисли Сулаймон бо дуъо бар хеш ромат мекунам.

* * *

Аз ҳад гузашт, ҷоно, дар ишқи ту сабурӣ.
Боре ба кулбаам о, бас кун ҷафову дурӣ.

Хубони некмаҳзар ошиқ менавозанд,
Ту ҳам такаллуме кун, бар дилу дида нурӣ.

Тухми муҳаббати ту киштам ба дидаву дил,
Эй воҳ, ёри ҷонӣ, чун оташи танӯрӣ.

Моҳ аст оррази ту, сарв аст қомати ту,
Дар ҳусну дар латофат, ҷоно, шабеҳи ҳурӣ.

Зулфи ту ҷон фишонад, монанди ҳалқаи дор,
Ағёрро ҳамеша бо лутфу меҳр ҷӯрӣ.

Дорам фиғон зи ишқат, э шоҳи ҷумла хубон,
Бас кун ҷафо ба ҷонам, ҳарчанд чусту зӯрӣ.

Ҷон мебарӣ зи ошиқ, раҳме намо ба Содиқ,
То риштаи муҳаббат аз дили мо набурӣ.

* * *

Бо рафиқи нек дар тӯйи рафиқи бад будам.
Гӯиё дар арраи коми наҳангу дад будам.

Аз чунин рафтору аз гуфтори он соҳиби тӯй,
Ғарқаи гирдоби шарму ташвиши беҳад будам.

Соате будам дар ин ҳолу гумонам он замон,
Зинда, лекин гӯиё чун мурда дар лаҳад будам.

Дар хиҷолат дӯстон буданд аз ташрифи худ,
Табъ хира ман низ он лаҳза дар он кад будам.

Ҳар замон гуфтору рафтори бадаш мешуд зиёд,
Аз чунин кирдор рӯ сурху ҳарорат сад будам.

Кас набояд по гузорад то надонад ҷои худ,
Сад пушаймонам аз он дар тӯйи он муртад будам.

Гашта ноҷӯру малул Содиқ, зи хони нокасон,
Баъд аз он дар фикри дурӣ аз чунин маснад будам.

* * *

Лаб кушо, рахна кунам қайди ғаму андӯҳро.
Рух намо, хона кунам домани дашту кӯҳро.

Ханда бинмо, ки муроди дили ошиқ бошад,
Бахшадам қуввати дил, шод намояд рӯҳро.

Шеваи марди худо фармуди яздонӣ бувад,
Шер манзил кунад ҷангали пуранбӯҳро.

Бе ризоёти Худо кор напечад ба амал,
Селу тӯфон набурд киштию қавми Нӯҳро.

Он чиро гуфтӣ, магӯ бори дигар дар маҳфил,
Ҳоҷати васфи дубора набувад мамдӯҳро.

Бодаву шоҳиду чанг, сояи боғу лаби ҷӯ,
Шод созад дили ношоди каси маҷрӯҳро.

Содиқо, асл агар хоҳӣ, ба зоҳир манигар,
Фарқи сурат натвон кард ду каси тобӯҳро.

* * *

Тобиши субҳи давлати одам.
Аз толеи неку ҳимматаш бошад.

Мард чу хирадманду хоксор аст,
Ҳар куҷо равад ҳурматаш бошад.

Ҳар касу ҳар чӣ шуд нафърасон,
Мисли Ҳотаму тилло қимматаш бошад.

Гарчи шуд ину он мазарратдеҳ,
Ҳамчу Заҳҳоку мор мадфанаш бошад.

Кас чу шуд сухандону нуктасанҷ,
Ҳамчу булбул анҷуман чаманаш бошад,

Гар бувад палиду доништиҳӣ,
Чун шаётин зи халқ лаънаташ бошад.

Содиқо, илму ҳунару дониш,
Ҳар киро ҳаст, ҷавшанаш бошад.

* * *

Эй дил, ба кӯи он санам ин нолаҳои зор чанд.
Эй боғбон, мепарварӣ бар ҷои гулҳо хор чанд.

Эй ақл, ту боз о ба худ, дур кун ҷунуниҳо зи худ,
Сар кун сухан аз ёди Ҳақ, худро диҳӣ озор чанд.

Эй марди Сомонишаҷар, аз нокасон баркан назар,
Мурғи ҳумо бар устухон охир занӣ минқор чанд.

Эй шоҳи дад, шери жаён, гаштӣ зи майдонҳо ниҳон,
Аз баҳри сайди ночизе афтодагӣ дар ғор чанд.

Эй гул, чаро накҳат диҳӣ зоғи зи атр бегонаро,
Шамъи фурӯзон мешавӣ бар маҳфили ағёр чанд.

Мисли қаландар дар ҷаҳон мегардӣ пайдою ниҳон,
Эй дил, ба дунболи хубон дар кӯчаю бозор чанд.

Эй шайхи Санъони сахо, кардӣ фаромӯши Худо,
Аз баҳри тарсодухтаре бандӣ ба худ зуннор чанд.

Содиқ, пайи дунё магард, дунё ғам асту ранҷу дард,
Эй дил, чӣ ту хун мешавӣ, аз баҳри ин айёр чанд.

* * *

Эй меҳани зебои ман, рӯзе видоят мекунам.
Эй миллати волои ман, ҷонро фидоят мекунам.

Эй шӯхчашми беқарор, дурӣ намудӣ ихтиёр,
Боз о ба пешам, эй нигор, сар пеши поят мекунам.

Эй модари ҷонпарварам, ҳарчанд рафтӣ аз барам,
То шод гардад рӯҳи ту, ҳар дам садоят мекунам.

Аз баҳри ман шому саҳар, заҳмат кашидӣ, эй падар,
Ёдат ба хайр, ёдат ба хайр, садҳо дуоят мекунам.

Эй бахти саркаш, то ба кай дар коми ғайрӣ пай ба пай,
То оварам андар канор, банде ба поят мекунам.

Эй рӯзгори босафо, паҳну парешонӣ чаро,
Эй қалби решу ранҷурам, рӯзе давоят мекунам.

Яксон намонад баҳру бар, дар гардиш аст шому саҳар,
Эй Содиқи шӯридасар, дар дида ҷоят мекунам.

* * *

Ғарқи ишқат гаштаам, эй гулбасар.
Нохудоӣ кун маро дар ин хатар.

Манзили ишқат дур асту бас баъид,
Ҳамраҳӣ кун ту маро дар ин сафар.

Домҳо афканда дар роҳам рақиб,
Даст деҳ то ман кунам аз он гузар.

Шаб ба ёдат мекунам оҳу фиғон,
Вирд мегӯям бароят ҳар саҳар.

Гар наоӣ дидани ман, оқибат,
Ҳамчу Маҷнун ҷо кунам кӯҳу камар.

Илтиҷои ман ба роҳи роми ту,
Эй нигоро, мисли бед аст бесамар.

Нолаву фарёди ман, эй дилрабо,
Заррае бар ту намесозад асар.

Гар нахоҳӣ дидани дидори мо,
Мерасон аз ҳоли худ бар мо хабар.

Баҳри таскини дили Содиқи хеш,
Як назар бинмо, нигоро, як назар.

* * *

Рухсораи чун моҳи ту дом аст дили моро.
Раҳме бинамо бар мани уфтода, нигоро.

Бас кун ситаму ҷавру ҷафо бар тани ошиқ,
Боре ту ҳам овар ба забон ҳарфи вафоро.

Ту шоҳию эҳсону мурувват сифати туст,
Ҷоно, зи сари кибр маранҷон ту гадоро.

Ин бодияи ишқи ту гирдоби балоест,
Зинҳор макун ғарқаву саргашта ту моро.

Гар кори хато рафт зи мо, ҳукми азал буд,
Бинмо караму авф бикун кори хаторо.

Гар боди сабо оварад аз зулфи ту бӯйе,
Як умр навозам қадами боди саборо.

Дар ҳусну малоҳат чу ту дар шаҳр яке нест,
Содиқ шуда дилбастаи ҳусни ту, нигоро.

* * *

Дил гашта асири ғамзаҳоят.
Ду дида гадои чашмҳоят.

Тӯтӣ шуда маҳви он суханҳо,
Булбул шуда ошиқи садоят.

Дар ҳусну латофат офтобӣ,
Лайливу Ширин буванд гадоят.

Ку Хусраву ку Маҷнуну Вомиқ,
То саҷда кунанд пеши поят.

Ман бастаи зулфи чун камандат,
То ҷон бувадам кунам вафоят.

Ту кишвари ишқу ошиқонӣ,
Аз офату шар раҳад Худоят.

Эй шоҳи хубони ҷумла олам,
Холӣ набувад зи айш сароят.

Дур бод баҳорат аз хазонҳо,
Ҳар шому саҳар кунам дуоят.

Дурӣ макун аз канори Содиқ,
Пеш о, ки кунам ба дида ҷоят.

* * *

Мавҷи хунам мавҷи Ҷайҳунро мусаххар мекунад.
Оби чашмам домани дашту даман тар мекунад.

Мефизояд табъи ширинам ба ҳар маънӣ калом,
Фикри бикрам панҷа бар Хуршеди Ховар мекунад.

Дуди оҳам мезанад фаввора ҳар дам бар фалак,
Барқосо оҳи ман кори Сикандар мекунад.

Дил тапидан дорад андар синаам бо сад умед,
Мисли шамъ месӯзаду роҳам мунаввар мекунад.

Оташин феълам хурӯшон мешавад чун рӯди Панҷ,
Мехӯрад силӣ зи соҳил боз сар бар мекунад.

Ҷисми ман пайваста месӯзад ба ёди рӯйи дӯст,
Хешро дар ҷомаи мурғи Самандар мекунад.

Табъи мавзунам агар ҳиммат кунад, Содиқ, маро,
Ҳамчу воиз меҳвари маҷлису минбар мекунад.

* * *

Аз такопӯҳои дунё пир гаштам оқибат.
Аз фиреби зиндагӣ дилгир гаштам оқибат.

Ҷонфидоӣ мекунам аз баҳри кори дигарон,
Баҳри кори хеш бетадбир гаштам оқибат.

Шири модар хӯрдам, гаштам бузургу кордон,
Баҳри рушди дигарон чун шир гаштам оқибат.

Тир асир аст бар камони каҷ зи роҳи ростӣ,
Ман, асири каҷравон чун тир гаштам оқибат.

Ман, фиреби муслиму кофар бидидам беҳисоб,
Ман, асири фитнаю тазвир гаштам оқибат.

Дигаронро карда озоду валекин хештан,
Пойбанди кулфати омир гаштам оқибат.

Бо сухан парварда худро дар муҳити оқилон,
Содиқо, чун моҳи оламгир гаштам оқибат.

* * *

Талабгор аст ҳар дилдода гулҳои баҳориро.
Ба ёди ғунча булбул дӯст дорад оҳу зориро.

Ҳавои боғ мехоҳад дилам дар ёди он гулрӯ,
Ки табъи ошиқон мепарварад чашми хумориро.

Кафи дасти гадоён интизори хайру эҳсон аст,
Макун кӯтаҳ ба ишон, ай Худо, ангушти ёриро.

Ба лутфу меҳрубониҳои даврон бас макун одат,
Ки ин мизбони дилтанг хуш надорад интизориро.

Азозил аз раҳи мағруриҳо шуд рондаи Яздон,
Худовандо, макун дур аз вуҷудам хоксориро.

Зи нокас ранҷҳо бурдему лаб аз шиква накшудем,
Чу Айюб пеша кардем, сабри даври беқарориро.

Садою суръати ороми аспи оҳанин Содиқ ,
Ба ёдам оварад айёми хуши харсавориро.

* * *

Эй ёри дурафтодаам, бе ту ба олам чун кунам.
Гар ту наойӣ сӯйи ман, ман дидаро Ҷайҳун кунам.

Гардам ба гирди кӯҳу дар, дар ёди ту шому саҳар,
Аз тайру дад пурсам хабар, ман хешро Маҷнун кунам.

Парвона созам хештан, ҷонро диҳам бар сӯхтан,
Орам чу шамъ дуд аз даҳан, ман синаро пурхун кунам.

Дар ҳаҷри ту фарёди ман, орад ба гардун доди ман,
Ман шикваҳо пеши Худо, аз толеъи ворун кунам.

Гар шамъи рӯят, ҷони ман, равшан намояд хони ман,
Ман ташвиши дунёи дун, бар пушти як нохун кунам.

Пеш о ту, э ороми ҷон, э шамсу моҳу ахтарон,
Ман бо ҷамоли хештан, рӯзе туро мафтун кунам.

Ман Содиқам, ман ошиқам, ман бар ту, ҷоно, лойиқам,
Ман бо сухан, эй гулбадан, охир туро афсун кунам.

* * *

Ин ҷаҳон пурхор аст, зинҳор ту хорӣ макун.
Даҳр пурозор аст, ту мардумозорӣ макун.

Бош марди оқилу иншогари хайру накӯ,
Ҳамчу деву дад ту, эй одам, сабуксорӣ макун.

Хӯйи Иброҳим гир, дур шав зи Намруди лаъин,
Гар мусулмонзодаӣ, охир куффорӣ макун.

Одамиро ҷой бояд дар мақоми хештан,
Чун гадоён ҷойу ноҷо, ту падидорӣ макун.

Дӯстӣ бо одамони нек кори оқил аст,
Эй бародар, бо лаиму ҷоҳилон ёрӣ макун.

Дар дукони одаме рав он, ки дорад моли хуб,
Ҳамчу кӯрон ҳар матоеро харидорӣ макун.

Ҳамчу Сино пеша кун дармони дарди одамон,
Неши худ бар ҷони кас, Содиқ мазан, морӣ макун.

* * *

Ҳеҷ кас аз айб орӣ ҷуз Худои пок нест.
Ҳар касе инро надонад, соҳиби идрок нест.

Ҳар кӣ дар роҳи ҳақиқат кард сарфи умри хеш,
Ҳаргиз ӯро з-оташи сӯзони дӯзах бок нест.

Гар касе дар роҳи ишқу ошиқӣ ҷон бохтаст,
Лек дар ин раҳ чу Юсуфи гиребончок нест.

Ҳар киро бинам чу лола доғ дорад дар ҷигар,
Синаи бедоғ зери гунбади афлок нест.

Одамӣ беғам набошад, гарчи шоҳ аст ё гадо,
Кас набошад к-ӯ ба зери чархи дун ғамнок нест.

Гар фалакпаймо шавӣ ё гар равӣ дар зери об,
Оқибат манзил моро ҷуз ба зери хок нест.

Содиқо, танҳо асири доми зулфаш нестӣ,
Нест як дил, к-ӯ асири он бути чолок нест.

* * *

Аз чӣ ранҷидӣ зи мою ҷони моро костӣ.
Пеши кас пайдову пеши мо, ту нопайдостӣ.

Чанд рӯз  аст пешаи худ кардаӣ исёнгарӣ,
Саркашу қаллошу кофаркешӣ ту, аз ростӣ.

Куштагони роҳи ишқат зинда гарданд аз рухат,
Дорую дармони Сино, мӯъҷизи Исостӣ.

Сарв пеши қадди болоят хиҷилу сархам аст,
Мавҷи дарёю хироми оҳуи саҳростӣ.

Тезу тунду саркашӣ монанди рӯди беқарор,
Ҳар кӣ ҳастӣ, дилбари бедодгар, аз мостӣ.

Дилкашу хушрӯю хушбӯйӣ чу гулҳои баҳор,
Рашки Узрову Ширину Зӯҳраву Лайлостӣ.

Мекунӣ васфи хубону меҳрашон мепарварӣ,
Содиқи ширинзабонӣ, ошиқи шайдостӣ.

* * *

Агар биёӣ дар барам, ба сар кулоҳ мекунам.
Дар осмони ишқи дил, чу меҳру моҳ мекунам.

Агар чу мурғи дар ҳаво, в-агар чу абри дар само,
Туро Юсуфу синаам, ба мисли чоҳ мекунам.

Агар ба кишвари дигар, равӣ чу шамсу чун қамар,
Суроғи ту чу боди субҳ, ба ҳар сабоҳ мекунам.

Агарчи хор аз қазо, яке халад туро ба по,
Ки то бурун кунам в-аро, сад оҳу воҳ мекунам.

Агар ба пеши ту рақиб, шавад зи беҳудӣ қариб,
Ба як расидану задан, в-аро табоҳ мекунам.

Агар зи шӯълаи рухат, расад маро ба сина таб,
Ба зери сояи қадат сарам паноҳ мекунам.

Чу Содиқ аз раҳи вафо нагардад аз раҳаш қафо,
Ки оқибат ба қалби ту, зи меҳр роҳ мекунам.

* * *

Ё раб, шаби дарози мо, бодо саҳар шавад.
Хоки қудуми ёри мо, лаълу гуҳар шавад.

Сеҳри каломам ҳар замон дилҳо кунад фусун,
«Мақбули табъи мардуми соҳибназар шавад.»

Ҳар неку бад ба мо расад, ёд аз ту мекунем,
Ё раб, мабод ҳоли мо, з-ин бас батар шавад.

Дурам бикун зи мардуми нодону бетамиз,
К-аз сӯҳбати ин нокасон, кас дарди сар шавад.

Гар одамиро заррае имон бувад ба дил,
Аз ҳиммати лутфи Худо, шамсу қамар шавад.

Бодо,ки байту мисраи ашъори ноби мо,
Дар коми мардони хирад шаҳду шакар шавад.

Содиқ, ҳар он чи суфтаам аз ҷавҳари хирад,
Мӯҳри даҳони мардуми шайтону шар шавад.

* * *

На ҳар кас пеша созад касбу кори боғбониро.
Ҷаҳони тифлу волид мепарастад меҳрубониро.

Зи рӯи бухлу кину ноқисии ақли худ баъзе,
Ба маҷлис мекушояд сирру асрори ниҳониро.

Тааҷҷубовар аст дар зиндагӣ гар одами оқил,
Ба роҳи бесамар гар сарф кард умри ҷавониро.

Ба ҳар сахтӣ набояд миннати дунон пазируфтан,
Ба ҳиммат мекашанд мӯрон бори нотавониро.

Макун беҳуда умри хеш сарфи роҳи ноҳамвор,
Ки заъфи пирӣ ёдат оварад даври ҷавониро.

На ҳар кас мекунад фаҳми сухан дар олами маънӣ,
Чӣ донад ҷоҳиле қадри каломи осмониро.

Зи кибри сифлагон ангушти ҳайрат мегазам, Содиқ,
Ки, ё раб, дур кун з-онон зимоми зиндагониро.

* * *

Ахтари шайтону одам иттифоқ афтодааст.
Одамиро з-ин сабаб бо ҳам нифоқ афтодааст.

Саҷдаҳо аз ёд рафтаст зоҳиди покизаро,
То ки чашмонаш ба сурину ба соқ афтодааст.

Шамъи рӯи офтобаш сӯхт ҷисму ҷони ман,
Тӯпи Амрикост, бар мулки Ироқ афтодааст.

Ҳиммате бояд, ки берун оварад поям зи гил,
Кори мо дар роҳи ишқи ӯ чатоқ афтодааст.

Аз замоне, ки қалам бар лавҳи қисмат мекашид,
Роҳ моро сӯи хайли сарви тоқ афтодааст.

Даст бардорад зи айшу ишрати боғи ҷинон,
Ҳар киро улфат агар бо хушсиёқ афтодааст.

Тарки осоиш кардем, Содиқо, андар ҷаҳон,
Баски моро бо сиҳисарве фироқ афтодааст.

* * *

Бахти пиёдаи маро, ё раб, савора кун.
Дидори ёри рафтаро сӯям дубора кун.

Киштии қалбам ғарқ шуд дар баҳри ишқи ёр,
Баҳри наҷоти ин дили бечора чора кун.

Тасбеҳу тавба лаззату мастӣ набахшадат,
Зоҳид, биё в-он хирқаю саҷҷода пора кун.

Сӯфӣ, бинӯш зи бодаи софию як замон,
Дилдорро ба гӯшаи чашмон назора кун.

Мо ҳақбинему ҳақравем, эй эзиди таъол,
Сарҳои душманони мо, бар санги хора кун.

Э ёр, гар меҳру вафо бошад туро ба дил,
Пероҳани мо чун Зулайхо хезу пора кун.

Булбул ба нолаи мудом шуд ҳамнишини гул,
Содиқ, ту ҳам дар пеши он ҷонона зора кун.

* * *

Чашми ман баъди тамошои рухат пурнур шуд.
Табъам аз нохушиву ошуфтагиҳо дур шуд.

То гирифтам бӯса аз лаъли лаби чун шаккарат,
Обҳо андар гулӯям чун майи ангур шуд.

Дурӣ аз ту карда буд дурам зи шодию тараб,
Ин замон аз талъати рӯят дилам пурсур шуд.

Қомати монанди сарват, эй бути зебои ман.
Чун асои Мусӣ баҳри ман ба кӯҳи Тур шуд.

Ҳар кӣ нӯшид бодаи ишқат зи иқболи баланд,
Оқибат дар рӯи чӯби дор чун Мансур шуд.

Ғӯра ҳалво мешавад аз сабр охир, эй писар,
Косаи сабрам зи оби васли ҷонон пур шуд.

Дар ҷавонӣ гарчи каҷ буд роҳ моро, Содиқо,
Лек вақти пирӣ амри ҳақ ба мо дастур шуд.

* * *

Дуди оҳам оқибат рӯ сӯи гардун мекашад.
Оби чашмам рӯдосо сӯи Ҷайҳун мекашад.

Дар фироқи ишқи лайлисурате охир маро,
Ақл аз сар мепарад, по сӯи ҳомун мекашад.

Дӯш аз ҷоми сабӯю май лабам кард тавбаҳо,
Лек сӯи бодаи он лаъли майгун мекашад.

Сарв пеши қомати сарваш шавад, сарпасту хам,
Дар чаман гар хешро он қадди мавзун мекашад.

Мекунад худро миёни аҳли олам шармсор,
Ҳар касе миннат зи кори мардуми дун мекашад.

Сарвро дар бар либоси мӯҳтарам аз ростист,
Ҳар кӣ каҷрафторӣ кард, оҳи тағобун мекашад.

Нолаи найро макун бо нолаи дигар қиёс,
Марди ошиқ ноларо, Содиқ, дигаргун мекашад.

* * *

Дидани дидори чун моҳаш маро хушҳол кард.
Синаам аз шодию аз шавқ моломол кард.

Сарви бӯстон шуд нишони ҳасрати чашми хасон,
Савту овози хуши ман булбулонро лол кард.

Чун кунам парвоз дар паҳнои олам ҳамчу тайр,
Тири сайёд аз камин моро шикасти бол кард.

Мурғи доно кай ба дом афтад зи баҳри донаҳо,
Содагӣ моро асири доми хатту хол кард.

То қиёмат сар зи доман кай тавон боло кашид,
Қадди моро баски ҷаври зиндагӣ чун дол кард.

Ёр сӯям кай назар созад зи лутфу марҳамат,
Сели ҷавраш мазраи ишқи маро помол кард.

Он сиҳиқомат зи пешам рафт, чун фасли баҳор,
Рӯзи моро дар фироқаш ҳамчу моҳу сол кард.

Ишваю нози хубон шӯри қиёмат оварад,
Содиқо, ёд аз хару аз ҳилаи Даҷҷол кард.

* * *

Бе сарви қадат, ҷоно, шодона нахоҳам шуд.
Бе шамъи рухат, ҷоно, парвона нахоҳам шуд.

Ту мӯниси ҷонҳоӣ, ту вирди забонҳоӣ,
Ман бо дигаре ҷуз ту, ҳамхона нахоҳам шуд.

Сӯям ту намеоӣ, корам шуда раҳпойӣ,
Гар кор чунин бошад, хушхона нахоҳам шуд.

Дар маҳфили майхорон, бисёр бувад хубон,
Ҷуз дар кафи ту ҷоно, паймона нахоҳам шуд.

Эй васли туам бода, эй ман ба ту дилдода,
Ман бе ту ба ҷуз ринду девона нахоҳам шуд.

Эй дилбари ҷонона, в-эй маҳфилу майхона,
Ҷуз бар сари зулфи ту, ман шона нахоҳам шуд.

Рӯзе гузаре бинмо, бар Содиқи худ, ҷоно,
Ман бе ту дигар танҳо, дар хона нахоҳам шуд.

* * *

Эй Худоё, ғарқа дар баҳри гуноҳам кардаӣ.
Ҳамчу тақвими куҳан дур аз нигоҳам кардаӣ.

Сайқали хармӯҳраҳо додӣ дар ин дайри куҳан.
Гавҳарам, дар зери дарёҳо паноҳам кардаӣ.

Дидаҳо пуроб, лаб пурхашм мегардам мудом,
Сина пур аз ғуссаву аз дуди оҳам кардаӣ.

Сӯҳбати соҳибдилон аст баҳри ман амри маҳол,
Гӯлу нодон ёру дур аз меҳру моҳам кардаӣ.

Зоғҳо хандону хуш дур аз ғами ёру диёр,
Дар ғами айём бо ҳоли табоҳам кардаӣ.

Бо ҳама ин сахтиҳо аз даргаҳат дорам сипос,
Бонасиб аз хидмату аз хони шоҳам кардаӣ.

Содиқам, дарёдилам, дилбастайи кӯйи туам,
Азят рангзарду парешон мисли коҳам кардаӣ.

* * *

Даври Чингизӣ расиду аҳди Сомонӣ намонд.
Эй Худовандо, дар ин кишвар мусалмонӣ намонд.

Аз ҷаҳон рафт одамию даррасид ғадру ғирев,
Ваҳшу кибр бар сар давиду ақли инсонӣ намонд.

Шарру бад андар шикори ҷони одам даррасид,
Кӯзаи девон шикасту сеҳри ибронӣ намонд.

Яъҷуҷу Маъҷуҷ биёмад даркашид буду набуд,
Садди Искандар шикасту бими султонӣ намонд.

Гарчи дар сурат чу шайтони лаъин зебову лек,
Дар замири одамон ҷуз феъли ҳайвонӣ намонд.

Гашта пирон пойбанди шаҳвату фисқу фуҷур,
Пардаи исмат дариду Юсуфи сонӣ намонд.

Бастаанд арбоби ҷуд рахти сафар, Содиқ, зи шаҳр,
Хайру эҳсон дур шуд аз байну фаровонӣ намонд.

* * *

Эй бародар, дар фарозӣ, шебҳоро ёд кун.
Дар амонӣ, гоҳ – гоҳ осебҳоро ёд кун.

«Хизр осудаст аз таъмири девори ятим»
Ҷовидон хоҳӣ биҳишт, вайронае обод кун.

Дар қиёмат ҷойи золим оташи дӯзах бувад,
То тавонӣ, эй бародар, як дилеро шод кун.

Ҳар киро бинӣ дар олам риштае гум кардааст,
Чун ту ҷамъӣ, бар парешонхотире имдод кун.

Подшоҳӣ, аз парешонӣ нигаҳ дор одамон,
Гар бақои мулку давлат хоҳӣ, адлу дод кун.

Ҳар, ки бадкорӣ кунад охир ба дӯзах меравад,
Мӯъминӣ гар, лаъна бар қавми Самуду Од кун.

Ҳамчу булбул баҳри гулҳои баҳорӣ, Содиқо,
Ошиқӣ гар, қиссаҳо аз Ширину Фарҳод кун.

* * *

Тазарро мекунам, ҷоно, марав аз остони ман.
Чу гул аз гулситону ҳамчу сарв аз бӯстони ман.

Тазарро мекунам, ҷоно, бимон бо ман канори ҷӯй,
Шавад сероб аз ҷӯбори вослат ҷисму ҷони ман.

Марав аз ман, бимон бо ман канори боғи пур аз гул,
Бимон бо ман, бимон бо ман, ҳабибу боғбони ман.

Пас аз маргам гузар бинмо даме ту бар сари хокам,
Ки шояд зинда гардад дар лаҳад рӯҳу равони ман.

Даруни синаам монанди дашти Карбало гаштаст,
Макаш ханҷар дигар бар ман, ту эй абрӯкамони ман.

Марав аз ман, бимон бо ман лаби рӯди пур аз амвоҷ,
Ту ҳастӣ аввалу охир, биҳишти ҷовидони ман.

Садои ошно бишнав, суруди ошно бишнав,
Бимон бо Содиқи шайдо, бути номеҳрубони ман.

* * *

Чи хуш бошад нишастан бо нигорею майу ҷоме.
Зи лаззатҳои ин дунё даме бардоштан коме.

Фараҳ бахшад, димоғам шод гардонад маро хотир,
Шудан тарфи гулистону чаманҳо бо дилороме.

Чу Санъон ақлҳо бозам, чу Хусрав ҳилаҳо созам,
Нигаҳ афтад агар манро ба он сарви лаби боме.

Зи дасти ишқи пурсавдою пурошӯби ту рӯзе,
Ҳаметарсам маро охир чу Қайс расво шавад номе.

Намепурсӣ зи аҳволам, намеойӣ ба болинам,
Маро дар ёди ту поён шавад рӯзу сияҳ шоме.

Канори рӯду тарфи боғу бӯстонҳо ҳамегардам,
Ки шояд афтадам рӯзе ҳарифе чун ту дар доме.

Қарору тоқатам аз дил бибурдаст рӯи чун моҳат,
Надорад бе ту, эй раъно, дили шӯрида ороме.

На шарти одамӣ бошад, ки рӯ пӯшидан аз мардум,
Ту, ҷоно, одамизодӣ, ба сӯи мо бинеҳ гоме.

Худоё, домани ҳуру канори рӯду ҷоми май,
Насиби Содиқи шайдо, бигардонӣ ҳар айёме.

* * *

Ҳамчу булбул дар баҳорон сӯи бӯстон омадем.
Баҳри дидори ту ҷоно, чеҳрахандон омадем.

Оқибат манзил бувад моро ба саҳрои адам,
Мо дар ин дайри дудар серӯза меҳмон омадем.

Дил даруни сина пурдард аст з-ишқат, эй нигор,
Эй ту Сино, пеши ту аз баҳри дармон омадем.

Дар фироқат ҷони ширин рафт моро аз бадан,
Эй Масеҳодам, ба наздат аз пайи ҷон омадем.

Эй ту, дурру гавҳарӣ, дар ҷустуҷӯят ин замон,
Ҳамчу ғаввосе таги дарёи Уммон омадем.

Пеши ту аз баҳри дидори ту, эй сарви чаман,
Аз сагони кӯи ту дуздида пинҳон омадем.

Мактаби ишқат мударрис аст, Содиқ толибилм,
Э ба наздат баҳри таълим ҳамчу нодон омадем.

* * *

Аз рухи моҳаш маро оташ ба дил афтодааст.
Аз нигоҳаш шӯри маҳшар дар Чигил афтодааст.

Аз фусуну ҳилаҳо ҳосил нашуд мақсуд маро,
Маркаби бахтам дар ин манзил ба гил афтодааст.

Чанд рӯзаст дар хаёлу фикри васлаш зиндаам,
Дӯстон, з-ин рӯ ба кори ман чигил афтодааст.

Сарв пеши қомати сарваш хаму шармандааст,
Моҳ назди орази моҳаш хиҷил афтодааст.

Нест коми ташнаамро аз лаби лаълаш насиб,
Дӯзахӣ бошад, ки дур аз Салсабил афтодааст.

«Содиқо, дар роҳи ишқи ӯ дигар кӯшиш макун,
Тири ишқи ту дар ин навбат ба гил афтодааст».

Рост мегӯӣ, валекин нестам навмед аз ӯ,
Тири бахтам гарчи сӯяш кач зи мил афтодааст.

* * *

Нигоро, қасди он дорам, ки бошам дар макони ту.
Туро созам шаҳу султону худро посбони ту.

Чунонат дӯст медорам, ки сад борат харидорам,
Ҳамехоҳам шунидан номи худро аз забони ту.

Қадат чу навниҳолон нозуку рухсораат чун моҳ,
Қазо то даст диҳад гардам, нигоро, боғбони ту.

Диле, ки ошиқ аст, ҳаргиз натарсад аз маломатҳо,
Куҷо парво бувад манро зи ғавғои сагони ту.

Чи савдоҳо ба сар бурдам, ғами ҳиҷрон басе хӯрдам,
Ки баргу шохи ҷисмам гашта тороҷ аз хазони ту.

Ту асрори ниҳон астӣ, ту рашки оҳувон астӣ,
Намедонад ба ҷуз ту кас рамузи ҳар ниҳони ту.

Агар барҳам занӣ пайдову нопайдои ин дунё,
Касе чун Содиқи ошиқ набошад меҳрубони ту.

* * *

Боз бар ҷонам зи ҷаври ин фалак як тир рафт.
Пири тадбир аз чаҳони пир бетадбир рафт.

Ҳар кӣ бо дасти тиҳӣ омад дар ин дайри куҳан,
Боз бо дасти тиҳӣ аз ин ҷаҳони пир рафт.

Ин ҷаҳон як хонаи бехона аст аз баҳри мо,
З-он ки аз ӯ соилу дарвешу шоҳу мир рафт.

Дилбаронро дар ҷавонӣ пеши ошиқ нозҳост,
Коса гардад хони саг аз қолабаш чун сир рафт.

Тири ғам ҳар дам зи тиркаш меҷаҳад бар сӯи мо,
Ҳар чӣ рафт бар ҷони мо, аз қисмату тақдир рафт.

Лутфи Ҳақ яксон бирезад аз барои шарру хайр,
Ҷаври Ҳақ яксон ба ҷони мӯъмину кофир рафт.

Содиқо, лутфу иноят аз Худо дорам умед,
Гарчи аз мо пеши Яздони карим тақсир рафт.

* * *

Эй дил, ту машав ошиқ, ором нахоҳӣ шуд.
Ҷуз бо ғаму андӯҳу ноком нахоҳӣ шуд.

Дар пардаи худ биншин, аз боғ машав гулчин,
Бо бодаву бо чангу бо ҷом нахоҳӣ шуд.

Чун боди сабо ҳар сӯ, беҳуда машав дилҷӯ,
Аз баҳри вафодорон, пайғом нахоҳӣ шуд.

Дар олами обу гил, ҷовиду муқим, эй дил,
Гар подшаҳи Шомӣ, бо Шом нахоҳӣ шуд.

Дар роҳи дуру тадбир, гар меравӣ ту бе пир,
Раҳдину раиси ҳеҷ ақвом нахоҳӣ шуд.

Эй дил, бари адлу дод, кошона бикун бунёд,
Хушном шавӣ он ҷо, бадном нахоҳӣ шуд.

Содиқ, ту машав ошиқ, бар дилбари нолойиқ,
Бадном шавӣ бо ӯ, хушном нахоҳӣ шуд.

* * *

Ҷон дар ғамат омад ба лаб, бас кун ҷафо, дилдори ман.
Дур шуд зи ман айшу тараб, бас кун ҷафо, дилдори ман.

Хун шуд дилам аз дурият, аз кибру аз мағрурият,
Гардида рӯзам ҳамчу шаб, бас кун ҷафо, дилдори ман.

Эй ту маро сарву суман, в-эй ту маро боғу чаман,
Эй дар раҳат ман дар талаб, бас кун ҷафо, дилдори ман.

Қурбони ту ин ҷону тан, эй оҳуи дашти Хутан,
Эй бе туам ҳеҷ аст тараб, бас кун ҷафо, дилдори ман.

Аз гармии рухсори ту, аз нармии гуфтори ту,
Омад маро бар сина таб, бас кун ҷафо, дилдори ман.

Аз дил қарорам бурдайӣ, ҷону танам озурдайӣ,
Эй ту маро айшу лааб, бас кун ҷафо, дилдори ман.

Дар осмони ишқи ман, ту ахтарӣ, гулпираҳан,
Эй ишқи Содиқро сабаб, бас кун ҷафо, дилдори ман.

* * *

Нигоҳи оҳувон дорад, нигоҳи масти ёри ман.
Тамошои рухи моҳаш, бувад пайваста кори ман.

Чу моҳу офтоб аст, рӯзу шабҳо нур мепошад,
Ба роҳаш интизорӣ мекашанд чашмони чори ман.

Агар ёдам кунад рӯзе ба хобаш ё ба бедорӣ,
Бибар боди сабо баҳраш каме мушти ғубори ман.

Даруни сина дил дар ёди рӯяш мезанад ҷавлон,
Худоё, кай расад сӯяш бути чобуксавори ман.

Миҳити ишқи хубон андаруни сина аз ғайб аст,
Ба ҷуз Яздон намедонад, ниҳону ошкори ман.

Ду абрӯяш ба мисли зулфиқори Ҳайдари каррор,
Занад бар сина чусту чобуку коҳад мадори ман.

Чу Содиқ пир гардад з-интизориҳо ба роҳи ӯ,
Ки шояд баъди маргам мекунад азми мазори ман.

* * *

Эй бону, зи ман ҳамебарӣ ҳуш.
Ҳаргиз накунам туро фаромӯш.

Рафтӣ зи барам чу гул зи бӯстон,
Боз о, ки гирам туро ба оғӯш.

Бар ҷисм кунам чу ҷон ҷоят,
Май аз лаби лаъли ту кунам нӯш.

Бо ҷилваю ғамза бар гулистон,
Рафтию нагаштӣ сӯи мо дӯш.

Ишқи ту ба сони оташи тез,
Қалбам зи тафаш чу деги дар ҷӯш.

Кай меҳри ту раҳ кунад ба ҷонам,
Як ҳамла ба мо шаҳи қабопӯш.

Содиқ, зи фироқи ту фиғон кард,
Гуфтӣ, ки макун фиғон, хомӯш.

* * *

Назаре мабод ҳаргиз, ки ба ту назар набошад.
Чӣ кас аст, ки он касеро, сӯи ту гузар набошад.

Рӯзи мо сияҳ ба ишқат, дили мо хун аст ба ёдат,
На тариқи ошноист, агарат хабар набошад.

Чашми оҳувон бояд, ки бинад узори Лайло,
Чӣ тавонӣ дид рӯяш, агарат басар набошад.

Чу магас ба гирди шаккар ҳама кас ба гирди кӯят,
Чӣ лаб аст, ки ин лаби ту, агараш шакар набошад.

Ҳар касе чашад зи ҷомат, бишавад хумору сармаст,
Чӣ сар аст, ки баъди васлат ба Худо, ки сар набошад.

Ту ба зоҳир одамии, ба дарун чу санги хоро,
Ки фиғону оҳи моро, ба ту бар асар набошад.

Чу намоӣ оразӣ худ, ба насими субҳгоҳӣ,
Он касе, кӣ дид рӯят, чу бигуфт саҳар набошад.

Ғорати муғул бошад, ки хироми ту ба ҷонҳо,
Ба Худо, ки ҷилваи ту, ба ҷуз аз хатар набошад.

Дилу ҷон диҳӣ ба ғорат, ту ба моҳи сарвқомат,
Содиқ, аз тири нигоҳаш, агарат ҳазар набошад.

* * *

Ноумед то кай нишастан, дар пайи уммед бош.
Бо нигоре дар лаби ҷӯю ба зери бед бош.

Кӯҳҳову дашту саҳроро бикун боғу чаман,
Дар тариқи мулкдорӣ пайрави Ҷамшед бош.

Чанд гирди хеш гардӣ хамчу оби мурдае,
Тай намо кӯҳу билоду дашт, чун Хуршед бош.

Туркиву чолокиву чустӣ бикун дар корҳо,
Тарки тоҷикиву сустӣ кун, ба ҷаҳду шед бош.

Баҳри рафъи мушкилиҳо ҳиммати некон пазир,
Ёди яздон кун, зи имдоди бадон навмед бош.

Ҷаҳлу пастӣ раҳ наёбад сӯи мардони хирад.
Хоксору ботавозӯъ мисли маҷнунбед бош.

Нияти нек, Содиқо, гӯянд: «нисфи давлат аст»,
Тарки навмедӣ бикун, з-ин пас пайи уммед бош.

* * *

Эй сабо, бар шоҳи хубон арз бинмо ҳоли мо.
Ҳам расон бар ӯ зи торикии моҳу соли мо.

Интизорӣ мекашам дар роҳи он зебосанам,
Кай ба манзил мерасад он шоҳини шаҳболи мо.

Булбулонро сӯйи гулҳо нола бошад ҳар баҳор,
Кай садое мебарояд аз забони лоли мо.

Зоиринро мақсуд аз эҳром тавфи Каъба аст,
Кай шавад моро муйассар каъбаи иқболи мо.

Кардаем парвоз гирди кӯйи ӯ парвонасон,
Офтоби орази ӯ сӯхт парру боли мо.

Солҳо ишқи бутони сангдил ҷо гаштааст,
Дар дилу дар синаи аз меҳр моломоли мо.

Нест дар олам касе, Содиқ, ҷуз яздони пок,
То тавонад қуръаи тақдир занад бар фоли мо.

* * *

Фарёдзанон омада хомӯш бирафтӣ.
Чун фасли хазон омада гулпӯш бирафтӣ.

Тарҳе бигирифтӣ ба канорам чу маҳи нав,
Чун моҳи куҳангашта зи оғӯш бирафтӣ.

Фарёду фиғон аз қадаҳу бодаи соқӣ,
Ҳушёру зирак омада мадҳуш бирафтӣ.

Чун хонуми шаҳрӣ намудӣ ҷилва ба пешам,
Чун бонуи деҳ сархаму рӯпӯш бирафтӣ.

Дарвешсифат кардӣ гузар бар сари кӯям,
Чун подшаҳи тунд қабопӯш бирафтӣ.

Хуршедсифат шӯъла дамидӣ ба сари ман,
Чун абри баҳорӣ зи барам дӯш бирафтӣ.

Ногуфта сухан субҳи сафо аз бари Содиқ,
Хомӯшу ҳазин, сарви баногӯш бирафтӣ.

* * *

Рахна натвон кард сустӣ аҳду паймони маро.
Қатъи хониш кай тавон кард мурғи хушхони маро.

Баҳри ёди Маҷнуни шӯрида рангин мекунад,
Нақши пойи ноқаи Лайлӣ биёбони маро.

Менавозад бо насими мушку атромези худ,
Панҷаи боди сабо гесӯи ҷонони маро.

Хизросо зиндаю ҷовид монад то абад,
Ҳар касе гар нӯш созад Оби ҳайвони маро.

Шӯри маҳшар оварам дар як замон баҳри адӯ,
Шӯриши даври қамар ҳеҷ аст даврони маро.

Чашми танги ҳорисон кай пур шавад аз молу зар,
Хӯшаи сабру қаноат пур кунад хони маро.

Гирдбоди зиндагӣ, Содиқ, зи рӯи эътиқод,
Мебарад то авҷи гардун шеъру девони маро.

* * *

Лаъли ҷонбахши ту моро умри ҷовидон бувад.
Бӯсаи рухсораат, чун Чашмаи ҳайвон бувад.

Рӯи моҳат равшанӣ бахшад дили бинандаро,
Чашмҳоят чун Масеҳо мурдагонро ҷон бувад.

Ҳар нигоҳат ром созад ваҳшиёни ишқро,
Лаҳни ширинат маризонро даму дармон бувад

Коми васлат ошиқеро гар шабе гардад насиб,
Даст пеши бар ниҳода гӯш бар фармон бувад.

Чун арӯси сол гар гоме ниҳӣ бар хонае,
Хонасоҳиб то қиёмат хушдилу хандон бувад.

Хизр шуд ҷовид аз нӯшидани Оби Ҳаёт,
Ҳар ки гар нӯшад зи васлат Хизри ҷовидон бувад.

Гар нашуд ҷоми висолат коми Содиқро насиб,
То қиёмат нӯши васлат дар дилам армон бувад.

* * *

Дил зи мо бурдию моро мурғи бедил кардаӣ.
Сар ба гирдоби балою пой дар гил кардаӣ.

Корҳо бепарда буд моро ба роҳи зиндагӣ,
Корҳоро баҳри мо ин дам ту мушкил кардаӣ.

Буд моро бо ту ҳар дам, эй санам, дамҳои хуш,
Ҷоми мо ин дам чаро, ки пур зи фил – фил кардаӣ.

Боди меҳрат сӯйи мо ҳар дам насими тоза дошт.
Аз чӣ ранҷидӣ, ки сӯйи ғайр маҳмил кардаӣ.

Табъи шоҳӣ доштам аз лутфу меҳрат ҳар замон,
Ин замон моро ба кӯйи хеш соил кардаӣ.

Бо нигоҳу ғамзаат моро бути сеҳрофарин,
Ҳамчу моҳи чордаҳ бар хеш мойил кардаӣ.

Роҳату осоиш аз Содиқ рабудӣ,эй нигор,
Занҷири ҷаврат ба дӯши мо ҳамойил кардаӣ.

* * *

Хар лаззати мағзу мавизу дона чӣ донад.
Дарди дили мо мардуми бегона чӣ донад.

Кай боша кунад фаҳм фиғони дили булбул,
Девона раҳи оқилу фарзона чӣ донад.

Чуғдро набувад майли гулистону чаманҳо,
Ошиқ набувад, к-ӯ ғами ҷонона чӣ донад.

То кас наравад шаҳри ғарибӣ ба сафарҳо,
Қадру қимати офияти хона чӣ донад.

То кас набарад з-ишқи бутон сар ба биёбон,
Асрори дили Маҷнуни девона чӣ донад.

Дар базми хубон роҳ на ҳар кас битавон ёфт,
Бечора касе хандаи мастона чӣ донад.

Содиқ, рухи ҷонона бувад шамъи шабафрӯз,
Бе ишқ диле сӯхтани парвона чӣ донад.

* * *

Эй дили ошуфта, дур аз дарди ҳиҷрон бинамат.
Дар даруни сина доим шоду хандон бинамат.

Эй сари пуршӯру пурсавдои дур аз хоби ноз,
Масти ҳусну бода дар маҳфили хубон бинамат.

Эй тани дур аз нишоту ғарқа дар гирдоби ғам,
Эмин аз тири балоҳои ҳасудон бинамат.

Дар ду олам, эй нигоре, ки ба мо дил бастаӣ,
Лутфу эҳсони худовандӣ фаровон бинамат.

Эй парирӯ, дар ҷаҳони пур зи меҳру орзу,
Меҳвари тири нигоҳи ҷумла мардон бинамат.

Ҳар куҷое гар равӣ, эй тоири ишқу вафо,
Хушу хандону ғазалхону хиромон бинамат.

Дар баҳори орзую мавсими гул, Содиқо,
Дар канори ҷӯю дар оғӯши ҷонон бинамат.

* * *

Муҳити бенизомӣ хуш намеояд сипоҳиро.
Куҷо домони улфат хуш дарояд мӯру моҳиро.

Мабин якранг гардиши фалакро ҳеҷ якранг нест,
Расад рӯзе гадо бар сар гузорад тоҷи шоҳиро.

Харобиҳову хуни куштагон ангора мебандад,
Ба лавҳи номи Чингиз то абад нақши табоҳиро.

Хушу дилкаш бувад гулҳои навбишкуфтаи бӯстон,
Бувад ранги дигар эҷоду афкори пагоҳиро.

Нашояд мардумони беадабро сӯҳбати доно,
Куҷо кофар тавонад ёфт алтофи илоҳиро.

Мапеч дар хандаҳои ихтилоҷу бо табассум бош,
Ки бошад гиря дар пас хандаҳои қоҳ-қоҳиро.

Талаб кун некройӣ, Содиқ, аз толеъи худ доим,
Ки кас дар рӯи некон мебинад нури илоҳиро.

* * *

Эй нигори нозанин, кай мешавӣ меҳмони мо.
Булбули шӯрида бинмо сайр дар бӯстони мо.

Фориғ аз ёду ғами мо мекунӣ сайри ҷаҳон,
Раҳм кун, рӯзе биё бар кулбаи вайрони мо.

Дар замин ҳайф аст, каффи пои ту, эй гулсанам,
Он қадамҳоро бувад ҷо дидаи гирёни мо.

Дар раҳат шому саҳар чашмони ман шуд интизор,
Дар фироқат шуд бурун аз ҷисму аз тан ҷони мо.

Чун фиғони андалеб дар ёди гул аз дурият,
Кар кард гӯши фалакро нолаву афғони мо.

Обҳои дида чун абри баҳорон рехтем,
Ҷорӣ шуд дарёи Ҷайҳун аз лаби домони мо.

Захмҳо дорад ба дил, Содиқ, зи ишқат, эй санам,
Кай кунад тарки ғами ишқат дили нодони мо.

* * *

Набошад пеши мастон эътиборе ҷоми холиро.
Куҷо парвои хасм аст синаҳои лоуболиро.

Зи рӯи молу ҷоҳе к-аз хароба ёфтаст аблаҳ,
Нишони фахр донад гирру дори бекамолиро.

Набошад фарқи неку бад пеши ҷоҳилу нодон,
Ба ҷои зар харидорӣ кунад зарфи сафолиро.

Ҳарисонро қаноат кай бувад аз сарвати дунё,
Насозад пур ба ҷуз хоки лаҳад сарҳои холиро.

Атою бахшиши яздонӣ медонанду мехонанд,
Хирадмандони олам рӯзи неку хушҳолиро.

Биёбонгард шуд Маҷнун ба ёди чеҳраи Лайло,
На ҳар ошиқ кунад тавқи ҷунунӣ хушҷамолиро,

Гумонҳо одамиро мебарад гоҳо ба торикӣ,
Ҳакимон кай пазиранд фикру зикри эҳтимолиро.

Зи дарёи маънонӣ Содиқи Кашрӯдӣ меҷӯяд,
Чу Хизри ҷовидон дар Оби ҳайвон безаволиро.

* * *

Эй табиби ман, худоро дарди ман, дармон бикун.
Захми дандонҳои манро бар лаби ҷонон бикун.

Доруе овар ба ман аз васли он зебонигор,
Ҳайратам як сӯ гузору аз рухаш ҳайрон бикун.

Кинаву тухми адоват сар занад аз нокасон,
Эй бародар, дурӣ аз манзили номардон бикун.

Гар бихоҳӣ эминӣ аз шӯру шарри ин ҷаҳон,
Бо ҳакимон бош, тарки сӯҳбати нодон бикун.

Бетамизию бадиҳо обрӯйи кас барад,
Маркаби некӣ бихоҳу қатъи ину он бикун.

Ошноӣ бо забон кардан дур аз мардонагист,
Гар ту мардӣ, бо рафиқон дӯстӣ аз ҷон бикун.

Дар сарат гар орзӯйи васли ёр аст, Содиқо,
Дил даруни сина пур аз меҳри дилдорон бикун.

* * *

Эй бародар, хоксорию тавозӯъ пеша кун.
Бетамизию бадиро пой андар теша кун.

Ҷаҳлу кизбу ғадру нодонӣ бикун дур аз бадан,
Дар замини ростию росткорон реша кун.

Ҳамраҳӣ бо нокасон ҷонат диҳад ранҷу азоб,
З-н сабаб аз дӯстӣ бо ин хасон андеша кун.

Сӯи манзиле марав, чун нестӣ воқиф аз он,
Гар найӣ сайёд, бим аз захми шери беша кун.

Даст бар коре мазан бе пир, эй марди накӯ,
Гаҳ умеди ёрию гоҳо бими ҳампеша кун.

Дарди тан аз дорую дармон мегирад қарор,
Содиқо, вақти малӯлӣ рӯ ба ҷому шиша кун.

* * *

Чарх моро дар ҷавонӣ пой дар занҷир кард.
Ғусаю ғамҳои олам ҷисми моро пир кард.

Шуд хазон бӯстон, қумрӣ соз кард рахти сафар,
Пирии ҷони ҷавони қалби мо дилгир кард.

Аблаҳонро доначинӣ кардааст гарданфароз,
Аз чи саййоди камин моро нишони тир кард.

Гарчи Маҷнун бо ғами Лайлӣ гузашт аз ин ҷаҳон,
Акси худ бар дидагони оҳую нахчир кард.

Бо қади хамгашта пире гуфт ҳангоми дарав:
«Меҳнати айём моро дар ҷавонӣ пир кард».

Одамӣ ҳар мушкилеро метавон осон намуд,
Лек тақдири азалро кай тавон тадбир кард.

Содиқо, озодагон рафтанд бе пиру асо,
Модари даврон моро тифли домангир кард.

* * *

Кард ноором ишқаш ин дили оромро.
Май куҷо ором гирад чун бубинад ҷомро.

Боди хушрав кай пазирад амру фармони касе,
Гар Сулаймонаш супорад мебарад пайғомро.

То бинӯшам з-Оби ҳайвони висоли он парӣ,
Мо ба расвоӣ гарав созем нангу номро.

Гар нигаҳ моро фитад бар наргиси бодоми ӯ,
Дур зи майдони назарҳо афканем бодомро.

Хушхиромаш ошиқонро масту шайдою шақӣ,
Саркашу н-ором созад оҳувони ромро.

Дӣ навиштам нома баҳри он баҳори гулбасар,
Рашъаи шодӣ зи номаш медамид ақломро.

Меравад аз йод Содиқ Ираму Тӯбою ҳур,
Гар назар афтад ба рӯйаш чашми хосу омро.

* * *

Шаб маро дар ёди он дилбар ба бедорӣ гузашт.
Дидаро дар васли рӯи ӯ ба хунборӣ гузашт.

Солҳо кардем хизмат баҳри нафси ҷоншикоф,
Лек моро киса бо муфлису нодорӣ гузашт.

Золимон гарчи ба ҷони мо заданд неши азоб,
Дар ҷавобаш кори мо бо сабру худдорӣ гузашт.

Шукри умри он касе бигзашт бо кори савоб,
Ҳайфи умри он,ки аз роҳи сабуксорӣ гузашт.

Ёри мо чун нукта бо худ монд дар як ҷо қарор,
Лек моро умр гирди ӯ ба паргорӣ гузашт.

Умри ёри мо гузашт бо ишваю нозу тараб,
Зиндагии мо ба оҳу нолаю зорӣ гузашт.

Умри некон Содиқо, мебигзарад бо кори нек,
Ҳайфи умри золимон бо мардумозорӣ гузашт.

* * *

Чи хуб аст дилбаро гар дар тани дилдода ҷон бошӣ.
Савобе буд агар бар ошиқи худ меҳрубон бошӣ.

Бароям давлати поянда бошад гар дар ин дунё,
Чу гулҳои баҳорӣ тозаву тар бехазон бошӣ.

Муҳити олами пирӣ ба ҷонат беасар бошад,
Зи баҳри хешу баҳри ман, азизо ту ҷавон бошӣ.

Чунон зӣ то, ки дар дунёи ишқу ошиқӣ ҷоно,
Ки ҳамчу Лайлию Ширину Узро ҷовидон бошӣ.

Ба мисли ахтарони осмонӣ дар дили шабҳо,
Ба қалби пур зи меҳру пур зи ишқи ман нишон бошӣ.

Надорад рангу бӯ дунёи ишқам бе гули рӯят,
Ба боғи ишқи ман ту кош шохи арғувон бошӣ.

Манам шаҳбози ишқу орзуи ту дар ин дунё,
Ҳамехоҳам, ки умре баҳри ман, ту ошён бошӣ.

Бувад бе ту ба Содиқ айшу нӯши зиндагонӣ талх,
Намехоҳам, ки як соат зи чашмонам ниҳон бошӣ.

* * *

Баҳри умри рафта фарёду фиғон дорам ҳанӯз.
Дар хазонгардида бӯстон ошён дорам ҳанӯз.

Одамиро оқибат манзил бувад дар зери хок,
Ман чу Исо, лек фикри осмон дорам ҳанӯз.

Гарчи рафт фасли даю омад маро фасли баҳор,
Рангзардиҳо зи айёми хазон дорам ҳанӯз.

Дар талоши кори дунё гарчи шуд умрам хазон,
Лек умеди самар з-ин бӯстон дорам ҳанӯз.

Мӯъҷизи пайғамбарону саъйи шоҳон суд накард,
Содагӣ бин фикри таъмири ҷаҳон дорам ҳанӯз.

Ин ҷаҳон мизбону ман дар хонаи ғамхонааш,
Меҳмонам хешу фикри меҳмон дорам ҳанӯз.

Гарчи комам талх шуд бе васли он номеҳрубон,
Ман умеди васли ёри меҳрубон дорам ҳанӯз.

Гарчи кофарҳо намуданд қасди ҷонам борҳо,
Дар паноҳи лутфи Ҳақ уммеди ҷон дорам ҳанӯз.

Пургуноҳам Содиқо, ваҳми ҷаҳаннам дар дил аст,
Лек, уммеди биҳишти ҷовидон дорам ҳанӯз.

* * *

Рӯй чун рӯзу туро, эй гулбадан мӯ чун шаб аст.
Қад мисоли сарву ҳар ду дида мисли кавкаб аст.

Лаб мисоли ғунчаю абрӯ чу теғи ҳиндуён,
Аз балою офати ишқи ту ё раб, ё раб аст.

Хандаҳоят чун шукуфтанҳои гул ором у хуш,
Дил ба кӯю кӯчаи ишқат қаландар машраб аст.

Як шабе хандону хуш боз о табиби ҷони ман,
Бе ту ҷисму ҷони ман, ҷонона бе тобу таб аст.

То шавад мақсуд моро ҳосил аз дунёи ту,
Шаб ҳазорон оҳу субҳ зикри Худо зери лаб аст.

Аз чунин оворагию ранҷу ташвишу азоб,
Рост гӯям дилбаро васли ту моро матлаб аст.

Тарсам аз он баъди чандин солҳо бинӣ маро,
То бигӯӣ ин на Содиқ, балки наъли маркаб аст.

* * *

Шояд ба лутфи Ҳақ, зи васлат комрон шавам .
Аз қайди ғам бурун раҳам, то шодмон шавам.

Гирам шабе сарви қадат, шодона дар канор,
Бо васли айшу ишратат, аз нав ҷавон шавам.

Ман меҳрубонам бар ту, эй оҳуи хушхиром,
Шояд, ки баъди бӯсаат, бас меҳрубон шавам.

То бигзаронам умри худ, фориғ зи ранҷу ғам,
Бо ту зи чашми душманон, ҷое ниҳон шавам.

Гар моҳ шавию ҷо гирӣ дар гунбади фалак,
Ман, аз паят чун ахтарон, дар осмон шавам.

Гар моҳии тилло шавӣ, гардӣ ба зери об,
Шасте гирам, эй нозанин он ҷо равон шавам.

Ту ғунчаи наврастаӣ дар бӯстону боғ,
Содиқ, ба сони боди субҳ сӯят вазон шавам.

* * *

Сармои зимистон рафт, айёми баҳор омад.
Дар боғу гулистонҳо, овои ҳазор омад.

Ошиқ бари дилдода, дар каф қадаҳи бода,
Сармасту ғазалгӯён, бо бӯсу канор омад.

Бо чеҳраи Наврӯзӣ, бо куртаи гулдӯзӣ,
Бар кулбаи мо имрӯз, хандида нигор омад.

То бӯса занад досташ, аз лаъли лаби масташ,
Тавбашиканон имрӯз, садҳо растагор омад.

Булбул бо ҳазор ово, биншаста зи ҷо бар ҷо,
Сӯи чаманистонҳо, нолону низор омад.

Деҳқон хушу хурсанд аст, берун зи ҳама банд аст,
Зеро, ки баҳори мо, бо авҷу барор омад.

Дар васфи баҳору гул, дар васфи нигору мул,
Содиқ ғазалгӯён, бо нағмаи тор омад.

* * *

Дурӣ аз дидори ёрон, мустамандам кардааст.
Рою рафтори разилон, дардмандам кардааст.

Сӯхт ҷонам шамъи рӯи он парӣ сар то ба по,
Ишқи пурсӯзаш дар оташ, чун сипандам кардааст.

Оҳуи озода будам дур зи банди зиндагӣ,
Зулфи пурчинаш кунун андар камандам кардааст.

Ҳар куҷое хостам рафтам ман аз роҳи мурод,
Ин замон васли дидораш пойбандам кардааст.

Ростиву ҳақталошиҳо дар ин дунё маро,
Дур зи осоишу ишрат пурнажандам кардааст.

Қалби поку синаи пурмеҳру пурсӯзам маро,
Бастаи гесӯи он сарви баландам кардааст.

Каҷравиҳои ҷаҳони бемурувват Содиқо,
Рахна бар девори иқболи баландам кардааст.

* * *

Эй Худоё даст гирам, дур зи ҷононам макун.
Дар фироқи ёри ширин зору нолонам макун.

Ғайрату дармону зӯри Шоҳимардонам бидеҳ,
Аз шамоли хасм ҳамчун бед, ларзонам макун.

Дар ҷавонӣ ёфтам авҷу камол аз даргаҳат,
Вақти пирӣ бекасу хору парешонам макун.

Хонаам пур кун зи лутфу хайру эҳсонат мудом,
Андарин дунё харобу зору сарсонам макун.

Одамӣ, эмин нахоҳад буд аз чанги аҷал,
Вақти ҷон додан ба роҳи ҳақ ҳаросонам макун.

Мункару Накир биёянд дар лаҳад бар пурсишам,
Бар забонам бахш гӯёиву тарсонам макун.

Содиқи шӯридаам, дил пур зи савдои ҷаҳон,
Эй Худоё раҳм кун, барвақт вайронам макун.

* * *

Дом дар даст рӯзҳо сайёд дар қасди ман аст.
Дуриҳо аз ёр ҷурми толеъи пасти ман аст.

Пора гардид дил даруни синаю хун шуд ҷигар,
Ин ҳама кори ду чашми он бути масти ман аст.

Ҳар касеро шуғлу коре шуд насиб дар зиндагӣ,
То қиёмат хулқу кори нек побасти ман аст.

Дар ҷабинам дид ожанги қатору гуфт ёр:
«К-ин ҷароҳатҳо ҳама з-абрӯи пайвасти ман аст.»

Боғбоне сӯи қумрӣ гуфт дӣ дар бӯстон:
«Парвариши сарву сунбул шеваи дасти ман аст.»

То чу ғаввосе кунад берун аз баҳри хирад,
Гавҳари шаҳвори абёту ғазал шасти ман аст.

То ниҳам хиште ба Кохи шӯҳрати назми дарӣ,
Аз ниё мерос Содиқ, хома дар дасти ман аст.

* * *

Сӯҳбати дӯст ба кас роҳати ҷон хоҳад буд.
Лутфи аъдо ба ҷон тиру камон хоҳад буд.

Ҳар ки хурсандии мо пеша кунад зери само,
Боғи фирдавс варо ҷою макон хоҳад буд.

В-ар бикоҳад тани мову бидиҳад ранҷу азоб,
Бори ӯ дар пули исрот гарон хоҳад буд.

Кас чу Заҳҳок кунад морӣ ба ҷону тани мо,
Рӯзи ҳашр ҳамнишини дӯзахиён хоҳад буд.

Гар кашад ранҷ зи баҳри хушии халқи Худо,
Чу малак ҷой варо боғи ҷинон хоҳад буд.

Умр гар хуш гузарад, ҷисм гулафшонӣ кунад,
В-арна чун боғ ба айёми хазон хоҳад буд.

Ҷуз ту кас ҳеҷ надонисту надонад пас аз ин,
Охири кор Худоё, ба чӣ сон хоҳад буд.

Сӯи Содиқ, нигоро, назаре боз намо,
Нафасам аз нафасат мушкфишон хоҳад буд.

* * *

Ба зӯри ақл натвон йофт ошиқ манзили ишқро.
Ба хуни дил бибояд ҷуст ҳалли мушкили ишқро.

Чу дарйоест на ҳар ғаввос дар мавҷаш кунад бозӣ,
На ҳар дилбохта пайдо намояд маҳфили ишқро.

Мусофирҳои роҳаш гаштаанд бечораву раҳгум,
Бибояд пурсид аз Лайливу Маҷнун маҳмили ишқро.

Чу Хусрав ком аз Ширин гирифт зеро набуд ошиқ,
Ба кӯҳи Бесутун Фарҳод ҷуст обу гили ишқро.

Зи дасти ишқ гаштанд хонабардӯш Вомиқу Узро,
Дар оташ йофтанд Салмону Абсол ҳосили ишқро.

Нигар бар рӯди кӯҳӣ бо ҳазорон силиҳои санг,
Шитобон меравад то ин, ки йобад соҳили ишқро.

Гулу булбул Содиқ меҳмонанд, дар ҳарими ишқ,
Вале Саъдии Шероз, хуб донад манзили ишқро.

* * *

Муқими кӯи мардон гар шавам, донам, ки ман мардам.
Вагар бошам ба номардон, яқин донам, ки номардам.

Дар ин дунё агар бо гулрухон бозам манам хушдил,
Дур аз базми арӯсони чаман ошуфтаю сардам.

Намехоҳам ки, рӯи нокасон то як даме бинам,
Ҳамехоҳам, ки бо некон ба паҳнои ҷаҳон гардам.

Хазон гардам агар бинам касеро бо ғаму андӯҳ,
Худоям бо чунин хӯю чунин паймона парвардам.

Ман он шӯрида дарёям, ба роҳи ҳақ ба маҷроям,
Ки то ҳастам бадин роям, зи роҳи худ намегардам.

Расолат одамиро аз Худованд хизмати халқ аст,
Ҳар он чи некиҳо кардам, барои одамон кардам.

Ман он Содиқи шайдоям, дили хубон бувад ҷоям,
Ки то як дам биёсоям, ба кӯи йор мегардам.

* * *

Замистон рафт, баҳор омад, намегирӣ хабар аз ман.
Дуриҳо мегузинӣ дилбари ман, ин қадар аз ман.

Чу Яъқуб дидаҳо дар интизорат кардаам пурхун,
Ки дар роҳи висолат рафтааст, нури басар аз ман.

Дар ин дунёи бе меҳру мурувват оқибат рӯзе,
Зи ту монад лаби пурхандаву чашмони тар аз ман.

Ҳазорон ҷилваю нозу латофат дар ҷаҳон аз ту,
Бимонад ғуссаю ғамҳо, зи ҳаҷри ту асар аз ман.

Зи ту хоби ширин монад самар дар бистари роҳат,
Ба ёди ту нигоро, нолаҳои бесамар аз ман.

Чу гул бишкуфтану хандидан аз ту сарви симинбар,
Чу булбул нолаҳо дар ишқи ту вақти саҳар аз ман.

Зи ту бар ҷони ман ҳар дам расад гуфтори талху тунд,
Ба ту садҳо суханҳои ба монанди шакар аз ман.

Намепурсӣ зи аҳволам, намесозӣ даме ёдам,
Дигар кай ёбӣ ту хатту хабар, эй бехабар аз ман.

Зи мардони Худо зикри Худо шому саҳар дар лаб,
Туро ҳар рӯзу ҳар соат дуъо, эй гулбасар аз ман.

Чунон дил бар ту бастам ҳар ду олам рафт аз ёдам,
Илоҳо, кош будӣ розӣ арвоҳи падар аз ман.

Дар ин дунёи ишқу ошиқӣ чун нолаи булбул,
Бимонад баъди маргам Содиқо, шӯру шарар аз ман.

* * *

Эй ёри ман, дилдори ман, эй ахтари шабҳои ман.
Шодам агар бинам туро, эй хандаи лабҳои ман.

Эй дар раҳат саргаштаам, эй аз фироқат хастаам,
Эй бар ту ман дилбастаам, эй моҳу кавкабҳои ман.

Эй аз ғами ман бехабар, эй нахли умрамро самар,
Эй гашта шабҳо то саҳар, боис ба ё рабҳои ман.

Эй Чашмаи Ҳайвони ман, эй дар тани ман ҷони ман.
Ҳам дарду ҳам дармони ман, ҳам тобу ҳам табҳои ман.

Гул дар гулистонӣ маро, булбул ба бӯстонӣ маро,
Шамъи шабистонӣ маро, эй ҷумла матлабҳои ман.

Пайдою нопайдои ман, в-эй маншаи савдои ман,
Эй дар дили ту ҷойи ман, ҳам дарсу мактабҳои ман.

Эй ҷоми Содиқро тараб, в-эй ҷони ошиқро ба лаб,
Дар ду ҷаҳон моро талаб, эй шӯру машрабҳои ман.

* * *

Эй ёри азизу дилпазирам.
Дар қомату ҳусн беназирам.

Бе ту натавон даме нишастан,
Эй меҳри ту мӯниси замирам.

Ҳурони биҳишт агар биёянд,
Ҷуз ту дигаре намепазирам.

Ман бо ту ҷавону масту шайдо,
Бе ту ғамину харобу пирам.

Кардаст фироқ талхкомам,
В-аз дурии рӯи ту ҳақирам.

Бо шодӣ талоқ карда бахтам,
Бо сӯгу ғами ҷаҳон сарирам.

Бе ту натавон дигар ба олам,
Дар доми балои ту асирам.

Эй офати ҷисму ҷони ошиқ,
Пеш ою бизан ба сина тирам.

Содиқ нараҳад зи доми ишқат,
Илло натавон ба ҷуз, ки мирам.

* * *

Эй дӯст ба кӯйи мо гузар кун.
Ё Раб ту ба ҳоли мо назар кун.

Гаштем ғарибі шаҳри мардум,
Эй бод ба хоки мо хабар кун.

Эй дил ту машав ғарибрафтор,
Бар миҳану хоки худ сафар кун.

Эй чашм ту абри осмонӣ,
Домони маро зи гиря тар кун.

Кардаст ғарибі талхкомам,
Эй ёр в-аро ту пуршакар кун.

Эй тан ту машав заифу бадкор,
Аз сифлаву нокасон ҳазар кун.

Ё Раб ту кариму меҳрубонӣ,
Шому шаби тори мо саҳар кун.

Гар мақсади мо нашуд пайдо,
Бархез дило ту нола сар кун.

Ҳар ҷо ки сухан чу носазо шуд,
Содиқ ту ду гӯши хеш кар кун.

* * *

Гар набошад одамиро ақл ҳайвонӣ кунад.
Сели беҷо ҳар куҷо ояд чу вайронӣ кунад.

Бехирадро парварӣ ҳарчанд, эй марди хирад,
Оқибат дар пеши доноён, нодонӣ кунад.

Нохалафро марг беҳ аз зинда будан дар ҷаҳон,
Тири манқурт дар дили модар хунафшонӣ кунад.

Дӯстӣ бо сифла охир медиҳад ҷонат азоб,
Боди сарсар ҳар куҷо ояд парешонӣ кунад.

Кас ҷавонмардӣ ба ҷон натвон кунад, илло Аюб,
Ҷони худ ҳар кас зи офатҳо нигаҳбонӣ кунад.

Ҳар касеро гар мушавваш хотираст, осуда кун,
Ҳар ки дур аст аз адаб рафтори шайтонӣ кунад.

Дил ба ин дунё манеҳ Содиқ гар дорӣ хирад,
Ин арӯси бевафо се рӯз мизбонӣ кунад.

* * *

Ки дорам орзу дар дил шабе шамъи ҷамоли ту.
Ки ҷоми худ кунам пур аз майи васли висоли ту.

Шавам фориғ зи ғамҳои ҷаҳону хуш кунам хотир,
Фараҳ бахшад димоғамро нигоро, хату холи ту.

Занад пар мурғи бахтам то ба гардунҳо агар рӯзе,
Насиб ояд лабамро гар ҷавобе бар саволи ту.

Фаромӯшам шавад Фирдавсу Тӯбо то замони ҳашр.
Агар ҷоно, кашам дар бар шабе қадди ниҳоли ту.

Ба ҳангоми назар сӯят ба ҷонам, эй шаҳи хубон,
Кунад кори камону тир, ду абрӯи ҳилоли ту.

Ба мактабхонаи ишқат бувад авло ба пеши ман,
Зи бурҳону далоили дигарҳо эҳтимоли ту.

Нигоро, аз лаби лаълу рухи чун моҳи тобонат,
Бигирад бӯсаҳо Содиқ, агар набвад малоли ту.

* * *

Дар гулистони маъонӣ соҳиби гуфтор ман.
Дар шабистони адаб як ахтари бедор ман.

Дар биёбони нафосат мевазам чун боди субҳ,
Дар кӯҳистони тавозӯъ кабки хушрафтор ман.

Хирқаю саҷҷодаю тасбеҳ набвад асли ҳақ,
Дар раҳи Ҳақ орифу муллои бедастор ман.

Гарчи кардам тарки зоҳирбозиҳо дар зиндагӣ,
Лек, субҳу шому рӯзу шаб Худоро ёр ман.

Сабзаҳои бӯстонам дар қудуми дӯстон,
Душманонро дар дилу дар дида ҳамчу хор ман.

Зулму фаҳшу мардумозорӣ тариқи кофарист,
Баҳраманд аз чашмаи Ҳақ марди беозор ман

Содиқо, мақсуди ман пурсад касе дар зиндагӣ,
Дар ду олам мар Худоро толиби дидор ман.

* * *

Эй ба ҷонат дилу ҷонам, ки чунин ҷононӣ.
Чанд бошад зи пайи ишқи ту саргардонӣ.

Шарҳи ин ҳол чи гӯйам ба каси беғаму дард,
Беҳ, ки хомӯш нишинам чу каси зиндонӣ.

Тани ман аз ту ҷудою дили ман бастаи ту,
Ин гадоӣ гузидасту, дигаре султонӣ.

Чанд гуфтам ба дили сода, зи ишқаш бигусил,
Пеша кардаст, дили бад раҳи нофармонӣ.

Нест як мӯнису марҳам ғами дил боз кунам,
Чанд ин бекасию дарду ғами ҳиҷронӣ.

Мактабу мадрасаи ишқи хуморолуди ту,
Бурд аз хотири ман, дарсу хати қуръонӣ.

На гузорӣ, ки дароям, на бурун ойӣ зи дар,
Чанд соям ба дари хонаи ту пешонӣ.

Зи раҳи лутфу карам бӯса зи рухсораи хеш,
Кош фармойӣ бароям ту шабе арзонӣ.

Шод гардад дили Содиқ, зи ҷамолат ҷоно,
Ҳамчу булбул ба баҳорон гаҳи гулафшонӣ.

* * *

Ашкро дар ҳаҷри он маҳ ҳамчу дарё мекунам.
Ноларо дар ёди рӯяш арши аъло мекунам.

Чун гадоён матлаби худро талаб дорам аз ӯ,
Рӯзии худ охир аз васлаш муҳаййо мекунам.

Чанд рӯзе шуд, зи чашмонам ниҳон аст, он парӣ,
Мешавам ҷӯё чу Хизру боз пайдо мекунам.

Шаб чу Моҳу рӯз чун Хуршеди Ховар дар пайаш,
Гашта-гашта акси дидораш ба дил ҷо мекунам.

Зоиринро мақсуди дил гар тавофи Каъба аст,
Хештанро ман ба кӯйи йор шайдо мекунам.

Қумриосо нола месозам ба йодаш рӯзу шаб,
Ҷой охир дар бари он сарви боло мекунам.

Содиқо, монанди Маҷнун дар нигоҳи оҳувон,
Акси худро ҷой дар он чашми шаҳло мекунам.

* * *

Имрӯз туро тозаю тар мебинам.
Рухсораи ту мисли саҳар мебинам.

Чашмони туро ахтари тобанда ба шаб,
Болои туро химчаи тар мебинам.

Печону сиёҳу чусту чобуку санӣ,
Мӯи ту чу афъӣ ба камар мебинам.

Мижгони туро синони сайёди санӣ,
Абрӯи туро ба ҷон хатар мебинам.

Имрӯз суханҳои ту шевою ширин,
Алтофу забони ту шакар мебинам.

Бо ин ҳама хӯю хислати нек туро,
Пеши ҳама аҷру мӯътабар мебинам.

Эй ҷону дилу дидаи Содиқи фигор ,
Кай мисли қабо туро ба бар мебинам.

* * *

Ин ҳама ҷавлон, ки ҷонон мекунад.
Зоҳидонро маҳви имон мекунад.

Мезанад сад новаки тир дар ҷигар,
Ҷисмро берӯҳу бе ҷон мекунад.

Дар висолаш сӯхтам чун шамъи шаб,
Пеши мо кай бӯса арзон мекунад.

Мо гадои ҳиммати он даргаҳем,
Шоҳи мо кай хайру эҳсон мекунад.

Дар раҳи ишқаш ба сар афтодаем,
Мушкили моро кай осон мекунад.

Талх шуд комам дур аз лабҳои ӯ,
Коми мо кай шаккаристон мекунад.

Чашми Миррихи силаҳшӯраш маро,
Бо рақиб даст бар гиребон мекунад.

Дил ҳазин аст, гулбадан кай бо рухаш,
Кулбаи эҳзон гулистон мекунад.

Бар умедам Содиқо, он гул ба мо,
Меҳрубониҳо фаровон мекунад.

* * *

Ҳақ ёрон дар хонаи Худост.
Ҳақ дар олам чу тухмаи анқост,

Аз чӣ меҷӯем ҳақ дар ин олам ,
Ҳақ набуд дар ҷаҳону нопайдост.

Лек фитнаву дуруғу норостӣ,
Дар ҳама ҷо, рӯшану пайдост.

Ҷавру зулму ноҳақӣ бар кас,
Фавҷ – фавҷ мисли мавҷаи дарёст.

Аз азал кори даҳр чунин бошад,
Гаҳ ба зеру в-он гаҳе болост.

Сири Ҳақ ҷуз ба Ҳақ надонад кас,
Гар бигӯяд, ки медонам, хатост.

Содиқо, одамон з-ин сабаб дар даҳр,
Гаҳ ба чап мезананду гоҳ ба рост.

* * *

Лаб гулу қомат гулу андом гул.
Ҷумла гул, оғоз гул анҷом гул.

Дар баҳори пур зи меҳру орзу,
Ман шавам булбул, ту гуландом, гул.

Гар баландӣ гирад ин толеъи паст,
Даст гирам домонат, ҳар шом гул.

Шеваи сайёд омӯзам агар,
Мекашам рӯзе туро дар дом гул.

Кош дар роҳи висоли ишқи ту,
Пухта гардад ин хайоли хом гул.

То қиёмат мешавам хандону хуш,
Гар зи ту рӯзе бигирам ком гул.

Бо ту дар маҳфил моро дар назар,
Шиша гул, соқию май гул , ҷом гул.

То нанӯшам ҳамчу Хизр Оби Ҳайот,
Аз висолат кай шавам ором гул.

Баски гул хуш асту зебою латиф,
З-ин сабаб номат ниҳоданд ном Гул.

Ҳар замон аз ошиқи шайдо ба ту,
Бо ишорат, бо нигаҳ пайғом гул.

Кош Гул, рӯзе чу сайди домҳо,
Мешудӣ дар дасти Содиқ, ром Гул.

* * *

Маро васли ишқи ту бошад хумор.
Маро мурғи рӯи ту бошад шикор.

Шукуфад танам аз нигоҳи рухат,
Маро дидани қадди сарват, баҳор.

Ҳамехоҳад танҳо дилам рӯи ту,
В-агарна чу ту маҳбубе сад ҳазор.

Нагардад насибам агар васли ту,
Яқинам нагирад дили ман, қарор.

Зимистони ишқат расид бар танам,
Бишуд боғи қалбам хазону низор.

Биё бо ман базли ҷавонӣ бикун,
Ки дар роҳат чашмони ман гашта чор.

Чу Содиқро мақсуд туйӣ, эй санам,
Худоё, шикорам бигирад барор.

* * *

Фиғон зи дасти он шӯхи оҳуфағанд.
Ки бо зулфаш овард маро дар каманд.

Ба афсуни чашмони ҷодуи хеш,
Бикард якбора ҳоли зорам нажанд.

Намуд ғарқа дар баҳри ишқаш маро,
Пасон чу гирдакон ба соҳил фиганд.

Диламро рабуд орази ахтараш,
Чу оҳуе афтодам акнун ба банд.

Бизад оташ барқи нигоҳаш ба ҷон,
Бисӯхт манро ҷисму равону раванд.

Саропо шуд захмин маро ҷону тан,
Зи дасти он қадди чу сарви баланд.

Вазид, Содиқ, боди хазонаш ба тан,
Ки боғи ҳаётам зи бехаш биканд.

* * *

Дил ба ёдат гаштааст, чун обу гил.
Дидаҳо андар ғамат чун рӯди Нил.

Рӯзу шабҳо лаб ба зикр асту дуо,
То бинӯшад з-он шароби Салсабил.

Дар суроғат пой аз тан шуд ҷудо,
Қад дуто пеши ту чун марди хиҷил.

Ҷон ҳамехоҳад ба ҷонат ҷо диҳад,
Лек пастӣ дорад ин бахти сабил.

Даст хоҳад шонаи зулфат шавад,
Менабигзорад вале, чархи разил.

Бе рухат хотир парешон аст, маро,
Рух намо, гардад равонам мӯътадил.

Содиқи ошиқ, зи васлат шод кун,
Риштаи ғам дилбаро, аз ман гусил.

* * *

Суратат сад қалбро вайрон кунад.
Қоматат бинандаро ҳайрон кунад.

Гар назар афтад касеро сӯи ту,
Он замон меҳри туро дар ҷон кунад.

Ҳар касе бинад агар чашмони ту,
Қасди он варзад туро ҷонон кунад.

Он хирому нози ту зебо нигор,
Рӯдро дар мавҷи худ пинҳон кунад.

Ҷавҳари гуфтори лаҳни шаккарат,
Тӯтиёни Ҳиндро нодон кунад.

Доми ишқат мисли чоҳи Бобул аст,
Ошиқони хешро зиндон кунад.

Боди меҳрат гар вазад бар сӯи мо,
Содиқи дилхастаро хандон кунад.

* * *

Эй баҳори гулбадан, бар синаам.
Боз имсол омадӣ, хуш омадӣ.

Эй баҳори гулбасар, бар дидаам,
Чун накӯфол омадӣ, хуш омадӣ.

Боду боронат бароям форам аст,
Эй арӯси фасли сол, хуш омадӣ.

Сабзаву себаргаат рашки чаман,
Товуси рангинбол, хуш омадӣ.

Боғҳоро кардаӣ аз нав ҷавон,
Манбаи оби зулол, хуш омадӣ.

Маъшуқонро мужда овардӣ зи ишқ,
Эй ту ошиқро висол хуш омадӣ.

Содиқ андак васф кардат, эй баҳор,
Эй туро сад васф ҳалол, хуш омадӣ.

* * *

Давру даврони ҷавонӣ рафт, ҳайф.
Мисли як боди ниҳонӣ рафт, ҳайф.

Бо азобу ранҷу ташвиши ҷаҳон,
Дур зи айшу комронӣ рафт, ҳайф.

Дар баҳораш сад хазонҳо ҷо гирифт,
Бе баҳору гулфишонӣ рафт, ҳайф.

Сарф шуд беҳуда ин умри азиз,
Бе каломи осмонӣ рафт, ҳайф.

Умр шуд наздики панҷоҳу вале,
Бехабар аз зиндагонӣ рафт, ҳайф.

Булбулонаш бо ҳазорон нолаҳо,
Дур зи гул бе нағмахонӣ рафт, ҳайф.

Ҳамчу тӯтӣ дар қафас бо зоғи шум,
Бе суханҳои маъонӣ рафт, ҳайф.

Чун ғизоле бо баҳоим дар табил,
Бе ҳаёти оҳувонӣ рафт, ҳайф.

Содиқо, умри ҷавонӣ бо шитоб,
Ҳайфу сад ҳайф, бо гаронӣ рафт, ҳайф.

* * *

Соли нави мо баҳор меояд.
Бо насими кӯҳсор меояд.

То кунад дастурхони мо пурфайз,
Мисли рӯду чашмасор меояд.

Дар накӯсоли диёри мо,
Гулу себарга қатор меояд.

Аз чаманзору боғу бӯстонҳо,
Бонгу савти ҳазор меояд.

Ёри мо ба даст ҷому сабӯ,
Масту хушу хумор меояд.

Ошиқи дилдодаву шайдо,
Бо суруди ёр-ёр меояд.

Соли мо даври оғоз аст,
Бо ҳам лайлу наҳор меояд.

Медиҳад мужда аз бедорӣ,
Баҳри ободии диёр меояд.

Соли мо фоли неки мост,
Бо амри парвардигор меояд.

Деҳқони роҳатрасон, Содиқ,
Сӯи саҳро пайи кор меояд.

* * *

Он рӯй чун рӯз, он мӯй чун шаб.
Он қад чун сарв, дандон чу кавкаб.

Теғ аст абрӯ, тир аст мижгон,
Чун тӯтӣ гуфтор, чоҳ аст ғабғаб.

Он радда дандон, чун қатра борон,
Мо толибонем, ишқаш чу мактаб.

Амвоҷи рӯд аст, мавҷи хиромаш,
Оби ҳайёт аст, он шаккарин лаб.

Чашми хумораш, ҳусни баҳораш
Зулфи чу мораш, мороcт матлаб.

Дар ёди васлаш шабҳо нахуфтем,
Дар роҳи ишқаш гаштем машраб.

Лаъли лабонаш, бӯсу канораш,
Бодо насиби Содиқ, ё раб.

* * *

Рафтем зи пешаш бо сад баҳона.
Додем талоқаш мо сӯфиёна.

Гуфтем, нигоро, бас бо ту ишрат,
Нӯшем дигар ҷо, оби разона.

Гаҳ қисса гуфтем, шабҳо нахуфтем,
Гӯем дигар ҷо, ишқу фасона.

Аз лаъли нӯшаш май нӯшидем мо,
Чун Хизр хоҳем зист ҷовидона.

Бодо саломат, бе дарду офат,
Он моҳи якто, дурри ягона.

Эй Хоҷа Ҳофиз, гӯем дуоят,
Ҳар гоҳу бегоҳ мо мухлисона.

Бо сарвқомат, шӯри қиёмат,
Содиқ, гуфтем, шеъру тарона.

* * *

Аз кӯҳу дара оби равон мемонад.
Аз дайри куҳан шамси ҷавон мемонад.

Дар сояи беду дар лаби оби равон,
Як лаҳзаи хуши ошиқон мемонад.

Аз шохи пур аз меваю аз чеҳраи сабз,
Дар рӯи дарахтон хазон мемонад.

Афсӯс, ки одамӣ кунад тарки ҷаҳон,
Хизр одамӣ асту ҷовидон мемонад.

Ҳарчанд, ҳакимон бикарданд тадбир,
Асрори Худованд ниҳон мемонад.

Деҳқони накӯкор кунад кишту дарав,
Аз заҳмати ӯ хӯшаву дон мемонад.

Аз марди ҳасуд кандани ҷону аз ту,
Содиқ, қаламу сухан нишон мемонад.

* * *

Шоирон чашму чароғу ахтаранд.
Аз майи назми дарӣ пурсоғаранд.

Мо ҳама шогирди пирони ғазал
Рӯдакиву Тӯсӣ бар мо сарваранд.

Носири Хусрав, Саноиву Камол,
Дар найистони маъонӣ шаккаранд.

Жандапил Ҷомию Ҳоҷу Мавлавӣ,
Осмони назми моро ахтаранд.

Шайх Аттору Низомӣ Ганҷавӣ,
Ҳар яке дар назм олиминбаранд.

Унсуриву Анварию Фаррухӣ,
Дар қасоид шӯҳрати баҳру баранд.

Саъдию Ҳофизу Ҷомии ҳаким,
Дар нигориши ғазал пайғамбаранд.

Хусраву, Ҳоқонӣ, Соиб, Сайидо,
Ҳар яке иншогари шеъри таранд.

Бедилу Хайём дар дунёи шеър,
Содиқу ояндагонро раҳбаранд.

* * *

Илми ҳақ аз мурғи ҳақ омӯхтам.
Шарҳи ҳолам аз варақ омӯхтам.

Гаҳ шикамсериву гоҳо гушнагӣ,
Аз қавонини табақ омӯхтам.

То кунам дафъи ҳаводис аз бадан,
Аз китоби Ҳақ сабақ омӯхтам.

Сурхрӯию ду чашми хунфишон,
Гашта-гашта аз шафақ омӯхтам.

Ҳар кӣ омӯхт дарси ибрат ҳар тариқ,
Содиқ, онро ин насақ омӯхтам.

* * *

Ай Худо, аз ишқ, ошиқ шод бод.
Хонаҳои ошиқон обод бод.

Ишқи ботин бод ҳар як бандаро,
Ошиқонро шеваи Фарҳод бод.

Ҳар ки хоҳад душманӣ бар ошиқон,
Синааш сарду дилаш ношод бод.

Ишқи айёми ҷавонӣ хуш бувад,
Ай Худо з-он ишқ моро ёд бод.

Ноҳақиҳо дидаам Содиқ басе,
Пас аз ин бар ҷумла адлу дод бод.

* * *

Хоксори огаҳӣ аз ақлу идроки ман аст.
Иффату шарму ҳаё бар дӯш фитроки ман аст.

Бо тавозӯъу карам аз хасм некӣ мекашам,
Мекунам ором ҳар турке, ки дар хоки ман аст.

Душманон аз бухлу кин девори роҳам гаштаанд,
В-арна аспи манзалат дар зери амлоки ман аст.

Дар раҳи озори ҷонам хасм кӯшишҳо намуд,
Аз барои заҳри душман дӯст тарёки ман аст.

Булбул аз шавқи рухи гул мекунад афғону оҳ,
Шоҳиду май марҳами ин ҷони ғамноки ман аст.

Содиқ аз роҳи вафо хизмат ба мардум пеша кун,
Мастӣ мебахшад ба кас он май, ки аз токи ман аст.

* * *

Чу ишқи ту маро ба тан мустақар омад.
Ҳама ғамҳои ҷаҳон маро ба сар омад.

Чу хостам дур созам зи худ ба васли ту,
Нашуд васлат насиб, ғам маро бештар омад.

Табоҳ шуд ҳолу рамид ҳуш маро аз сар,
Ки, ғамҳо пайи ҳам маро з-ин батар омад.

Ба чавгони зулфат маро ба чоҳ афканд,
Ба ҷони ҷавонӣ маро пирӣ хатар омад.

Зи нозу итобат ба ҷону ба тан озор,
Ба чӯбе маро ба сони табар омад.

Ба меҳри ту хостам навозам тану ҷонро,
Ки, мижгонат маро ба тан нештар омад.

Чу дид дидаам, дидагони пуршӯрат,
Ба ҷону тан маро сӯзиши дигар омад.

Чу дидам ҷаҳони хеш тангу пурозор,
Саропои ту маро пеши назар омад.

Умедам ба як бор зи даст рафт, Содиқ,
Ба кӯйи дигар маро азми сафар омад.

* * *

Чанд, эй дил ба ақсои ҷаҳон мегардӣ.
Бе сару по ба ҳар сӯ нигарон мегардӣ.

Муддате бош дар ин хонаю берун марав,
Баҳри тороҷ ба гулҳо, чу хазон мегардӣ.

Андак аз бодаи софии Худо нӯш бикун,
Чанд дар майкадаҳо баҳри разон мегардӣ.

Меҳри ёрон ба дил, ишқи Худо гир ба сар,
Чанд, эй дил пайи ишқи бутон мегардӣ.

То ба кай дур зи сари кӯи нигори хештан,
Чу гадо сӯйи сарои дигарон мегардӣ.

Чун ҳарисон пайи сарвату сармояю ганҷ,
Дар ғами беҳии умри гузарон мегардӣ.

Фориғ аз ташвиши дунё чу ризо, бош даме,
Чанд Содиқ, пайи кори ҷаҳон мегардӣ.

* * *

Ҳар замон бар оташи ишқам доман мезанӣ.
Сад ҳазорон захм бо мижгон бар тан мезанӣ.

Ҷодуӣ омӯхтӣ бо фитнаи чашмони худ,
Мекунӣ тороҷи ҳуш, оташ ба хирман мезанӣ.

Бо гули рухсору бо нозу нигоҳи дилбарӣ,
Таъна бар себаргаву райҳону савсан мезанӣ.

Мекуни сайри чаман чун булбулони хушнаво,
Хештанро ҳамчу гул дар боғу гулшан мезанӣ.

Масту махмуру малангу шоду шайдо меравӣ,
Хаймаи ҳусну лиқо бар кӯю барзан мезанӣ.

Сӯфиёнро ҷону ҷо аз кунҷи узлат меканӣ,
Таъна морову рақибонро сад аҳсан мезанӣ.

Хештанро дар ҳарири парниён мепарварӣ,
Шишаҳои ҷони мо бо сангу оҳан мезанӣ.

Коми моро дур месозӣ зи шаҳди васли хеш,
Ҷоми май бо дигарону дашна бар ман мезанӣ.

Ҷисми Содиқро ба зиндони ҷафо ҷо мекунӣ,
Хаймаи меҳру вафо бар ҷони кавдан мезанӣ.

* * *

Он Худое, ки ҷаҳонро баҳри одам офарид.
Лек, сад афсӯс умри одамӣ, дам офарид.

Нотавонбину ҳасудонро ба олам беш кард,
Некбину некхоҳонро, вале кам офарид.

Шодии фарзанди одам гар бувад мақсуди Ҳақ,
Пас чаро аз баҳри одам ин қадар ғам офарид.

Дар қиёмат мӯмину кофар шаванд аз ҳам ҷудо,
Ин ду қавм аз баҳри чи имрӯз бо ҳам офарид.

То зудояд ғам зи дил, берун кунад дард аз бадан,
Ҳам табибу ҳам ҳабибу ёру ҳамдам офарид.

Ҳар якеро дод рангин хислату хӯю амал,
Қоруну Луқмону Нӯшервону Ҳотам офарид.

Сирри Ҳақ ҷуз Ҳақ намедонад Содиқ ҳеҷ кас,
Бо кадомин шеваю мақсуд олам офарид.

* * *

Дар ҷӯи хайоли ман, ҷуз оби хайолат нест.
Дар ҳарфи ҷавоби ман, ҷуз ҳарфи саволат нест.

Месозию месӯзӣ, бедоду бадомӯзӣ,
Дар ранҷу азоби ман, тарсе зи ваболат нест.

Меранҷӣ зи гуфторам, метарсӣ зи кирдорам,
Аз гуфту гузори кас, баҳри чи малолат нест.

Алмоси ду абрӯят, нокушта кунад пора,
Шамшеру маҳу досе, монанди ҳилолат нест.

Сарви лаби бомею, сарве ба гулистонҳо,
Дар маснади зебоӣ, чун сарви ниҳолат нест.

Эй ҷисму тану ҷонам, в-эй Чашмаи ҳайвонам,
Бар ташналабе чун ман, обе зи висолат нест.

Ҳарчанд ҷамоли хуб, Содиқ басе дидам,
Дар шаҳр, вале як рӯ, зебо чу ҷамолат нест.

* * *

Равад фасли даю боз фасли баҳор ояд.
Ба гулзори муҳаббат булбули зор ояд.

Зи ғусса макун ҷисму ҷони хеш афгор,
Ки ёри зи бар рафта боз дар канор ояд.

Гар аз чарх расад бар туву кори ту халал,
Ба лутфи илоҳӣ туро боз эътибор ояд.

Ки чандин пиёдаи дар роҳ, машав ғамгин,
Шавад рӯзе иқболу бахт сӯят савор ояд.

Чу дар фарозу шеб об кучҷо гирад қарор,
Ба гоҳи қарор рӯзе ин дили беқарор ояд.

Чу одам расад бар муроди дили пурхун,
Зи шодӣ ашк бар дидаи интизор ояд.

Махӯр ғусса, эй Содиқ зи гардиши айём,
Ки ин бахти саркаш рӯзе туро созгор ояд.

* * *

Омад баҳору вақти гул, бӯстон ғанимат аст.
Тарфи чамону ғунчаи хандон ғанимат аст.

Баркӯш то умри азиз бо шодӣ бигзарад,
Айшу тараб дар ҳалқаи хубон ғанимат аст.

Паҳлӯи худ зи хоки тар берун намекашӣ,
Эй бехабар ба ҷисми ту, ин ҷон ғанимат аст.

Даврат чу омад давр рон, дар олами фано,
Зеро, ки давр меравад, даврон ғанимат аст.

Чун тарки ишқу ошиқӣ кардӣ, расӣ ба худ,
Нодониҳои ошиқи нодон ғанимат аст.

Бо дӯстон дар бӯстон хуш бош як даме,
Бо ҷому бода сӯҳбати ёрон ғанимат аст.

Содиқ зи хушиҳои даҳр коме ба худ бигир,
Зеро, ки бар мо неъмати Яздон ғанимат аст.

* * *

Ман он дарёи шӯхи кӯҳсорам.
Ман он ғурранда абри навбаҳорам.

Ман он булбул ба ишқи гулбуне зор,
Ғазалгӯён ба тоқи шохсорам.

Ба роҳи рост поям карда одат,
Зи шоху шаҳнааш боке надорам.

Дарию порсию тоҷикиро,
Ба ҷону дидаю дил пос дорам.

Сухан мегӯям аз зоти илоҳӣ,
Ки худ аз зоти покаш ёдгорам.

Намегардам ба гирди фаҳшу пастӣ,
Чунин парвардааст парвардигорам.

Хато бошад агар ман ӯр бошам,
Аз он ки аспи маъниро саворам.

Қарорам бурд рӯи нозанине,
Аз он чун рӯди кӯҳӣ беқарорам.

Амонам гар диҳад ин чархи бадкор,
Ки Содиқ коми худ аз ӯ барорам.

* * *

Эй ҳамдами деринаю, эй мӯниси ҷонам.
Эй сарву гулу савсану, эй ғунчадаҳонам.

Гулбарги тару тозаю ҳам сабзаи саҳро,
Шамшоду санавбар туӣ дар боғи ҷинонам.

Ёқуту ақиқи Яманӣ, лаъли Бадахшон,
Дурру гуҳару зевару зар, гавҳари конам.

Ҳам настарану наргису ҳам лолаву насрин,
Себаргаю ҳулбу ба лаби оби равонам.

Ҳам фасли ҷавонию маро шодию ишрат,
Райҳону гулу бодаю ҳам ҷону ҷаҳонам.

Ди рафтӣ зи пешам чу гул аз саҳни гулистон,
Боз о ки шабу рӯз ба роҳат нигаронам.

Эй ҷону ҷаҳону чамани Содиқи шайдо,
То ҳастию ҳастам, ба ҷаҳон бе ту намонам.

* * *

Баргард, биё пешам, эй дилбари ранҷида.
Боз о ки туро бинам, эй гавҳари ду дида.

Эй ҷону ҷаҳони ман, асрори ниҳони ман,
Пеш ой туро бинам, бо чеҳраи хандида.

Беҳтар зи ту одам нест, хуштар зи ту олам нест,
Э бар ҳама қавму халқ, мақбулу писандида.

Бинмой рухи моҳат, то дида кунад роҳат,
Омад ба рамақ ҷонам, рухсори ту нодида.

Дерест намеойӣ, корам шуда раҳпойӣ,
Эй сарви чамони ман, боз ой хиромида,

Эй шамсу маҳу ахтар, эй рашки бути озар,
Боз о гирамат дар бар, рухсори ту бӯсида.

Э кош зи рӯи ту, аз накҳати мӯи ту,
Содиқ будӣ шоду маст, бе маҳфилу бе бода.

* * *

Ҳаст ҳар гуна назарҳо ба забони модарӣ.
Ҳар назарро ҳаст рою мақсади эҳёгарӣ.

Он яке хоҳад забонро софу хуш чун оина,
В-он дигар з-олудагиҳо мар в-аро хоҳад барӣ.

Ҳар каси соҳибназар хоҳад варо воломақом,
Дигаре хоҳад мақомашро аз ин ҳам бартарӣ.

Арҷ бахшидан забонро дар ҳама давру замон,
Ҳаст иқдоме зи иқдоми шаҳию сарварӣ.

Ҳар назарро хидмат аст баҳри камолоти забон,
Баски кори пурсавоб аст, дар умураш чокарӣ.

Чеҳраи зебои хубони дариро ин забон,
Васф кардаст бартар аз хубони турку озарӣ.

Бо чунин лаҳну забони хуштар аз савти ҳазор,
Метавон кард дар ду олам даъвии пайғамбарӣ.

Бо забони миллати ман густарад гар бок нест,
Рӯзи маҳшар довари Ҳақ корҳои доварӣ.

Хонамаш Содиқ варо аз ҷон забони қудсиён,
Бод ҷовид порсию тоҷикию ҳам дарӣ.

* * *

Агарчи замона умрам медиҳад ба бод.
В-агар ёрон зи ман намекунанд ёд.

Ҳамехоҳам ёрон буванд некрӯз,
Бихоҳам ҳаме дар ҷаҳон зиндагӣ obод.

Чаро, ки зи ман рамид бахти оҳуваш.
Нагаштам даме дар ҷаҳон хотиршод.

Зи чи замона чунин хор дорадам,
Чаро ҷонам коҳад ин чархи бебунёд.

Бинолам ҳаме зи ҷаври ин пирзол,
Зи дасти бахти бад кунам ҳаме фарёд.

Бувад кофаронро айшу нӯш чун Хусрав,
Кашанд ҷаври замона некон чун Фарҳод.

Ба роҳи ҳайот, таваккул боядат Содиқ,
Бинеҳ гом ба сӯи Ҳақ, ҳарчи бодо бод.

* * *

На ман танҳо ҳамехоҳам нигори чеҳрахандоне.
Ки ҳар кас орзу дорад висоли рӯйи ҷононе.

Чу мурғи дар қафас фарёд мехоҳад дилам сӯяш,
Сабуреро набошад ғам зи аҳволи парешоне.

Надорад қиммате дар пеши пояш ҷони муштоқон,
Бувад қурбони ҷонаш, сад ҳазорон ҷисму ҳам ҷоне.

Набошад пеши кӯрон эътиборе ҳусни зеборо,
Чи ҳоҷат арзи доноӣ, бародар, пеши нодоне.

Аз аввал ман надонистам, ки ишқ аст оташи сӯзон,
Ки афтодам дар ин оташ, чу Юсуф тан ба зиндоне.

Хато бошад, ба нодонон зимоми офият додан,
Наярзад садрии маҷлис, ба ҷуз марди сухандоне.

Чу рафт домонаш аз дастам, малӯлам он қадар ё раб,
Ту гӯӣ мезанад дасти тағобун, як пушаймоне.

Намедонам чи сон бозам, дилу ҷон дар раҳи ишқаш,
Ки то афтад маро улфат, ба он сарви гулистоне.

Ба Содиқ дар масири лутфу меҳру марҳаматҳоят,
Худоё, рӯзӣ бахшояш, шабею моҳи тобоне.

* * *

Ба ёди рухи чун гулат булбул ба боғ омад.
Қади сарватро қумрӣ дар чаман суроғ омад.

Накардӣ ба ман лутфу марҳамат боре,
Зи ҷаврат ба сина маро чу лола доғ омад.

Саҳар аз қудуми насими боди сабо,
Маро бӯйи хуши турраат бар димоғ омад.

Чу дидам ҷаҳони хеш торик аз ҷаврат,
Маро майл ба сӯйи бодаю ҷому чароғ омад.

Чу дидам қади сарву ҷилваи чу товусат,
Ба ҷони хастаи Содиқ, каме фароғ омад.

* * *

Аз азал тоҷик маскан дошт дар ин марзу бум.
Буд ақвоми аҷонибро ба ӯ ҳар дам ҳуҷум.

Кард вайрон ин макону марзу бум бегонагон,
Дод мегуфт халқи тоҷик з-ин ҳама тақдири шум.

Чун расид Искандару оташ ба тахти Шед зад,
Бурд дороию ганҷашро ҳама бар хоки Рум.

Чун араб омад билоду шаҳри ӯ тороҷ кард,
Тоҷу тахту бахти тоҷикро фиканд дар зери сум.

Барда карду бурд хубрӯёни ӯро сад ҳазор,
Хонаашро кард ғорат, дур кардаш аз улум.

Оғузу турку муғул тороҷи дигар боз кард,
З-ин ҳама бедодиҳо мекард тоҷик уштулум.

Зиндагонӣ баҳри тоҷик шуд ҳамчу шаб сиёҳ,
Дар масираш гашт сарсону ғамину роҳгум.

Лек тоҷик боз кард бунёд мулку кишвараш,
Шӯҳрату овозааш аз нав расид то бар нуҷум.

Он чунон мардонагӣ бояд барои ин замин,
То шавад Содиқ адӯро даст кӯтаҳ аз ҳуҷум.

* * *

Дар ин бӯстон чи мехоҳад ниҳоли бесамар аз ман.
Найистонҳои маъниро фузун гаштӣ шакар аз ман.

Ба мисли оҳуи саҳро дигар махром, ту эй дилбар,
Тамоми ҳастиям бурдӣ, чи мехоҳӣ дигар аз ман.

Дар ин роҳи пур аз шебу фарози зиндагониҳо,
Сабақҳо бурда бо худ мардуми олигуҳар аз ман.

Макун беҳуда, эй дил ҷустуҷӯи олами ваҳшат,
Намеёбӣ дар ин дунё, касе ошуфтатар аз ман.

Ба гӯри тангу тори худ бихуспам баъди марг ором,
Агар розӣ шавад рӯҳи хуши модар падар аз ман.

Чу Мусо гар будӣ ваҳйи худовандӣ ба ман нозил,
Фароъинро будӣ дар қаъри дарё мустақар аз ман.

Агар мисли Сулаймонам будӣ мӯҳре ба ман Содиқ,
Ки девонро даруни кӯзаҳо будӣ сақар аз ман.

* * *

Ман, ба дил меҳри ту дорам, чун ту меҳри дигаре.
Лек бар ту кас набошад, ҳам чу ман ошиқтаре.

Ҳайфу сад ҳайф ахтари толеъи ман афтод дур,
Аз тую бар ту хуш омад ахтари саъдахтаре.

Дил ба марди нек кай бандад зани соҳибҷамол,
Майл бошад ин тавоифро ба сӯи бе саре.

Гарчи соҳибшайд бошад, ҳеҷ натвонад ёфт,
Роҳ сӯи хонаи ин зумра бе симу заре.

Гашта гирди даҳр хубон дидаам бас бешумор,
Лек, чун ту нест зебосурату хушпайкаре.

Қадди ту сарв асту абрӯи ту теғи ҳиндуён,
Дар ҷаҳон модар назода, чун ту зебо дилбаре.

Чун кунад Содиқ, ё Раб з-ин ҳама бедоди ту,
Ё хато бошад ниҳодан дил ба чун ту кофаре.

* * *

Зиндагонӣ, эй писар бо ёру дӯстонат хуш аст.
Бо фаровонии дастурхону меҳмонат хуш аст.

Шодию айшат физояд тарфи боғу бӯстон,
Бо тамошои ҷаҳон пайваста давронат хуш аст.

Кӯш то хуш бигзаронанд умр фарзандони ту,
Аз чунин рафтор бешак, ҷону ҷононат хуш аст.

Рашку бухлу кина дур кун то тавонӣ аз бадан,
В-аз чунин кори накӯ рӯҳи ниёгонат хуш аст.

Аз хушии ту шавад хурсанду хуш модар – падар,
Гар ту хушрафтор бошӣ, ҷумла ёронат хуш аст.

Донишу ҳушро ба ҳам пайванд андар корҳо,
Аз камоли донишу ҳуш ҷони нодонат хуш аст.

Эй Худо, афзун намо ҳар дам маро меҳре ба дил,
Аз чунин алтоф Содиқи ғазалхонат хуш аст.

* * *

Ҷаҳд кун дар роҳи ман ҷонат кунам.
Марди мӯъмину мусулмонат кунам.

Дуриҳо аз ман, туро кофар кунад,
Пеши ман о, соҳибимонат кунам.

Чанд нофармонӣ бо ман мекунӣ,
Оқибат дар зери фармонат кунам.

Некӣ кун бар халқи олам, охират,
Дар биҳишту боғ меҳмонат кунам.

В-ар ту бошӣ золиму дур аз адаб,
Оташи дӯзах бар ҷонат кунам.

Гар ғазое дар раҳи Ҳақ мекунӣ,
Ҳамчу Ҳайдар шери майдонат кунам,

Дур бошӣ аз ғазои ҳайдарӣ,
Мисли рӯбоҳе гурезонат кунам.

Бахшамат хурсандиҳо аз кори нек,
Аз бадиҳо бас пушаймонат кунам.

Бо вуҳуш созам туро ҳамхобу хӯр,
Ҳамчу Маҷнун дар биёбонат кунам.

Аз гадоӣ шоҳӣ бахшам чун Аёз,
Мустаҷоби амру фармонат кунам.

Чун Сулаймонат ба як рони малах,
Дар ҳарими мӯр меҳмонат кунам.

Бахшамат дороии Қорун басе,
Ё чу Яздигурд бе нонат кунам.

Рав малак бар Содиқи шайдо бигӯ,
Воқифи асрори яздонат кунам.

* * *

Ҷуз ғами дил, зи даврон самаре нест маро.
Шаби тор аст раҳи ман, қамаре нест маро.

Хира шуд чашм марою қувати пой намонд,
Камарам монд зи кору камаре нест маро.

Бехабар мондаам аз хабари олами пир,
Зи худу ёру бародар хабаре нест маро.

Сӯфиёнанд сафаркардаи даргоҳи Худо,
Чун парам сӯи само, болу паре нест маро.

Ҷаҳд кардам, ки биёбам ҳарами лутфи Худо,
З-ин саропарда бурун роҳу даре нест маро

Суду сармоя надорам, ки чу Ҳотам бидиҳам,
Дар бисотам ба ҷуз аз илму ҳунар нест маро.

Рафт айёми гулафшонӣ, расид вақти хазон,
Содиқ аз даври ҷавонӣ, асаре нест маро.

* * *

«Ту маро ҷону ҷаҳонӣ, чи кунам ҷону ҷаҳонро.»
Ту маро кавну маконӣ, чи кунам кавну маконро.

Ту маро шамси ҷаҳонӣ, ту маро моҳи ниҳонӣ,
Ту маро оби равонӣ, чи кунам оби равонро.

Ту маро боғу баҳорӣ, ту маро савти ҳазорӣ,
Ту маро сайди шикорӣ, чи кунам сайди давонро.

Ту маро мӯниси ҷонӣ, ту маро ишқи бутонӣ,
Ту маро ҷамъи хубонӣ, чи кунам ҷамъи хубонро.

Ту маро сирри ниҳонӣ, ту маро боғи ҷинонӣ,
Ту маро рӯҳи равонӣ, чи кунам рӯҳи равонро.

Ту маро дурру садафҳо, ту маро тиру ҳадафҳо,
Ту маро бода ба кафҳо, чи кунам оби разонро.

Ту маро айшу тарабҳо, ту маро лавҳу лаабҳо,
Ту маро хандаи лабҳо, чи кунам хандалабонро.

Ту маро шеъру тарона, ту маро чангу чағона,
Ту маро ганҷу хизона, чи кунам ганҷи равонро.

Ту маро маҳрами ҷонӣ, ту маро лаъли Ямонӣ,
Ту маро гавҳару конӣ, чи кунам гавҳару конро.

Ту маро роҳати ҷонӣ, ту маро сарви равонӣ,
Ту маро ҷумла ҷаҳонӣ, чи кунам ҷумла ҷаҳонро.

Ту маро маъшуқаи Содиқ, ту маро нолаи ошиқ,
Ту маро чираю фоиқ, чи кунам зӯри миёнро.

* * *

Умрҳо шуд пушти сар, мо дар пайи бешу камем.
Вақтҳо бигзашт аммо, дар дами пушту хамем.

Мушкилиҳо дар сароби кори мо аз ҳад гузашт,
Фориғ аз инҳо ҳама хурсанду шоду беғамем.

Кай шавад моро хатои зиндагӣ дарси адаб,
То кунун дунболаи кори Ҳавою Одамем.

Гоҳ мебинӣ пайи кори накӯ ҷон меканем,
Гоҳҳо дур аз адаб, бехуд чун деву дадем.

Гоҳ пушти сар намуда, рӯзҳо аз баҳри нон,
Дар пайи эҳсону хайру ҷоҳу ҷуди Ҳотамем.

Гоҳ аз мо мерасад озорҳо, бар ёри мо,
Гоҳҳо чун шона бар мӯ, пеши ӯ зеру бамем.

Ин ҷаҳон аз дасти мо, гоҳе хароб асту хатир,
Гоҳ Содиқ, дар пайи ободии ин оламем.

* * *

Хандакунон боғу баҳорам биё.
Ҷилвакунон қомати ёрам биё.

Боғи дилам гашта тиҳӣ аз наво,
Баҳри дилам, савту ҳазорам биё.

Дар талабат Маҷнуни шайдо манам,
Сӯи ман, э Лайлиузорам биё.

Бурд шикебою қарор аз танам,
Ишқи ту, эй сабру қарорам биё.

Гашт маро ҷону ҷаҳон бенаво,
Баҳри наво ҷоми хуморам, биё.

Эй ту маро гаштаӣ боис ба кор,
Равнақи бозору барорам биё.

Содиқи ошиқ, туро рӯзу шаб,
Дида ба роҳ аст, нигорам биё.

* * *

Ман ба ҳар маънӣ навое мезанам.
Ҳамчу булбул хушсадое мезанам.

То расонам шодию роҳат ба кас,
Ҳалқа бар дар, чун гадое мезанам.

Бар сари бечораю дармондагон,
Соя чун мурғи ҳумое мезанам.

Ҳар куҷо бинам касеро дар азоб,
Ҳамчу захмӣ, вой войе мезанам.

Мегурезам аз адӯю хешро,
Бар саройи ошное мезанам.

То биёбам манзили некон қадам,
Чун саманди бодпое мезанам.

Гар бинам ноҷӯрие дар ҷамъият,
Чун мунодӣ, ман нидое мезанам.

То раҳам аз қайди ғам, чун мурғи дом,
Хештан аз ҷо ба ҷое мезанам.

Содиқо, андар пайи кори ҷаҳон,
Чун пайамбар, роҳу ройе мезанам.

* * *

Ай ту моро ҳам замину осмон.
Ай ту моро шамсу моҳу ахтарон.

Ай ту моро сабзаю райҳону гул,
Ай ту моро боғу роғу бӯстон.

Ай ту моро лаълу ёқуту садаф,
Ай ту моро гавҳару ганҷи равон.

Ай ту моро ишқу маъшуқу мурод,
Ай ту моро қиссаҳои ошиқон.

Ай ту моро нону обу донаҳо,
Ай ту моро шавқу шӯри ин ҷаҳон.

Ай ту моро булбулу гул дар баҳор,
Ай ту моро ғунча дар фасли хазон.

Ай ту моро ишрату айшу тараб,
Ай ту моро хандаҳои дилбарон.

Ай ту моро абру борону баҳор,
Ай ту моро чашмаю рӯди равон.

Ай ту моро сарвару савдою сар,
Ай ту моро фарру тоҷи Хусравон.

Ай ту моро бодаю соқию ҷом,
Ай ту моро нағмаҳои булбулон.

Ай ту моро ҷони Содиқ, дар бадан,
Ай ту моро ёди ёри меҳрубон.

* * *

Ту оби чашмаҳои кӯҳсорӣ.
Ту дар саҳрои ишқам лолазорӣ.

Ту гулбарги тарӣ дар боғи қалбам,
Ту шохи навгули фасли баҳорӣ.

Ҳамебинам ба рӯят акси рӯям,
Саропо тозаю хуш шишаборӣ.

Ту мисли рӯди кӯҳи дар баҳорон,
Ки шӯху саркашу чусту таторӣ.

Манам уфтода дар амвоҷи ишқат,
Ки мепурсам зи ту имдоду ёрӣ.

Қарору сабру тоқат рафт аз ман,
Шудам побанди доми беқарорӣ.

Зи субҳ то шом дар ёдат асирам,
Зи шаб то рӯз корам зиндадорӣ.

Зи ишқат хастаю зору низорам,
Вале ту заррае парво надорӣ.

Ба ёдат гашта Содиқ масту шайдо,
Чу булбул мекунад афғону зорӣ.

* * *

Он париваш хештанро ҳар куҷо пайдо кунад.
Сӯфиёни покро маҷнунсифат шайдо кунад.

Маҳв созад ҳар чи нақше ҳаст дар дилҳои мо,
Нақши худ дар дидаву дилҳои мардум ҷо кунад.

Аз нигоҳаш гар расад тӯфон дар як гӯшае,
Чун дами дигар, дигар ҷо шӯрише барпо кунад.

Баҳри ғорат боз асбобе муҳайё кардааст,
Нест кас аз ғайрати тарроriaш ово кунад.

Чун диҳад имрӯз аз васли висолаш ваъдае,
Бо ҳазорон фитанҳо имрӯзро фардо кунад.

Гар чунин бошад кори он нигори гулбадан,
Маҷнуни шӯрида моро, хешро Лайло кунад.

Он париваш бо ҳама ин ҷилваҳо Содиқ маро,
Оқибат дар роҳи васлаш бесару бепо кунад.

* * *

Маро йоди рухи ту мекашад ҳар дам ба сӯи ту.
Хумори бӯсаҳоят мебарад бар гирди кӯи ту.

Маро ҳар дам ба дил сад орзу чун чашма мечӯшад,
Ки то нӯшам шароби ишқи пирӣ аз сабӯи ту.

Бидидам чеҳраи хубони зебои фарангу чин,
Надидам рӯи зебое, ки бошад мисли рӯи ту.

Фаромӯшам шавад ғамҳои ин дунёю он дунё,
Дар он соат, агар бо панҷа созам шона мӯи ту.

Ту ҷоно, навбаҳори пургулӣ дар рӯзгори ман,
Чу булбул масту шайдо гаштаам аз рангу бӯи ту.

Ба ҳусну дар латофат хубтарини ҷумла хубонӣ,
Малакро мекунад тасхири ҷонҳо хулқу хӯи ту.

Куҷо рӯ оварам рӯи ту ояд пеши чашмонам,
Ки дар чашмони Содиқ ҷой кардаст, акси рӯи ту.

* * *

Чи хуш бошад занад пар мурғи ҷонам дар ҳавои ту.
Кунад рақсу тараб, ё раб вуҷудам, дар навои ту.

Садоҳо хуш ба гӯшам мерасад ҳар дам зи ҳар ақсо,
Вале хуштар бувад бар гӯши ҷон савту садои ту.

Нигоҳат мегудозад ҷисму ҷони ошиқи шайдо,
Чи хуш аст хешро дидан ба чашми сурмасои ту.

Аҷаб нояд маро з – он ҳусни зебою қади сарват,
Агар рӯзе саре афтода бинам пеши пои ту.

Бигирам домани ишқат, бимонам бо ту дар хилват,
Агар розӣ шавад рӯзе Худои ман, Худои ту.

Ба дил меҳри ту дорам ончунон ҷони азиз бар тан,
Бувад дар ду ҷаҳон, эй ҷони ҷон бар дида ҷойи ту.

Нагардад то қиёмат дур зи гирди кӯи ту Содиқ,
Ки то умр аст монам дар даму доми вафои ту.

* * *

Хидмати ошиқ бихоҳӣ рӯи чун гул боядат.
Васли гул хоҳӣ агар, афғони булбул боядат.

Эй, ки мехоҳӣ дарун аз ғусса гар холӣ шавад,
Пеши аҳли дард мисли шиша қул-қул боядат.

Гар бихоҳӣ баҳравар бошӣ зи васли рӯи ёр,
Даст дар печу хами гесӯю кокул боядат.

Эй ҳасуд гар бори рашку кин мехоҳӣ кашид,
Ҷома не, монанди маркаб пушт дар ҷул боядат.

Гар насибе хоҳӣ аз ишратгаҳи хубони даҳр,
Ҳамчу шайхони араб дасти таҷаммул боядат.

Гар ту хоҳӣ обрӯю иззате бар хештан,
Хӯйи неку касбу дониш, мансабу пул боядат.

Содиқо дар роҳи Ҳақ шамшер гар хоҳӣ кашид,
Чун Алӣ дар зери по аспе чу Дулдул боядат.

* * *

Ба як афсун нигоҳаш, берун аз ақлу инонам кард.
Саропо сӯхт ҷонамрою хоки остонам кард.

Зи ҷисми нотавони ман бурун кард ҷони ширинам,
Гирифт ҳам ину ҳам он, чун дарахти пурхазонам кард.

Рабуд ҳушам зи сар овора кардам дар биёбонҳо,
Чу Маҷнун дар ҷаҳони бехудиҳо меҳмонам кард.

Маро хотирпарешон кард зулфони парешонаш,
Хами абрӯи чун теғаш саропо захми ҷонам кард.

Гузашт бо нозу истиғно зи пешам он парипайкар,
Парешону ҳазин байни замину осмонам кард.

Ба дил омад маро сад орзу дар роҳи дидораш,
Рухи монанди моҳаш муштарию меҳрубонам кард.

Дишаб Содиқ ба як лутфу навозиш он парипайкар,
Маро ҳамроҳи ҳурон сокини боғи ҷинонам кард.

* * *

Дӯст медорам туро, эй навбаҳор.
Навбаҳори гулбадоман, гулбаҳор.

Гаштаам пазмони рӯю бӯйи ту,
Боз сӯйи ман биё, фасли баҳор.

Мардумон бо сад ҳазорон орзу,
Мақдаматро интизоранд, интизор.

Мешуморанд рӯзҳои омадат,
Ошиқони бешикебу беқарор.

Духтарони хушқаду зебою шанг,
Мечаманд хандону хуш дар сабзазор.

Дар гулистону чаманҳо андалеб,
Баҳри гулҳо нола созанд зор-зор.

Сабзаю себаргаю райҳону гул,
Дӯст доранд нағмаю савти ҳазор.

Мурғакон бо қаҳқаҳу болидагӣ,
Ҷамъ оянд боз гирди чашмасор.

Содиқи ошиқ ба васфат, эй баҳор,
Месарояд хуш ғазал бо чангу тор.

* * *

Боз омад ошиқон фасли баҳор.
Боз омад соқиён вақти хумор.

Рафт айёми даю сармо гузашт,
Боз омад мурғакон вақти фирор.

Мавсими гул омаду вақти тараб,
Вақти шавқу шӯру фарёди ҳазор.

Савсану сарву раёҳин сар кашид,
Нола кун ай мурғи ҷон дар шохсор.

Дӯстонро мекунад хандону хуш,
Бодаву базму суруди ёр-ёр.

Баҳри ҷони ошиқи шайдою маст,
Вақти сайри гул шуду бӯсу канор.

Мерасад бар гӯшҳо аз ҳар тараф,
Хандаи тифлони шӯху беқарор.

Гулбадоман, гулбасар дашту даман,
Шуд хурӯшон рӯдҳои кӯҳсор.

Нолаҳо монад зи булбул дар чаман,
Шеърҳо монад зи Содиқ ёдгор.

* * *

То шавам зинда зи нав ёр дигарбора биё.
Бо шару шӯру тараб дилбари айёра биё.

Шаби торик кунад рӯшанӣ аз шӯълаи моҳ,
Равшанибахши дилам, дилбари маҳпора биё.

Ман, ба зебой назири ту надидам ба ҷаҳон,
Баҳри чашмони сарам мӯҷиби наззора биё.

Гар шабе банданавозӣ кунӣ корест савоб,
Чорасози дили ин ошиқи бечора биё.

Бе ту беранг бувад ҷумла ҷаҳон дар назарам,
Эй ту Аржанги ҳама собиту сайёра биё.

Гул ба ҳусн нозаду булбул ба фиғон овезад,
Эй ту, дармону давои дили садпора биё.

Гирди кӯи ту чу Содиқ, шудам овора басе,
Эй ту оромгаҳи ошиқи овора биё.

* * *

Дар даҳр намебинам, соҳибназаре бошад.
Бар ҳоли дили дарвеш, касро назаре бошад.

Хуби ҳама нопайдост, ҳақ дар талаби анқост,
К-инро метавонад дид, соҳиббасаре бошад.

Кори неку роҳи рост, фарз аст ба ҳар одам,
Бошад, ки чунин хислат, бар тоҷваре бошад.

Гар нест чунин одам, дар саҳнаи ин олам,
Бе гӯшу думу полон, одам не харе бошад.

Донишфузунӣ кардан, бо худ амале бурдан,
Дар оинаи олам, ин ҳам ҳунаре бошад.

Шӯр асту шағаб одам, ғам асту тараб олам,
З-он мардуми дунёро савдою саре бошад.

Содиқ намебинам якрангӣ дар ин олам,
Бе шодию ғам пайдо ку бому даре бошад.

* * *

Савганд зи ёрон ҷудоӣ накунем.
Бар аҳди қадим бевафоӣ накунем.
Мо марди Худо, дар талаби роҳи Худо,
Бо сифлаю нокас ошноӣ накунем.

Савганд ба номи поки Яздон, савганд.
Савганд ба пайғоми расулон, савганд.

Бар кӯи шумо зи роҳи дур омадаем.
Чун чашмаи кӯҳӣ, носабур омадаем.
Обою гузаштагони мо, марди Ҳақанд,
Мо ҳам дилу ҳам дида ба нур омадаем.

Савганд ба номи поки Яздон, савганд.
Савганд ба пайғоми расулон савганд.

Ҳар неку бад аст, зи роҳи мо мегузарад.
Бо хандаю ашку оҳи мо мегузарад.
Бо неку бади ҷаҳони ғамбору азиз,
Шому саҳару пагоҳи мо, мегузарад.

Савганд ба номи поки Яздон, савганд.
Савганд ба пайғоми расулон савганд.

Аз дидаи мо нури Худо меборад.
Ин синаи мо тухми вафо мекорад.
Афтода бинад агар касеро ба замин,
Дастони манаш зи хок мебардорад.

Савганд ба номи поки Яздон, савганд.
Савганд ба пайғоми расулон савганд.

* * *

Ҳар касе бад мекунад охир пушаймон мешавад.
Ҳамчу шайтони раҷим бедину имон мешавад.

Дар қиёмат оташи дӯзах диҳад ҷонаш азоб,
Ҳамчу кофар рондаи даргоҳи Яздон мешавад.

Гар касе бар гирди бадгуфтору бадкорон равад,
Бегумон монанди онон пасту нодон мешавад.

Гар кунад хотир парешон одамиро ҳар касе,
Нест шак чун коҳ рӯзарду парешон мешавад.

Ошиқе дар хидмати маъшуқаи худ ҷаҳд кард,
Мерасад бар мақсаду мақбули ҷонон мешавад.

Он ки дур аз адлу инсоф аст, дар роҳи ҳаёт,
Ончунон бадкору бадгуфтор ҳайвон мешавад.

Ҳар ки дурӣ ҷуст аз ёру бародар Содиқо,
Гарчи дорад зӯри Рустам, лек беҷон мешавад.

* * *

Ҳарчанд, ки дилбохтаи роҳи Худоям.
Он қадр дар ин даҳр гирифтори балоям.

Чун боди сабо рӯзу шаби ман гузарон аст,
Охир надонам пайи чӣ, баҳри чароям.

Ман Исию Илёсу Хизир нестам охир,
З-иқлими Адам омада рӯ сӯи фаноям.

Гоҳе зи ғами даҳри дудар сар ба заминам,
Гоҳе зи пайи рӯзӣ чу мурғон ба ҳавоям.

Обу гили ман шӯридааст, Эзиди якто,
Ман худ надонам, ки киям ман, зи куҷоям.

Тақдири ман аз рӯзи азал дар кафи ман нест,
Ман марди вафо гоҳ дур аз аҳду вафоям.

Ман толиби айшу тарабам Содиқи ошиқ,
Афсӯс, ки дур з-ин ҳама дар банди ҷафоям.

* * *

Ин манам захму зарарҳо дидаам аз ёри худ.
Ин манам бар пушти по афкандаам буду набуд.

Ин манам афтону хезон меравам сӯи само,
Ин манам бахшанда накҳат ончунон сӯзанда уд.

Лашкари ҷуррори ғам ҳар дам занад сӯям ба тир,
Дар ҳаёту дар мамотам зери ин чархи кабуд.

Мечаконад хун зи дилу дида бори зиндагӣ,
Мебарад то чархи гардун ҳамчу абр аз сина дуд.

Кош будӣ шодӣ дар олам зи баҳри одамӣ,
Кош ранҷу ғам дар ин дунёи дун ҳаргиз набуд.

Кош будӣ одамон хушхӯю хушгӯ дар ҷаҳон,
Кош орӣ будӣ дунё аз баду шарру ҳасуд.

Содиқо, гар одамиро нест хӯи одамӣ,
Омаду рафтан варо дар ин ҷаҳон беҳуда буд.

* * *

Эй муҳаббатгоҳи олам, сайри дилҳо мекунӣ.
Хештанро дар дилу дар дидаҳо ҷо мекунӣ.

Мезанӣ хуш Лайлиосо шона бар мӯи сияҳ,
Ошиқони хешро Маҷнуну шайдо мекунӣ.

Медаронӣ бе ибо пероҳани мо аз алам,
Баҳри ушшоқони худ кори Зулайхо мекунӣ.

Медиҳӣ сад ваъдаи васлу пушаймон мешавӣ,
Боз дар роҳи вафо имрӯзу фардо мекунӣ.

Меравӣ дур аз канорам чун баҳори умри ман,
Бо хасу хори биёбон сайри гулҳо мекунӣ.

Чок – чок аст сина моро аз хами абрӯи ту,
Эй табиби мо дили мо, кай мудово мекунӣ.

Эй ту мерезӣ ба сар моро ҷафою ҷаври даҳр,
Оби чашми Содиқи худ, оби дарё мекунӣ.

* * *

Ту фасли баҳорӣ, чаманӣ, боғи ҷинонӣ.
Ту соғару соқию мино, оби разонӣ.

Ту хони пур аз неъмату нозию сад афсӯс,
Баҳри мани бечора чу моҳи рамазонӣ.

Дӣ нек назар кардаму гуфтам ба дили хеш,
Дурру гуҳарӣ, ёқутию лаъли Ямонӣ.

Саҳрои пур аз лолаю боғию биҳиштӣ,
Бӯстону гулистону гулу сарви равонӣ.

Ту оби мусаффоӣ, ки ҷорист зи Кавсар,
Дарёи хурӯшонию Оби ҳаявонӣ.

Зебо чу ту зебое дар ин даҳр надидам,
Хубтар ба хубӣ аз ҳама хубони ҷаҳонӣ.

Ҳам кавкабу Хуршедиву ҳам моҳи мунаввар,
Дар иқлими зебоӣ шаҳаншоҳи хубонӣ.

Сеҳр астию ҷодую фусунию сипеҳрӣ,
Мӯъҷизи Мусою дами Исии замонӣ.

Дар роҳи ту шуд дидаи ман, дидаи Яъқуб,
Боз ой баҳори дили ман, Юсуфи сонӣ.

Хуш мегузарӣ аз бари ман сӯи рақибон,
Чун боди баҳорон ба гулу сабза ниҳонӣ.

Ин рӯзу ҳама рӯз туро бод муборак,
Эй боди саҳаргоҳ, гули шохи ҷавонӣ,

Сад бор туро бод зи ман зикру дуое,
То ҳаст ҷаҳон умр ба шодӣ гузаронӣ.

Содиқ нигарон аст ба роҳат, шаҳи хубон,
Шояд, ки ту ҳам бар раҳи ошиқ нигаронӣ.

* * *

Ку нигоре дили ғамдидаи мо шод кунад.
Ҷони мо аз қафасу қайди ғам озод кунад.

Нест дар шаҳр яке баҳри муроди дили хеш,
То гирад теша ба даст шеваи Фарҳод кунад.

Фориғ аз ташвиши фардои қиёмат бизияд,
Ҳар ки вайронае чун Хизри раҳ обод кунад.

Нест поён ғами ишқи бутон дар дили мо,
Гарчи ушшоқ дар ин марҳила фарёд кунад.

Гар шабе мӯниси ҷонам шавӣ, ин Содиқи зор,
Шукрҳо то саҳар аз бахти Худодод кунад.

* * *

Бӯи гулҳо аз гулистони ман аст.
Нолаи булбул зи афғони ман аст.

Равшании синаҳои орифон,
Аз чароғи илму ирфони ман аст.

Шириниҳо дар мазоқи одамон,
Бегумон аз шаккаристони ман аст.

Ошиқонро васлу ҳиҷрон додаам,
Нолаи най аз найистони ман аст.

Чустиву чолокиҳо дар ҷисми ту,
Заррае аз нируи ҷони ман аст.

Чун туро тоат баранд деву парӣ,
Бегумон аз амру фармони ман аст.

Обу нону меваҳо Содиқ туро,
Шаммае аз хирмани хони ман аст.

* * *

Эй Худои ман туӣ обоӣ ман.
Хону мону маскану маъвои ман.

Эй ту манро ин ҷаҳону он ҷаҳон,
Эй ту устоди ману муллои ман.

Ин манам нодони мактабҳои ту,
Эй ту Афлотуни ман, донойи ман.

Ҳар ки хоҳад ҷой андар ҷойҳо,
Кош будӣ дар бари ту ҷойи ман.

Ман надорам баҳри уқбо тӯшае,
Эй ту манро тӯша дар фардойи ман.

Фикру зикри ман туӣ ҳар субҳу шом,
Ин туӣ рои ману мавлои ман.

Ҳар чи кардам мекунам дар роҳи ту,
Эй ту, ҳам мақсуду ҳам ҳайҳои ман.

Эй ту манро аршу фаршу коинот,
Эй ту, ҳам волою ҳам болои ман.

Эй ту, манро донишу ақлу хирад,
Эй ту, дилу дидаи бинойи ман.

Нест шӯре ғайри ишқат дар сарам,
Эй ту дар олам сару савдои ман.

Нолаҳо Содиқ ба ёдат мекунад,
Эй найистони ману, овои ман.

* * *

Парвои мо надорӣ, эй мурғи лоязолӣ.
Аз бодаи висолат ҷону тан аст, холӣ.

Карди ҷафо ба ҷонам, эй моҳи дилситонам,
Тарсам, ки менатарсӣ, аз оташи ваболӣ.

Савдои рӯи моҳат афтода бар дили мо,
Бозори ошиқонро колои бемисолӣ.

Ширину шаҳду қандӣ, хомӣ намеписандӣ,
Чун меваи расида, дар олами камолӣ.

Дар қадду дар назокат, дар ҳусну дар латофат,
Хуршеду моҳу ахтар, сарву гулу ниҳолӣ.

Наврӯзу навбаҳорӣ, савти хуши ҳазорӣ,
Ҳам ҷому шишаю мул, ҳам васлу ҳам висолӣ.

Саркардаи хубонӣ, маъбуди ошиқонӣ,
Зеботар аз фаришта, дар ҳусну дар ҷамолӣ.

Вақти салом бо ту, таъзим мегузорам,
Қадди маро ҳамеша, боис дар саволӣ.

Аз ҳаҷри рӯи моҳат, қомат шавад маро дол,
Тарсам аз он ки мардум, хонад маро ҳилолӣ.

Номам зи ёд рафтаст, умрам ба бод рафтаст,
Чун ташвиши замона карди маро хаёлӣ.

Чобуку шӯху шангӣ, бо Содиқат ба ҷангӣ,
Боке зи кас надорӣ, эй турки лоуболӣ.

* * *

Ҳар, ки сайёди сухан аст, сайди маъниҳо кунад.
В-он, ки дур бошад аз ин раҳ кӯшиши беҷо кунад.

Пеша созад ҳар касе кори накӯю роҳи рост,
Хешро дар дидаю дилҳои мардум ҷо кунад.

Хуш гузорад умр дар дунёю гардад мӯътабар,
Он ки бореро сабуку уқдаеро во кунад.

Он ҷаҳон хандону хуш гардад бо аҳли биҳишт,
Ҳар касе дар ёди Ҳақ шому саҳар ово кунад.

Он ки дур бошад зи кори бад дар ин дунёи дун,
Аз азоби оташи дӯзах куҷо парво кунад.

Ёри мардони Худо гардад, шавад мақбули Ҳақ,
Ҳар касе гар хидмати мардуми ин дунё кунад.

Мерасад дар ёди Ҳақ Содиқ, агар ҳар бандае,
Аз раҳи лутфу карам як лаҳза ёди мо кунад.

* * *

Аз саройи қалби ман то боргоҳи қалби ту.
Корвони меҳри ман, эй гулбадан пурбор буд.

Баҳри тавсифи саропои ту, эй маъбуди ман,
Ин забони ман ба мисли мурғи хушгуфтор буд.

Роҳ мерафтам ба сӯят то кашам андар канор,
Бар танам ҷаври рақибон ҳамчу неши хор буд.

Меҳрубониҳои ман баҳри ту буданд беҳисоб,
Лек дар подоши онҳо кори ту озор буд.

Он киро буд симу зар зад хайма дар оғӯши ту,
Аз назар уфтод чун ман ҳар касе нодор буд.

Дил даруни сина буд доим туро пур аз нишот,
Лек моро дил зи ҳаҷри рӯи ту бемор буд.

Содиқо, аз ҷаври хубон шикваҳо кардан хатост,
З-он ки ҷаври ёр аз рӯзи азал бар ёр буд.

* * *

Сад ҳайф, ки айёми ҷавонӣ зи барам рафт.
Чун боди сабо омаду аз бому дарам рафт.
Рафт аз ману бо худ ҳама дунёи маро бурд,
Шӯру тарабу айши ҷаҳонӣ зи сарам рафт.

Охир мани савдозада ранҷур шудам, охир,
Аз гармию шодии ҷаҳон дур шудам, охир.
Дунё дари шодӣ ба рухам баст ба як бор,
Чун зулмати шаб тираю бенур шудам, охир.

Он даври ҷавонӣ дигарам боз наояд.
Айёми хуши ӯ раҳи ман боз напояд.
Имрӯз бубин, ки тани ман хастаю зор аст.
Чун даври ҷавонӣ дили хубон нарабояд.

Аз сина ба гардун бирасад оҳу садоям.
Бингар ба куҷо будаму акнун ба куҷоям.
Он шохи ҷавонӣ, ки пур аз накҳату гул буд,
Гардид хазону зи паяш боди фаноям.

* * *

Мо саропо оташем, моро зи оташ бок нест.
Ҳар касеро бок бошад, бегумон ӯ пок нест.

Кас набошад ошиқу дур бошад аз хайру хирад,
Одамӣ гуфтан нашояд, ҷуз хасу хошок нест.

Гар фалакпаймо ва ё ғаввос гардад оқибат
Зери айвони фалак раҳ ҷуз ба зери хок нест.

Ҳар киро гар беш буд ҷавру ҷафои гулрухон,
Ҷуз Азизи Миср дар ин раҳ гиребончок нест.

Бозуи зӯру шуҷоъат нест бо аъдо мапеч,
Кас чу Рустам дар набарди душманон бебок нест.

Касбу дониш ҷилвагоҳи эътибори одам аст,
Лек, дур аст аз назар гар соҳиби амлок нест.

Ин ҷаҳон монанди ақраб мезанад неше ба ҷон,
Содиқо одам махонаш ҳар киро ғамнок нест.

* * *

Дар баҳри синаат шабе, то субҳ шино кардам.
Худро чу ҷон бар ҷисми ту, эй шӯх ҷо кардам.

Аз шавқи ғӯта дар амвоҷи баҳри меҳри ту,
Чун сӯфиён дар самоъ савту садо кардам.

Бегона буд маро чашму рӯю лаб зи ту,
Он шаб ба рӯю чашму лаби ту ошно кардам.

Гоҳо зи ғояти шодию шавқу шӯри дил,
Ҷисми ҳарири туро ба ҷисмам қабо кардам.

Дар он шаби қадр бо ту нахуфтам то саҳар,
Он буд муроди ман, ки сулҳу сафо кардам.

Аз омади кору кушоиши бахти вожгун,
Гаштам шоду сад шукр ба даргоҳи Худо кардам.

Ман бо ту аҳд кардаам, ки гирамат ба бар,
Бингар, ки ба аҳди худ чу Содиқ вафо кардам.

* * *

Э вой Худои меҳрубону дардошно.
Дардҳои синаи маро боре бикун даво.

Месӯзад аз шаб то саҳар аз субҳ то ба шом,
З-он оташи ранҷе танам аз ту шудаст, раво.

Афтодаам ба чоҳи ғам берун чи сон шавам,
Чун донаи гандум танам, ғам санги осиё.

Бас хору зору ранҷуру афтодаам кунун,
Аз ишрату айши ҷаҳон, ман гаштаам ҷудо.

Лутфат чаро бегона шуд бо мӯнисе чу ман,
Бахт аз мани бечора гашт, чун давлат аз гадо.

Ҷуз ту набоши меҳрубон бар ман дар ин ҷаҳон,
Дур гашта аз ман ёру дӯст, ҳам хешу ошно

Осоишу роҳат бирафт аз Содиқи фигор,
Ай ту Худои меҳрубон, сӯям биё, биё.

* * *

Меҳри модар дар дилам тухми муҳаббат коштаст.
Хандаҳояш дар рухам нури Худо бигзоштаст.
Нури чашмонаш бароям Офтоби Ховар аст,
Аллаҳояш коми манро бо сухан бардоштаст.

Бо умеде парваришам кард дар деҳи баланд.
Дошт эмин ҷисму ҷонамро зи ҳар ранҷу газанд.
Оҳ мегуфт, гар халад хоре ба поям аз қазо,
Мераҳонид ҷони ман аз қайди ҳар озору банд.

Оҳу ташвишаш бароям рӯзиву нон додааст.
Бозуи зӯру тавоно, пойи гардон додааст.
Буд чун парвона бар гирдам, ки то гардам калон,
Парваришҳояш бароям қуввату ҷон додааст.

Тифл будам бо навозишҳои ӯ гаштам калон.
Бо дуъояш шоду хуррам мекунам сайри ҷаҳон.
Э Худо дорам талаб аз даргаҳат ҳар субҳу шом,
Модари манро бикун ҷо дар биҳишти ҷовидон.

* * *

Кошонаю дарам, ҳам қасру манзарам.
Бахшиди ҷон ба ман, фарзона модарам.

Карди маро калон, дар байни одамон.
Чун оби рӯдҳо, гаштам кунун равон.

Рафтам зи пеши ту, кардам пареши ту.
Бо худ бибурдаам, оину кеши ту.

Рафтӣ аз ин ҷаҳон, монанди рафтагон.
Бо рафтанат зи даҳр, карди маро хазон.

Ҳам роҳи ту сафед, даргоҳи ту сафед.
Дар хоб дидамаш, арвоҳи ту сафед.

Модар ҳазори ман, боғу баҳори ман.
Бе ту хазонам ман, ту сабзазори ман.

Ман нури чашмонат, ман тифли домонат,
Дар олами фонӣ, ман гашта пазмонат.

Модар мазори ман, дору мадори ман.
Ман зори ту гаштам, ту гашта зори ман.

Содиқ ба номи ту, шеъре навишт модар,
То шод шавад рӯҳат, андар биҳишт модар.

* * *

Тоҷикистон, обу хоку мазраи ту ҷони ман.
Ҳифзи марзу буми ту як гӯшаи имони ман.
Шоду хуррам дар канорат мезанам доим қадам,
Амну ободии ту дар дил бувад армони ман.

Бо ризои Эзиди поку талоши мардумат.
Парчами озодиро боло намудӣ бар сарат.
Ихтиёри марзу бумат ин замон дорӣ ба даст,
Баҳри кишварҳои олам боз шуд роҳу дарат.

Дар қатори ҷумла давлатҳои соҳибихтиёр,
Мекунӣ дар олами осудагӣ гашту гузор.
Содиқ аз баҳри нумӯят мекунад ҷаҳду талош,
То, ки бошӣ ҷовиду сарсабз мисли навбаҳор.

* * *

Тоҷикистон, бо ҳама буду набудат бо манӣ.
Тоҷикистон, бо ҳама азрору судат бо манӣ.

Сангу хокат махзани ганҷу гуҳар бошад маро,
Бо ғаму андӯҳу шодию сурудат, бо манӣ.

Пурсаховат гашта хони ту, зи эҳсони Худо,
Тоҷикистон, бо ҳама эҳсону ҷудат, бо манӣ.

Кӯҳу саҳрою хасу хорат бароям гулшан аст,
Бо тамоми ҳастию арзи вуҷудат, бо манӣ.

Гар сафар созам ба кишварҳои олам аз барат,
Ҳар замон, ҳар лаҳза бо марзу ҳудудат, бо манӣ.

Ҷисму ҷонат борҳо гар сӯхтанд бегонагон,
Бо ҳама ранҷу харобиҳову дудат, бо манӣ.

Рӯдҳою чашмаҳоят ташнагонро ҷон бувад,
Бо замини сабзу осмони кабудат бо манӣ.

Мерасад аз тозакориҳои ту ҳар дам хабар,
Бо хабарҳои хушу пайку дурудат бо манӣ.

Меравад то авҷи гардунҳо садои Содиқат,
Тоҷикистон, бо навои тору рудат, бо манӣ.

* * *

Миллатам, эй миллати асри куҳан.
Бод қурбони ту ҷисму ҷону тан.

Бо ту мефахрам дар ин дайри куҳан,
Миллатам, эй миллати соҳибватан.

Рӯдакиву Мавлавию Сайидо,
Кохи шеъру шоирӣ карда бино.

Дар забони мардуми озодаат,
Номи некат медиҳад доим садо.

Фатҳ кардӣ қуллаи илму ҳунар,
Душманатро кардаӣ зеру забар.

Бо каломи Рӯдакӣ дар баҳру бар,
Медиҳӣ аз ҷӯи Мӯлиён хабар.

Умри ту бодо ба гетӣ ҷовидон,
Дур бодо навбаҳорат аз хазон.

Мекунад Содиқ васфат субҳу шом,
Бош, то бошад замину осмон.

* * *

Эй Ватан, ҳар зарраи хокат зар аст.
Эй Ватан, ҳар қуллаат тоҷи сар аст.

Хоки поку мазраи зархези ту,
Эй Ватан, бар ман азиз чун модар аст.

Кӯҳҳои пурзару тиллои ту,
Аз бароям эй Ватан, баҳру бар аст.

Дар зимистону баҳору тирамоҳ,
Хору раёҳону гулат сабзу тар аст.

Ҳар куҷое гар равам ёди рухат,
Баҳри таскини дилам бому дар аст.

Чашмаҳои кӯҳсоронат Ватан,
Чашмаи Ҳайвону Ҳавзи Кавсар аст.

Эй Ватан, овози рӯди шӯхи ту,
Аз бароям хониши кабки нар аст.

Аз барои разм бо аъдои ту,
Тифлҳои ширмакат шери нар аст.

Баҳри ҳифзи марзу бумат, эй Ватан,
Синаи Содиқ, синону испар аст.

* * *

Тоҷикистонам, ба рағми душманам.
Тоҷикистонам, баҳору гулшанам.

Дар мийони кӯҳсорони баланд,
Тоҷикистонам, ба тоҷик меҳанам.

Ман сухан гӯйам ба лафзи паҳлавӣ.
Ман бихонам Маснавии маънавӣ.

Сарбаландам дар тамоми баҳру бар,
Бо каломи Рӯдакиву Мавлавӣ.

Ман баҳори бехазонам дар ҷаҳон.
Ман дар ин дунйои пир ҳастам ҷавон.

Сӯйи фардойи дурахшони ҳайот,
Ман равонам, ман равонам, ман равон.

Ман саропо бӯи Сомон мекунам.
Ман ҳама дам шукри даврон мекунам.

Фахри ман аз ҳиммати халқи ман аст,
Ман баройаш ҷо дилу ҷон мекунам.

Рӯдакийам, ман Ҳакими Тӯсийам.
Сайидоюю Соиби Табрезийам.

Ман Синойам, ман Камолу Шоҳинам,
Родмардам, Содиқи Кашрӯдийам.

* * *

Зинда бош, эй меҳани ободи ман.
Тоҷикистон, кишвари озоди ман.

Дар масири зиндагӣ бо хештан,
Ту ба дуриҳо барӣ фарйоди ман.

Дар ҷаҳони пурнабарду фитнаҳо,
Ту нишон астӣ зи аслу зоди ман.

Дар ҳама сахтиву тангиҳо Ватан,
Мешитобӣ чун ту бар имдоди ман.

Гар халад хоре ба пойам аз қазо,
Тоҷикистон, мерасӣ бар доди ман.

Шукр мегӯйам Худоро ҳар замон,
Бо ту пайвастаст хоку боди ман.

Номбардори ту бодо тоҷикон,
Тоҷикистон, ҳам ману авлоди ман.

Баъди маргам баҳри фарзандони худ,
Зинда медорӣ Ватан, эҷоди ман.

Ёди Содиқ мекунӣ шому саҳар,
Лаҳзае дур нестӣ аз йоди ман.

* * *

Тоҷикистон, бар зимистону баҳорат ошиқам.
Бар гулу себаргаву бар лолазорат ошиқам.

Дилбаронат мебаранд аз синаам сабру қарор,
Бар қарори дилбарони беқарорат ошиқам.

Тирамоҳат боғҳоро мекунад ранги шафақ,
Бар хазони тирамоҳи зарнисорат ошиқам.

Боғу бӯстону чаманҳоят латифу дилкаш аст,
Бар ҳавои фораму бар сабзазорат ошиқам.

Нағмаҳои булбулонат рӯҳ бахшад ҷону тан,
Бар гулистону гулу савти ҳазорат ошиқам.

Обҳоят софу ҷонбахш аст, чун Оби ҳаёт,
Бар садои рӯдҳою чашмасорат ошиқам.

Мекунад Содиқ васфат, эй биҳишти ҷовидон,
Тоҷикистон, бар билоду кӯҳсорат ошиқам.

* * *

Нидои қарнҳо дорад садои Панҷи пуршӯраш.
Фараҳ бахшад ба дилҳо савти созу нағмаи ҷӯраш.

Ба илму қаҳрамонӣ мардумонаш гаштааст машҳур,
Ҷаҳон донад Синои ҳозиқу ҳам Рустами зӯраш.

Ҷавон асту ҷавонӣ менамояд дар ҷаҳони пир,
Тараққиҳо басе дорад ба рағми хасми дилкӯраш.

Намояд мафтуну шайдо, навозад рӯҳи одамро,
Садои булбулону қаҳ-қаҳи кабки раву сӯраш.

Хийобонҳои зебою фарохаш дил барад аз кас,
Таманноҳо басе дорам, ки то хандон бувад ҳӯраш.

Физояд ҷисму ҷону хуш кунад бинандаро хотир,
Тамошои билоду кӯҳу дашту нахчиру гӯраш.

Наёбад қалби кас эмин агар Юсуфи Канъон аст,
Зи лаъбу лобаи хубони қоматсарву дилшӯраш.

Чу Содиқ дар ҷаҳони пур зи савдо Тоҷикистонро,
Нигаҳ дорад Худо, аз офати даҳру шару шӯраш.

* * *

Эй шаҳри Душанбе, шаҳри ҷонӣ.
Шаҳри бахту хайру обу нонӣ.

Осуда дар оғӯши растам,
Шаҳри ваҳдату сулҳу амонӣ.

Ман баста камар аз баҳри корат.
Шодам, ки бирастам дар канорат.

Зебову чароғону хуш астӣ,
Сарсабзу гулафшон аст, баҳорат.

Донам, ки маро чун модар астӣ.
Манро ҳамчу тифлат мепарастӣ.

Пайваста кунам хидмат бароят,
Шабҳои маро чун ахтар астӣ.

Зебову хуш аст, боғу ҳавоят.
Орому фараҳбахш аст, фазоят.

Пайваста кунад Содиқ дуоят,
Чандину чунин дорад Худоят.

# ШЕЪРҲО ВА МАСНАВИЁТ

* * *

Наврӯз муборак бод, ҳар рӯз туро, эй дӯст.
Ҳар рӯз муборак бод, Наврӯз туро, эй дӯст.

Олам шудааст зебо, одам шудааст зебо,
Зебоӣ муборак бод, ҳар рӯз туро, эй дӯст.

Дур гашта хазон имрӯз, пир гашта ҷавон имрӯз,
Барноӣ муборак бод, ҳар рӯз туро, эй дӯст.

Сарсабз шудаст олам, хуррам шудаст одам,
Сарсабзӣ муборак бод, ҳар рӯз туро, эй дӯст.

Булбул шудааст гӯё, ошиқ шудааст шайдо,
Шайдоӣ муборак бод, ҳар рӯз туро, эй дӯст.

Хубон ҳама дар ханда, карда ҳамаро банда,
Дилварзӣ муборак бод, ҳар рӯз туро, эй дӯст.

Содиқ ғазал хонад, дар васфи иди Наврӯз,
Вассофӣ муборак бод, ҳар рӯз туро, эй дӯст.

* * *

Баландӣ ёфт шеъри дарӣ аз Рӯдакӣ.
Ки сад офарин бод, бар табъи баландаш.

Ширинтар шуд зи шеъраш лафзи дарӣ,
Ҳазор аҳсан бод, бар каломи чун қандаш.

Намуд бар мо роҳи росту мардонагӣ,
Пайамбарвор бо шеърҳои нобу пурпандаш.

Дили суханварону мулукон шуд ҳама,
Зи шеъру навои чангу нағма дар бандаш.

Чунон доди сухан дод, чу довари одил,
Мизони ақлу хиради чун ҳақ бегазандаш.

В-аро донанду хонанд мардуми олам,
Сари шоирону пири хирадмандаш.

Фузун буд в-аро эътибору сарвату ганҷ,
Зи хони Оли Сомону лутфи Худовандаш.

Ва боз ҳазору яксаду панҷоҳу чандин сол,
Бидоранд мардум гиромию арҷмандаш.

Бихону ба кор банд Содиқи Кашрӯдӣ,
Ғазалҳои Рӯдакиву панди судмандаш.

* * *

Ҳамчу Хуршеди дурахшон, гарм бош.
В-аз дуруштӣ дур бошу нарм бош.

Ақли доно мар туро ҷавшан бувад,
З-илму дониш роҳи ту равшан бувад.

Илму дониш мефизояд ақли ту,
Чира месозад туро бар ҳар адӯ.

Рӯза макшо ту ба хони нокасон,
З-он расад бар ҷону ҷоҳи ту зиён.

Он Худое дар дили мо роз кард,
Розҳоро баҳри мо ӯ боз кард.

Ваҳшу тайру мӯру мору дад ба ҳам,
Одамӣ бо одамӣ анбоз кард.

Шак макун бар зоти покаш, эй ҳариф,
Рост рав бо роҳи ӯ гарди шариф.

Дур шав аз худбину мағруру лаим,
З-он, ки ишонанд аз аҳли ҷаҳим.

Ҳар касе бошад, агар марди Худо,
Боядаш буд Содиқо, аз бад ҷудо.

* * *

Аҳли бад ё раб зи некон дур бод.
Номи шарру бад Худо дар гӯр бод.
Ҳар ки бад бошад чу бадҳо мекунад,
Бад на як ду балки садҳо мекунад.
Ҳар ки бад аст душмани некон бувад,
Дар қиёмат рондаи яздон бувад.
Ҳар ки бад аст зодаи шайтон бувад,
Дар маротиб пасттар аз ҳайвон бувад.
Ҳар ки бад бошад дилозорӣ кунад,
Чун даду чун дев мурдорӣ кунад.
Ҳар ки бад аст кори шайтон мекунад,
Хештанро дур зи раҳмон мекунад.
Аҳли некон рӯзу аҳли бад шабанд,
Рӯзу шаб бо ҳам куҷо мебиграванд.
Гар бувад ёри ту бад дар корҳо ,
Мебинӣ аз кори ӯ озорҳо.
Гар бувад ҳамроҳи ту бад дар сафар,
Нест ҷонат эмин аз хавфу хатар.
Нест оромӣ зи кораш дар ҷаҳон.
Мезанад бар кас чу дарди ногаҳон.
Ӯ худ аз феъли бади худ хастааст,
Ҳақ дари ҷаннат ба рӯяш бастааст.
Одами бад мисли гург аст дар масал,
Дар вуҷуди хастааш шӯру мағал.
Сӯи некон кори гургӣ мекунад,
Худ ҳақир асту бузургӣ мекунад.
Ҳамраҳии бад зи некон дур бод,
Рӯзгору кори бад ноҷӯр бод.
Эй Худовандо ту неконро биҳил,
Аҳли солеҳро зи толеҳон гусил.
Содиқи саргаштаро шав раҳнамо,
Мӯъминонро даст гир рӯзи ҷазо.

* * *

Ҷаҳонро гӯшае боғу чаманзор.
Чу дигар гӯшае бошад пур аз хор.

Ҷаҳони одамӣ низ ҳамчунин аст,
Ҳамин аст шеваи дунёи ғаддор.

Яке биншаста бо моҳе лаби ҷӯй,
Яке аз баҳри ноне дар такопӯй.

Яке бо ёри хуб дар айшу ишрат,
Дигар умри азиз бо ёри бадхӯй.

Гурӯҳи одамӣ хубу латифанд,
Гурӯҳи дигаре шарру касифанд.

Ки неконро бувад фардо биҳишт ҷо,
Касифонро бувад дӯзах саропо.

Яке одамсурат, сират чу ҳайвон,
Яке беаҳд, дигар боаҳду паймон.

Яке хурсанду шод аз кардаи хеш,
Дигар аз кардаи худ сад пушаймон.

Яке дур аз адаб монанди дев аст,
Ба мардум гоҳу ногаҳ дар ғирев аст.

Ҳамегардад ба мисли оташу бод,
Ки ин хук дар миёни одамизод.

Худовандо, макун ту бе имонам,
Мадеҳ бар дасти кофарҳо инонам.

Бикун лутфу карам бар Содиқи хеш,
Бифармо раҳ ба сӯи осмонам.

* * *

Душанбе, пойтахти тоҷикон аст.
Ки ӯро обу гил аз ломакон аст.
Чи гӯям васфи ин шаҳри дилоро,
Ҳамегӯям, ки бас зебо макон аст.
Макон аст, дар миёни кӯҳсорон,
Шариф аст, пойтахти тоҷикон аст.
Гиромитар аз ӯ шаҳре набошад,
Барои тоҷикон хуштар зи ҷон аст.
Касе, ки мекунад дар ӯ иқомат,
Яқин донад, ки дар боғи ҷинон аст.
Зи ҳар дороию сармояю суд,
Барои тоҷикон хубу гарон аст.
Дар ӯ зангию ҳиндую фарангӣ,
Дамодам муштарию меҳмон аст.
Агар хоҳӣ, ки дилварзӣ намоӣ,
Макони ошиқону гулрухон аст.
Хиёбонҳои зебою фарохаш,
Нишемангоҳи ҳар пиру ҷавон аст.
Биноҳои баланду барҳавояш,
Масокинро аҷаб хуш ошйон аст.
Ба мисли Салсабил, дарёи Варзоб,
Зи ҳар атрофу акнофаш равон аст.
Барои тоҷикони тоҷбарсар,
Зи обою ниёгонаш нишон аст.
Душанбе шаҳри базму шаҳри дилҳост,
Ки то бошад ҷаҳон, ӯ ҷовидон аст.
В-аро Содиқи боаҳду вафодор,
Зи ҷону дидаву дил посбон аст.

* * *

Дилбараки химчақади беқарор.
Ошиқакот дар раҳи ту интизор,

Шона занам хам-хами зулфони ту,
Сар биниҳам рӯяки харбуззазор.

Мисли шамолои ватан меравӣ,
Сӯи гулистону чаман меравӣ,

Бе ту дилам хаставу ҷон дар азоб,
Монда маро гулпираҳан меравӣ.

Роҳаки деҳи ту шудай лолазор,
Дурии ту карда маро беқарор,

Гирди диёри ту қадам мезанам,
Ман тани бемору, ту гӯё мазор.

Мардумаки чашми ту тири балост,
Захмаи ӯ бар тани ман бесадост,

Дар раҳи ишқи ту чунонам, чунон,
Шоҳи ту, эй маъшуқа, Содиқ гадост.

* * *

Моҳии гӯё, ба дарё меравӣ.
Оҳуи гӯё ба саҳро меравӣ.

Меравӣ, гоҳо қафо мебингарӣ,
Чашмаи гӯё, ба паҳно меравӣ.

Меравӣ, бо хеш моро мебарӣ,
Бо дили садреш моро мебарӣ.

Саҷдаҳо аз ёд рафт аз дасти ту,
Ту бутӣ, бе кеш моро мебарӣ.

Ҳар замон сад фирқа афсун мекунӣ,
Ранҷуру бемору дилхун мекунӣ.

Бо чунин ҳусну латофат, эй санам,
Оқибат моро ту Маҷнун мекунӣ.

Ту буто, оғозу анҷоми манӣ.
Ту шароби ноб бар ҷоми манӣ.

Гоҳ ҷонам медиҳӣ ранҷу азоб,
Гоҳ ҷоно, амну ороми манӣ.

Бо ту, эй дилбар надонам чун кунам.
То ба кай ин қалби худ пурхун кунам.

Шарти ишқу ошиқӣ набвад, нигор,
Меҳри ту аз сина гар берун кунам.

* * *

Шаби танҳоӣ дилам дар ғами ӯ.
Ҳамчу моҳии бурун аз дарё.

Метапиду мечаҳид бар ҳар сӯ,
Шояд мегуфт, ки, эй ёр биё.

Дили ман чун гули айёми баҳор,
Нимашаб ёде зи шабнам мекард.

Чарх мегашт чу чашмони хумор,
Ёди он ёр дамодам мекард.

Оҳу сад оҳ, аз ин сода дилам,
Ки зи ишқи саname обам кард.

Оҳу сад оҳ, кунун по ба гилам,
Ҳам ғамину сина бетобам кард.

* * *

Наврӯзи ҷавон омад.
Чун оби равон омад.
Бо накҳату ороиш,
Чун боди вазон омад.

Наврӯзи Аҷам омад.
Чун ҳашмати Ҷам омад.
Чу Исии ҷонпарвар,
Он неккадам омад.

Наврӯзи баҳор омад.
Бо савти ҳазор омад.
Имсол ба мулки мо,
Чун тозанигор омад .

Наврӯз наво орад.
Хушбоду ҳаво орад.
Бар оламу бар одам,
Пайғоми Худо орад.

* * *

Умр рафт, шоми ҷавонӣ тира шуд.
Нур андар чашмҳоям хира шуд.

Вақти пирӣ дар дили афгори ман,
Боз ишқи як нигоре чира шуд.

Боз чашмони маро сӯяш кашид,
Ишқи ӯ дар синаам чун гул дамид.

Лек нобигрифта ком аз шаҳди ӯ,
Аз канорам ҳамчу оҳуе рамид.

Аз лабонаш бӯса мехоҳад дилам,
Бар рухи монанди моҳаш моилам.

Рафт, аз пешам бибурд ин қалби реш,
Гашта акнун кӯчаву кӯ манзилам.

Ёди оғӯшу рухи озодааш,
Мекашад манро ба сӯи хонааш.

Мекунад махмуру мастам ҳар замон,
Бӯсаҳои лаъли ҳамчу бодааш.

Боз ишқаш мехурӯшад дар дилам,
Мавҷи ишқаш рӯду ман чун соҳилам.

Боз мехоҳам бубинам рӯи ӯ,
Рӯи чун моҳаш, ки бар ӯ моилам.

* * *

Меравам зи пешат, ёри ҷонона.
Меравам зи ҷаврат сӯи майхона.

Бо дили решу бо синаи пурхун,
Бо ҳазорон ғаму оҳи риндона.

Ман бодакашам зи ишқи ҷонона,
Ман соқиям ба маҳфилу майхона.

Ман толиби васли он рухи зебо,
Ман ташнаам, ташнаи паймона.

Меравам зи пеши ту, ҷонон,
Ба худо дигар маро махон.

Баъд аз ин наоям ба наздикат,
Мешавам ба хони ғайр меҳмон.

Ту саропо гулу ман хорам,
Дар пеши ту, ҷоно, гунаҳкорам.

Бубахшо маро, ки чунин ҳастам,
Аз азал сабуксору хатокорам.

Дилбастаи чашмҳои хуммором,
Ошиқам, саропо гунаҳкорам.

Ман ҷафои туро, эй маҳу хуршед,
То абад сазоворам, сазоворам.

* * *

Тани пурсӯзи ёр дар оғӯшам.
То ба субҳ чу мор тоб мехӯрд.

Лаби ман зи лабҳои гарми ӯ,
Чун ташнае зи чашма об мехӯрд.

Розу орзуҳои ниҳони в-аро,
Аз чашмони сиёҳаш мехондам.

Ғуссаҳои деринаи дилро,
Аз сари сина дур мерондам.

Дар миёни синаи чу хуршедаш,
Тарк мегуфтам ғами ҷаҳони пир.

Аз камони бахти лаззатбори хеш,
Мезадам ҳар замон ба сӯяш тир.

Лек он даври шодмонӣ рафт,
Рафт бо ӯ ҳама дунёи рангинам.

Ин замон бурун зи дарёи ишқаш,
Ташналаб ба соҳил марди ғамгинам.

* * *

Ҷон-падар, илму ҳунар додӣ маро.
Чун уқобон болу пар додӣ маро.
Дар ҷаҳони пурнабарду фитнаҳо,
Нусрату фатҳу зафар додӣ маро.

Ту чароғам ҳастӣ дар шабҳои тор.
Аз бадиҳо ҳастӣ ҷонамро ҳисор.
Рӯҳи ту пайғоми ту орад ба ман,
Ёди ту аз дил барад манро ғубор.

Роҳи ман ҳамвору пурнур кардаӣ.
Аз бадиҳо ҷони ман дур кардаӣ.
То гузар созам зи рӯди зиндагӣ,
Киштии ман созу дастур кардаӣ.

Ман нишонам аз ту, дар дунёи пир.
Авҷи ирфонам зи ту, бошад сафир.
Бар умеди он, ки бошам ростирав,
Ном кардӣ Содиқам, эй хушзамир.

* * *

Ба сарам аз рухи зебое.
Андӯҳу фикру ғам меборад.

Ба дилам аз нигоҳи масти ӯ,
Чу ба хирмане шарар меборад.

Мекунад бар синаам туғён,
Он рухи зебову бегона.

Мекашад манро ба сӯи хеш,
Не шинос аст, на хешу ҳамхона.

Он қади мавзуни ноошно.
Маҳви ошиқони шайдо аст.

Рафтану нигаристан ба қафо,
Мавҷи пурпечутоби дарё аст.

Он нигоҳи масту туркона.
Зад ханҷаре бар дили ғофил.

Сӯи саҳрои саргардониҳо,
Баст ба корвони дилам маҳмил.

Гармиҳои оташи ишқаш,
Сӯхт яксар ошёнамро.

Шӯълаҳои оташи рӯяш,
Мегудозад ҷисму ҷонамро.

Кош рӯзе қалби хоми ман,
Пухта гардад з-оташи ишқаш.

Кош чу чашмони ӯ ба кор ояд,
Баҳри тасхири дили сангаш.

* * *

Эй падар, сарчашмаи умрам туӣ.
Эй падар, пайроҳаи дурам туӣ.
Заҳмати дунё кашидӣ баҳри ман,
Кардӣ рахшон роҳи ман, нурам туӣ.

Панд мегуфтӣ бароям ҳар замон,
То шавам огаҳ зи асрори ҷаҳон.
Менамудӣ роҳи зисту зиндагӣ,
То зи шӯру шарри даҳр ёбам амон.

Пандҳои ту, падар, пири мананд,
Дар ҷаҳони пур зи шӯру фитнаҳо.
Рои ту дар зиндагонӣ, эй падар,
Мекунад роҳам дурахшу пурҷило.

Кардӣ падруди ҷаҳони бевафо,
Лек меҳрат дар дилам бинмуда ҷо.
Содиқам бар ҳурмату имони ту,
Чун ту Содиқ ном бинҳодӣ маро.

* * *

Рафт сармову расид фасли баҳор.
Фасли ишқу лолаву савти ҳазор.
Даст бар даст дода бо ҳам ошиқон,
Мекунанд дар кӯчаҳо гашту гузор.

Булбулон дар чаҳчаҳу гулҳо ба ноз.
Мурғакон парвоз дар шебу фароз.
Кабкҳо дар қаҳқаҳу болидагӣ,
Дил ба ёди ёр дар сӯзу гудоз.

Сабзпӯшу гул ба домон баҳру бар.
Нур пошанд дар замин шамсу қамар.
Дар само истора чун дилдодагон,
Мезанад чашмак ба гулҳо то саҳар.

Ошиқон аз баҳри ёри симбар.
Даста-даста мечинанд гулҳои тар.
Дар фазои кӯҳсорони баланд,
Мезананд, Содиқ, уқобон болу пар.

* * *

Дунё, ту пурасрору аҷаб зебой.
Дунё, ту пур аз пайраҳаву саҳрой.
Паҳнои ту бекарону пурганҷу зар аст,
Дунё, ту саросар дамону дарёӣ.

Дунё, ба дили ту бас чаман ҷо дорад.
Мардум зи туфайли ту ватанҳо дорад.
Зархез замину барзану даштҳоят,
Бӯстону гулу боғу суманҳо дорад.

Эҳсони ту бар халқи Худо бисёр аст.
Аз хайри ту хони мо ҳама файзбор аст.
Аз баҳри касе ту душману бадхоҳӣ,
Баҳри дигаре марҳаматат бисёр аст.

Дунё, ту азизиву ту бас ғамхорӣ.
Дунё, ту разиливу ту бас ғамборӣ.
Гоҳе ба дили боғу чаман ҷо бидиҳӣ,
Гоҳе ба дили дӯзахи сӯзон орӣ.

* * *

Эй рашки моҳу ҳур,
Дурам зи ту ман, дур.
Эй духтари зебо,
Бе ту танам ранҷур.

Эй ахтари танҳо.
Эй дурру марҷонҳо.
Эй кишвари ушшоқ,
Эй офати ҷонҳо.

Эй теғи бисмилҳо.
Эй зиллу зоилҳо.
Амвоҷи баҳру рӯд,
Ғоратгари дилҳо.

Эй ахтари шабҳо.
Эй хандаи лабҳо,
Андар хаёли ман,
Эй раббу ё рабҳо.

Эй ҷони ман бар тан.
Эй сарву эй савсан.
Эй аз нигоҳам дур,
Эй дар дилам маскан.

Сарву суман ҳастӣ.
Рашки чаман ҳастӣ.
Ҳам мушку ҳам атрӣ,
Ҳам настаран ҳастӣ.

Мисли баҳоронӣ.
Чун резаборонӣ.
Эй рӯди пурамвоҷ,
Баҳри хурӯшонӣ.

Нозат бинозам ман.
Бо ту бисозам ман.
Чун боди субҳгоҳӣ,
Мӯят навозам ман.

Эй маъшуқи Содиқ,
Эй бар ту ман ошиқ.
Эй олами асрор,
Эй бар ту ман лойиқ.

* * *

Лайло туӣ, Лайло туӣ.
Ғоратгари дилҳо туӣ.
Дар кишвари ишқу вафо,
Хушрангу бӯ гулҳо туӣ.

Ширин туӣ, Ширин туӣ,
Ҳам Моҳу ҳам Парвин туӣ.
Ҳам нозанин чун навниҳол,
Хушқадду хушсурин туӣ.

Зеби гулистонҳо туӣ,
Шамъи шабистонҳо туӣ.
Ҳам лолаву ҳам настаран,
Ҳам сарви бӯстонҳо туӣ.

Шаҳре зи ту афсона аст,
Халқе зи ту девона аст.
Содиқ аз баҳри висол,
Дар кӯи ту парвона аст.

* * *

Ало, эй ёри шайдоӣ.
Кучо рафтӣ, намеоӣ.
Зи дурият шудам дилгир,
Хазон гаштам зи раҳпоӣ.

Ту ахтарҳои шабҳоӣ.
Ту ахгарҳои дилҳоӣ.
Тани пурсӯзу сози ман,
Ба ҷон омад зи танҳоӣ.

Гаҳе чун мавҷи дарёӣ.
Гаҳе чун боди саҳроӣ.
Ки корам оқибат з-ишқат,
Кашад рӯзе ба расвоӣ.

Биё бо ту бишинам ман.
Биё рӯят бубинам ман.
Бигирам бӯса з-он лабҳо,
В-агар ҷоно, ҳазинам ман.

* * *

Охир чаро, эй нозанин.
Аз ман рабудӣ ақлу дин.
Сабру карорам бурдаӣ,
Боз о, ба чашмонам нишин.

Дунёи ишқат пургул аст.
Гесӯи ту чун сунбул аст.
Аз фитнаи чашмони ту,
Дилҳои мо дар ғулғул аст.

Дар мавҷи гулҳои рухат.
Мурғи дилам пар мезанад.
Гулсабзаҳои меҳри ту,
Аз синаам сар мезанад.

Охир чаро сарви қадат.
Нохун ба қалбам мезанад.
Сабру таҳаммул аз дилу,
Хоб аз чашмонам мебарад.

Парвардаам ишқат ба дил.
Афтодааст поям ба гил.
Сайри баҳори ман бикун,
Аз дурият гаштам хиҷил.

Ман Содиқам, эй гулбадан.
Ман ошиқам, эй ҷону тан.
Ман ошиқу муштоқи ту,
Эй оҳуи дашти Хутан.

* * *

Ашки чашмам мечакад шабҳо.
Шӯру талх чун талхии дунё.
Кас набошад дасти ман гирад,
Дар дами сели ғурбату ғамҳо.

Он манам дар кӯчаҳои ғам.
Ҳамчу ашки чашми худ ғалтон
Он манам ҳамчу барг дар тирамаҳ,
Гашта зарду музмару паррон.

Рафтаам дур аз канори сур.
Мекунам наззорааш аз дур.
Ман тассалӣ медиҳам худро,
Зиндагиам мешавад пурнур.

Кош рӯзе ин ғаму ҳасрат.
Тарк созад зиндагии ман.
Кош шодию нишоти даҳр,
Пеша созад бандагии ман.

* * *

Бандаи рӯи туам, эй нозанин.
Чокари кӯи туам, эй нозанин.
Хайма кардаст ишқи ту бар ҷони ман,
Дида бар сӯи туам, эй нозанин.

Ишқи ту бахшад маро девонагӣ.
Ҳусни ту бахшад маро фарзонагӣ.
Як нигоҳе бар мани уфтода кун,
Лутфи ту бахшад маро ҳамхонагӣ.

Ҳусни ту ғорат кунад офтобро.
Рӯи ту яғмо барад моҳтобро.
Чашмҳои масту шӯхат, эй нигор,
Мебаранд аз дидагонам хобро.

Ҷилваҳои қадди ту зебонигор.
Кард моро ғамнасибу дилфигор.
Як даме бо Содиқи шайдо нишин,
То дили шӯридаам гирад қарор.

* * *

Дар ишқи ту, эй рӯсадаф.
Умри азиз кардам талаф.
Панди падар нашнида ман,
Гаштам чу Маҷнун нохалаф.

Эй рӯи ту моҳтоби ман.
Истораву офтоби ман.
Шабҳо ба ёди васли ту,
Аз дида рафтаст хоби ман.

Пеш о, ки пазмонат шудам.
Шайдову ҳайронат шудам.
Дар чорсӯи зиндагӣ,
Ҷӯёву сарсонат шудам.

Ҷоно, ба ман раҳме бикун.
Дарди маро фаҳме бикун.
Дар роҳи ишқу ошиқӣ,
Эй гулбадан, саҳме бикун.

То ман биёбам зиндагӣ.
Ҳам ҳастиву поядагӣ.
Дастам бигиру бӯса деҳ,
То хезам аз афкандагӣ.

* * *

Баҳор омад, баҳорӣ кун, гули ман.
Ҳазор омад, ҳазорӣ кун, гули ман.
Ба пеши ёри худ хандону хушрӯ,
Бигир ҷому хуморӣ кун, гули ман.

Куҷо бошӣ зи ман бодо, дурудат.
Куҷо бошӣ зи ман бодо, сурудат.
Набитвонам, ки бе ёдат нишинам,
Чунон пайваста бар ман тору пудат.

Ҷаҳонеро ба худ шайдо кунӣ ту.
Ба қалби ҷумла худро ҷо кунӣ ту.
Агар кобӣ ҷаҳонеро саросар,
Куҷо чун Содиқе пайдо кунӣ ту.

* * *

Ҳар қадар ҳиммат туро бошад баланд.
Он қадар гардӣ азизу арҷманд.

Ҳар ки бошад дур зи эҳсону сахо,
Рӯй гардонад аз ӯ халқи Худо.

Қатъ бояд кард азми нобакор,
То нагирад мақсуди шумаш барор.

Ҳар ки шуд дур аз лаиму худпараст,
Дар ду олам з-оташи дӯзах бираст.

Ҳар киро аслу насаб гар ҳаст паст,
Дур шав аз ӯ нагираш ҳеҷ даст.

Ҳамраҳӣ бо мардумони шар хатост,
Дурӣ ҷӯ аз шар, ин роҳест рост.

Содиқо хуш бош, некӣ пеша кун.
Кори бадро теғ андар реша кун.

* * *

Ғазалҳоям мисоли чашмаҳоянд.
Ширину софу дилкаш ҷонфизоянд.
Кунанд сероб қалби ташнагонро,
Ба манзилҳои мақсуд мешитобанд.

Ғазалҳоям чу оби рӯдҳоянд.
Ба худ бар қалбҳо раҳ мекушоянд.
Буванд ошиқи ҳар дилдодаи назм,
Русуми бевафоиро надонанд.

Ғазалҳоям чу боди субҳгоҳон,
Вазанд бар хотири отири ёрон,
Диҳанд пайғоми ман чун қосиди нек,
Ба гулҳои чаман, бар андалебон.

Ғазалҳоям ҳама шаҳданду воло,
Ғазалҳоям ҳама лаъланду лоло.
Ғазалҳоям ба мисли кӯҳсорон,
Буванд доим побарҷою боло.

Ғазалҳоям ҳама суданду ҷонанд,
Ғазалҳоям ҳама рӯди равонанд.
Ғазалҳоям ҳама панданду андарз,
Ғазалҳоям ҳакимони ҷаҳонанд.

Гаҳе аз ишқу аз ошиқ бигӯянд,
Гаҳе роҳи вафодорӣ биҷӯянд.
Гаҳе гӯянд аз дунёи фонӣ,
Гаҳе роҳи дилу дилдор пӯянд.

Гаҳе ғамгин созанд қалби одам,
Гаҳе рангин созанд рӯи олам.
Гаҳе бар гардиш оранд қалби хомӯш,
Гаҳе аз ғам раҳонанд қалби пурғам.

Ғазалҳоям раҳи пурпечу тобанд,
Ғазалҳоям ба сад маънӣ китобанд.
Ғазалҳоям гулистонанду бӯстон,
Ғазалҳоям ҳама кори савобанд.

Ғазалҳоям баҳору навбаҳоранд.
Ғазалҳоям гулу савти ҳазоранд.
Кунанд васфи Худованду паямбар,
Ғазалҳоям ҳайоту рӯзгоранд.

Ғазалҳоям давоми мулки Ҷам аст.
Ғазалҳоям хату холу рақам аст.
Сухан кӯтоҳ кун Содиқ, ба васфаш,
Ғазалҳоям ҷаҳонро зеру бам аст.

* * *

Эй ҳамдами ҳурон, эй мӯъҷизи Яздон.
Эй олами ҳастӣ, ҷонбахши одамон.

Бе туст зиндагӣ, бе рангу бӯю нур,
Бо туст зиндагӣ, ишратгаҳи ҷаҳон.

Ту модариву зан, ту шамъи анҷуман,
Эй соғару бода, эй маҳфили хубон.

Эй ту баҳору боғ, эй шамъу, эй чароғ,
Парвона дар гирдат, шоҳону орифон.

Чун настаран зебо, чун сарв қад боло,
Эй роҳати ҷонҳо, мӯниси ушшоқон.

Хубтар зи хубтарҳо, беҳтар зи беҳтарҳо,
Зебо ба зебоӣ, аз сад гулу райҳон.

Эй чашмаи сурур, эй меҳру моҳу нур,
Эй олами рӯъё, эй шамсу ахтарон.

Боғи Ирам туӣ, Тӯбою қасру ҳур,
Эй олами рангин, эй боғи бехазон.

Эй чашмаи Замзам, эй оби Салсабил,
Эй Кавсари барин, эй Чашмаи Ҳайвон.

Эй пайрави Сино, эй ту дами Исо,
Ҷон бар тани одам, дармони беморон.

Дору давоӣ ту, обу ҳавоӣ ту,
Савту навоӣ ту, эй мутриби хушхон.

Чун ғунча зебоӣ, хубу дилороӣ,
Эй ҳамдами дилҳо, эй сабзаи бӯстон.

Ту чашмасороӣ, гул дар гулистонӣ,
Ғарқ аст ба чашмонат, сад Юсуфи Канъон.

Хонанд ба васфи ту, шеъру суруди хуш,
Ҳам шоиру ҳофиз, мутрибу муштоқон,

Аржанги Моно ту, хушрӯю барно ту,
Бе рӯи ту холист, тасвири рассомон.

Эй хони пурнеъмат, эй домани исмат,
Дунёи пурасрор, эй модари даврон.

Дунёи беканор, эй шӯълаю шарор,
Амвоҷи баҳру рӯд, эй ишқи ҷовидон.

Эй рӯи ту зебо, эй чашми ту шаҳло,
Эй офати ҷонҳо, эй гавҳару марҷон.

Кори ҷаҳон бо туст, бо назму бо низом,
Қонуну Сарқонун, Шоҳаншаҳи шоҳон.

Эй гулҷаҳону гул, эй шохаи сунбул,
Эй нағмаи булбул, эй боғи бехазон.

Эй чашмаи илҳом, эй аслу наслу ном,
Содиқ туро ошиқ, эй бонуи даврон.

* * *

Дини ман мастур дар кори ман аст.
Пардабардораш кирдори ман аст.

Ҷони моро чун намебинад адӯ,
Кору гуфтор аст, пайдоии ӯ.

Ҷон ба тан асту варо ҷустан хатост,
Ӯ дур аз чашм асту бо ақл ошност.

Дин чунин чун ҷон нопайдо бувад.
Он зи феъли одамӣ пайдо бувад.

Пас маҷӯ дар зоҳири кас дини ӯ,
Ҷустуҷӯяш кун дар ботини ӯ.

Ботини касро намебинад басар,
Пас ба гуфтору ба кирдораш нигар.

Одамӣ бо асли маънӣ зинда аст,
Чун нафаҳмад ин сухан оганда аст.

Содиқо, гар дори динро ҷустуҷӯ,
Ҷуз зи гуфтору зи кори кас маҷӯ.

* * *

Ай Худои ман, ошнои ман,
Рафти аз пешам, бевафои ман.

Ай ту ёри ман, кирдугори ман,
Дар раҳи дунё, тӯшадори ман.

Ман туро ёрам, бе ту беморам,
Дур зи лутфи ту, бекасу хорам.

Ай Худо, ай Худо, мӯнису ошно,
Дур марав аз ман, пеши ман боз о.

Ман забунам ман, синахунам ман,
Дур зи айшу нӯш, сарнагунам ман.

Бе ту ман хаста, кори ман баста,
Бо ман аст доим, қалби бишкаста.

Ту ҷаҳондорӣ, ту макун хорӣ,
Ман ба даргоҳат, мекунам зорӣ.

Ай баҳори ман, сабзазори ман,
Ай ба дашту кӯҳ, лолазори ман.

Содиқам бар ту, ошиқам бар ту,
Дасти манро гир, лоиқам бар ту.

* * *

Рӯй матоб аз мани баргашта бахт.
Шуд дили ман дар ғами ту лахт-лахт.

Чун напазири ғаму фарёди ман,
Ин дили ту з-оҳану фӯлод сахт.

Бар мани бечора ҷаҳон чун қафас,
Мулкати айшу тараб аст, бар ту бахт.

Некӣ ба кас кори савоб аст, басе,
Соя биафкан ба кас чун дарахт.

Кӯш ба ин хислати некӣ гаро,
Мақбули Ҳақ нест, касони карахт.

Тӯша бубардор ба худ аз савоб,
З-он ки туро ногузир аст, бори рахт

Васли ту бар Содиқ, агар шуд насиб,
Бар ту шавад торами аъло чу тахт.

* * *

Зиндагиро халқ гӯяд рӯзгор.
Ҳамчунин гӯянд мардум рӯзғор.

Ман бихонам шабкору рӯзкор,
Лек хубтар донадаш парвардигор.

Рост гӯянд ғор аст, ин зиндагӣ.
Мекашад дороиро бар коми худ.

Баҳри рӯзӣ одамиро рӯзу шаб,
Ҳамчу сайёде кашад бар доми худ.

Ғор гӯянд беғалат ғор аст, ӯ.
Мебарад дастранҷӣ одамро фурӯ.

Рӯзкораш низ гӯнд на хатост,
Чунки баҳраш кас шавад дар ҷустуҷӯ.

* * *

Аҳди ин беаҳди аҳди кор нест.
Коргар дар ин ҷаҳон даркор нест.

Хар ба саҳро ҷуфтасоз асту ҳарин,
З-он сақирлоташ ба зери бор нест.

Гар шикофи синаи марди хирад.
Дар дарунаш ҷуз ба захми хор нест.

Бехирадро кор дар дунёи дун,
Ҷуз лату кӯбу ғаму озор нест.

Ҳар ки дур аз заҳмати дунё бувад,
Содиқо, марди ба нангу ор нест.

## ҚИТЪАҲО

* * *

Ҷаҳд кун то набинӣ рӯи бад,
З-он, ки бад аст кофару муртад.
Некувон Юсуфи дар чоҳанд,
Аҳли бад гурги бадроҳанд.
Ту гарав бо каси доно,
Дурӣ ҷӯ з-аблаҳу коно.
Гар бувад аблаҳе ёрат,
Хуфта созад ҷони бедорат.
Бе сабаб, ту марав ҳар ҷо,
То набинӣ ишқи худ он ҷо.
Рост рав, лағву фаҳш магӯ,
То накоҳад мар туро обрӯ.

* * *

Беадабро адаб душмани ҷон аст.
Дуздро адлу шаръ зиндон аст.
Боадаб будан хӯи мардон аст.
Беадаб будан хӯи номардон аст.
Беадаб дар сират чу ҳайвон аст.
Гарчи дар сурат моҳи тобон аст.

* * *

Чунин аст расми сарои сипанҷ.
Гаҳе шод бошӣ аз ӯ, гаҳ ба ранҷ.
Ба некӣ гаро, в-аз бадиҳо баро,
Ки ҷонат шавад дур зи ҳар моҷаро.
Бад-ин шева яздон ҷаҳон офарид.
Ки бояд туро з-ин бадиҳо раҳид.

* * *

Занеро чаҳлу кина ёр бошад.
Зи феълаш шавҳараш бемор бошад.
Магӯ зан хирсу хуку дад бихонаш,
Зи пеши худ дигар чое биронаш.
Зани бад ҳар замон бо ту ситезад.
Туро дар оташи дӯзах бисӯзад.
Худоё дур кун, аз ёри бадхӯ.
Ки бадхӯ бегумон аст, тунду бадрӯ.

* * *

Кам намо дар пеши ман пардозу ноз.
Нест манро заррае бар ту ниёз.
Дур зи ширинию лаззат гаштаӣ,
Мисли оше нест к-андар ӯ пиёз.
Мар туро кӯтоҳ аст ақлу хирад,
З-он ки дорӣ мӯ чу думи хар дароз.

* * *

Мапӯш ораз зи ман чонон.
Марав аз ман маҳи тобон.
Ҳаёти ман мамоти ман,
Биё пешам садафдандон.
Ту Фирдавсӣ ту Тӯбоӣ,
Ҳамехоҳам туро чонон.

* * *

Мо ба хилватгоҳи худ боз омадем.
Сӯи сайде ҳамчу шаҳбоз омадем.
Тарки дурию фироқ афкандаем,
Сӯи ёри хеш дамсоз омадем.
Рози мо пӯшида буд аз дигарон,
Ин замон бе парда, бе роз омадем.

* * *

Дилу дидаю хаёлу хотирҳо,
Гарчи пур аз нигоҳи отирҳо.
Аз туам, эй диёри азиз,
Пур бувад бар ман ёди нодирҳо.
Ай туро дидани сангу хору хас,
Ҳаст маро ба сар ҳавову ҳавас.
Кӯҳу чамшмаҳою дарёят,
Дар ҷавонӣ маро буданд ҳамнафас.

* * *

Мири ошиқон бошам.
Ҷадди содиқон бошам.
Тири қалби хубонро,
Э кош нишон бошам.
Чун сарв шавам боло,
Чун дурр шавам лоло.
Чун кӯҳу маҳу хуршед,
Бошам ҳама дам барҷо.

## МАДОЕҲ

*Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Ҷаноби Олӣ, Мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон*

Ҳам шаҳонро шоҳӣ, ҳам мардони мард.
Дур бодо аз вуҷудат ранҷу дард.
Гарм бодо дил даруни синаат,
Қалби хасмат бод, андар сина сард.
Нагзарад аз гардиши айём ҳеҷ,
Қалби софатро ғубору чангу гард.
З-адлу инсофат ҳама дар офият,
Муҷтаҳиди роҳи ҳақ, эй шермард.
Мулки ту ободу халқат шоду хуш,
Дар баҳори гулфишон чун боғу вард.
Пурнишоту софу беғаш з-ин ҳама,
Зиндагонӣ чун самои лоҷуворд.
Бош хурсанду хушу фориғ зи ғам,
Ҳамчу фотеҳе ба шатранҷу ба нард.
Бод ҷовид номи ту андар ҷаҳон,
Эй шаҳи сулҳофарин, марди набард.
Иди Наврӯзат муборак, ҳам Баҳор,
Бод ҳар рӯзи ту ид, эй некфард.

Март 2010

* * *

Шаҳо, ҷонат поку дилат шод бод.
Зи ту дар ҷаҳон то абад ёд бод.
Туро пиру барно ҳама банда бод.
Ки хасмат ба пешат сарафканда бод.
Замона туро парварад бегазанд.
Шавад душманат музтару мустаманд.
Ба сӯи кушоиш туро роҳ бод.
Бадандеши ту дар таги чоҳ бод.
Дурахшон бодо маҳу ахтарат.
Ки тоҷи шаҳӣ то абад бар сарат.
Шуд аз корат кишвар чу хуррамбаҳор,
Зиҳӣ бар ту, эй номвар шаҳриёр.
Туро мардумат сарбаланд асту шод,
В-аз он шодӣ қалби туро шод бод.
Ба маҳфили ту мутрибу шоирон,
Ба рақс андар печида маҳпайкарон.
Ба маҷлисат ҷамъ гашта номоварон.
Ҳакимони ботадбиру кордон.
Туро тахту айвон ба Кайвон расад,
Ба ҷонат ҷон, аз Оби Ҳайвон расад.
Ки коратро суду самар моя бод,
Туро лутфи Яздон ҳаме доя бод.
Хирадманд додор ёри ту бод.
Мададгор дар кирду кори ту бод.
Бизӣ дар ҷаҳон хурраму шоду хуш,
Набошад ба васфат забонҳо хамӯш.
Чунон зӣ,эй шоҳи фаррухнажод,
Ба гетӣ бимонад зи ту адлу дод.
Муборак туро бод фасли Баҳор,
Ва Наврӯзи фархунда, эй тоҷдор.

Март 2011

* * *

Шоҳо, азизи ҳарду ҷаҳонат бинам.
Айшу тарабу нӯш ба комат бинам.
Ин давр туро чу бигзарад бар шоҳӣ,
Ду даври дигар шоҳӣ ба номат бинам.

Октябр 2006

* * *

Шоҳо, алами адолатат бод баланд.
Иқбол туро бод ҳамеша ба каманд.
Айшу тарабу нӯш туро бод мудом,
Аъдои ту сӯзад ба оташ чу сипанд.

Октябр 2009

## МАРСИЯҲО

Чархи бадкор шабе зад ба ҷонам ханҷар.
Бурд он додари ҷонамро ба дунёи дигар.

Ман надонам зи куҷову зи кӣ омад ин ҷавр,
Додарамро ба сару рӯ разилон зад табар.

Ба замин бурд ҳавою ҳавасу рафт зи даҳр,
Гашт беҷон зи теғи разилон болосар.

Дидагирёну парешону ғамину нолон,
Зи паяш зор бимонданд ҳамагӣ духту писар.

Чеҳрахандону хушу хуб будӣ, эй додар,
Такягоҳи дили маҳбуб будӣ, эй додар.

Чашми кӯри бахилон кину ҳасад кард туро,
Теғи кофар ба сару бозу шабе зад туро.

Канӣ он модари ҷон, дар ғами ту дод занад,
Мушту санг бар сару бар синаи ношод занад.

Ку падар, дар сари қабри ту даме нола кунад,
Оби чашми хеш дар ҳаҷри ту чун жола кунад.

Рафтӣ, аз рафтани ту синаи Содиқ хун шуд,
Ғаму андӯҳи ҷаҳон бар дили ман афзун шуд.

* * *

Санги бадгавҳар шикаст охир, бародар, ҷоми ту.
Рехт чархи дун заҳри зиндагӣ бар коми ту.

Қалбҳои одамон пур аст зи лавҳи орзу,
Лавҳаи санги мазори қалби ман шуд номи ту.

Рӯзи танҳоӣ мадид аст, шоми ҳиҷрон бас дароз,
Зуд поён рафт рӯзу зуд сияҳ шуд шоми ту.

Ман надонам ин чӣ асрорест дар ҳукми азал,
Нек омад аввалу бад шуд чаро анҷоми ту

Дӯстӣ бо ту накард толеъ, надонам баҳри чӣ,
Бахти саркаш душманӣ карду раҳид аз доми ту.

Ҷои сӯҳбатҳои рангину ширинат ин замон,
Аз мазорат мерасад бар гӯши ман пайғоми ту.

Дар намозу рӯза Содиқ, аз Худои меҳрубон,
Масъалат хоҳам, бародар, субҳу шом ороми ту.

* * *

Ёдгор аз ман дар ин мавзеъ ғами бисёр монд.
Бар тани пурхуни ман аз хасм сад озор монд.

Ормону орзу бар дил нуҳуфту захмҳо,
Бар сару гардан маро аз дашнаи хунхор монд.

Чун Алӣ таҳмил кардам теғи номардон ба сар,
Мурғи шаб то рӯз аз фарёди ман бедор монд.

Баҳри имдод аз бародарҳо шаби ҷумъа зи ман,
Доду фарёди ҷаҳонсӯз дар сари бозор монд.

Байни осмону замини ин ҷаҳони фитнабор,
Хубӣ аз ман, ҷоҳилӣ аз қотилон осор монд.

Гурги малъун дар қиёфи одамӣ ҷонам рабуд,
Аз тапидан дил даруни синаам ночор монд.

Макри душман канд бунёди ҷавониям зи бех,
Сад дареғо, умри ширин рафту нотакрор монд.

Ай Худованд, нолаву фарёди ман нашнидӣ ту,
Ҳасрату армони ман дар гӯри тангу тор монд.

Рафт, Содиқ, нозири мавзеъ – фарзанди падар,
Тартибу инсофу адлу дод ноҳамвор монд.

* * *

Биё, эй чашм, бар аҳволи зори хештан гирям.
Ҷудо аз рӯи ёру дӯст дар кӯҳу даман гирям.

Фалак ин рӯзгори ман намуд монанди шаб торик,
Ба ҳоли зиндагии нобакоми хештан гирям.

Бародар чун Алӣ теғи адӯ таҳмил намуд бар сар,
Ба ҳоли ин шаҳиди ғарқаи хун дар кафан гирям.

Ба ёди додари ширин, ки аз пешам бирафт як умр,
Чу Яъқуб дар фироқи Юсуфи дур аз Ватан гирям.

Чашида ҷоми марг дар Карбало аз теғи кофарҳо,
Ба он сарҳои дар фитроки зин дур аз бадан гирям.

Расад захми замона бар накӯрӯёну хушхӯён,
Зи дасти ҳусни худ чун Юсуфи гулпираҳан гирям.

Мудом аз ҷаври ин дунёи дун Содиқи дилхаста,
Ки чун парвона бар гирди чароғи анҷуман гирям.

## РУБОӢ ВА ДУБАЙТӢ

Ин даҳр хароботи муғон мебинам.
Саргашта дар он пиру ҷавон мебинам.
Аз баҳри талоши нону обу оташ,
Ин умри азиз ройгон мебинам.

Дил дар бару лек, дур аз бар дорам.
Дунболаи дил ба ҳар раҳу бозорам.
Гоҳе паи бонувону гаҳ сӯи шароб,
Дардо, аламо, зи дасти дил беморам.

Он мурғи биҳиштӣ дом бар дӯшам кард.
Бо ҷилваю нози хеш мадҳушам кард.
Чун дид асири ишқи хомаш гаштам,
Бо ғайр бипайвасту фаромӯшам кард.

Номард, чаро теғ кашидӣ ба сари ман.
Кардӣ ту ятим духтаракону писари ман.
Дилреш бародар зи ғами ман ба дами ҳашр,
Ноҷӯр намудӣ рӯҳи модар, падари ман.

Дардо, аламо, дида пуробем, дареғ.
Аз ҷаври фалак сина кабобем, дареғ.
Дар рӯи замин ману ту дар зери замин,
Фарзанди падар зи ҳам ҷудоем, дареғ.

Эй дӯст, сари мор ба по бояд кӯфт.
Хору хаси душманон зи ҷо бояд рӯфт.
Чашм аз дидори нокасон бояд баст,
Ду дида ба роҳи дӯстон бояд дӯхт.

Дар ғуссаи ёру дӯстон бояд сӯхт.
Ин шева зи шамъи шаб бибояд омӯхт.
Фарзанди вафодори замон бояд буд,
Шамъи дили рафтагон бибояд афрӯхт.

Эй абри баҳори рафта, боз омадаӣ.
Бо ғулғулаву сӯзу гудоз омадаӣ.
Баҳри дили булбул,эй гули тозаву тар,
Монандаи ёри ман ба ноз омадаӣ.

Эй дил, бари дилбар ба ниёз омадаӣ.
Дар базми нигор ба чангу соз омадаӣ.
Чун оби зулоли рӯди шӯхи кӯҳӣ,
Аз роҳи дуру шебу фароз омадаӣ.

Эй дӯст, тариқи дӯстӣ роҳи ту бод.
Бадкину бадандеши ту дар чоҳи ту бод.
Ошуфтахавотирон дуогӯи туанд,
Хотирхушиҳо ҳамеша ҳамроҳи ту бод.

Аз ғамкадаи замона ғам бояд хӯрд.
Аз рӯзии гетӣ бешу кам бояд хӯрд.
Лаззат надиҳад ба кас майи марди хасис,
З-ин рӯ майи мардони карам бояд хӯрд.

Эй дил,тариқи ишқ зи парвона биёмӯз.
Бахшидани сармастӣ зи паймона биёмӯз.
Гар хоҳӣ, ки фориғ зиҳӣ аз ташвиши дунё,
Зистан зи хирадманду зи девона биёмӯз.

Эй дӯст, тамошои ҷаҳон мехохам.
Шодиву нишоти дӯстон мехоҳам
Ахтарсифат аст, оразй гулдухтари раз,
З-ин рӯ дурахши ахтарон мехоҳам.

Ман сояи бед, оби равон мехоҳам.
Тан пир шуду умри ҷавон мехоҳам,
Дар ҳавзи калон шикори мурғобӣ хуш аст,
З-ин рӯ ба даст тиру камон мехоҳам.

Умр даргузар аст, боди вазон мехоҳам.
Дарёдиламу баҳри дамон мехоҳам.
Ин даҳр муроди дили одам бошад,
З-ин рӯ муроди одамон мехоҳам.

Савдозадаям, шӯри ҷаҳон мехоҳам.
Асрори дили хеш ниҳон мехоҳам.
Бемеҳрии ин замона афгорам кард,
Як ёраки хуби меҳрубон мехоҳам.

Ман неккасам, неккасон мехоҳам.
Хайёмсифат, оби разон мехоҳам.
Зебосанаме хиромиши кабк дорад,
Мижгони варо ба дил синон мехоҳам.

Дар пуштаву кӯҳ сайди давон мехоҳам.
Дар дашту даман оби равон мехохам.
Эй дӯст, ҷавонаму ҳамехоҳам зист,
Аз тири аҷал ба ҷон амон мехоҳам.

Ман одамаму бақои ҷон мехоҳам.
Дурӣ зи ғаму ранҷи замон мехоҳам.
Обу гили ман зи ҷӯю пастӣ набувад,
Дар синаи баҳру кӯҳ макон мехоҳам.

Оташдиламу зи суғд нишон мехоҳам.
Асрори ҷаҳон ҳама аён мехоҳам.
Чун Ҳофизу Хайём дар ин дайри куҳан,
Дар даст шароби арғувон мехоҳам.

Ман хандаву рақси духтарон мехоҳам.
Дар халқаи бонувон макон мехоҳам,
Доғест маро ба дил зи ишқи санаме,
Он чи ба дили ман аст, он мехоҳам.

Раҳгумзадаи абри баҳоронам ман.
Дар рӯи замин сабзаи боронам ман.
Навмед наям зи лутфу эҳсони Худо,
Паймонаи пур зи меҳри ёронам ман.

Дар кӯҳу дара зи деҳамон дур будам.
Аз шамси ҷаҳонфурӯз яке нур будам.
Дар каш китобу дар миён пораи нон,
Аз пушти рама равону раҳдур будам.

Аз гардиши даҳр гоҳ хандонам ман.
Гоҳе зи кажии ӯ ситамҷонам ман.
Бозии ману чу ман чаро шеваи ӯст,
Дар фаҳмиши сирри даҳр нодонам ман.

Эй даҳр, харобиву харобам кардӣ.
Дар хони хасон ҳамчу кабобам кардӣ.
Аз ғуссаву ташвишу ситамҳот маро,
Нолону ғамин мисли рубобам кардӣ.

Аз ҷаври ту, эй фалак, дили ман танг аст.
Чун пайраҳа пешонии ман ожанг аст.
Аз фитнаву аз макри ту, эй даҳри дудар,
Ҳатто, ки падар бо писаре дар ҷанг аст.

Дар олами ошиқӣ дилеро дарёб.
Дар боғи замона як гулеро дарёб.
Аз баҳри гузар кардани рӯди ду ҷаҳон,
Ҳамвору дурусту рост пулеро дарёб.

Ин кӯҳна ҷаҳон ҷои хару говон аст.
Ганҷу зари ӯ хазинаи морон аст.
Зинҳор машав ғарра ба тимори ҷаҳон,
К-ин дашту даман ҷумла раҳи девон аст.

Дидори хубон тарабфизо хоҳад буд.
Лабханди бутон ба тан ғизо хоҳад буд.
Зинҳор машин ба сӯҳбати аҳли касиф,
К-он бар тани одамӣ ҷазо хоҳад буд.

Имрӯз дилам зи рӯи дилдода хуш аст.
Табъам зи гулу зи лаззати бода хуш аст.
Як даст ба май, дигар ба домони нигор,
Ҷони ман аз ин бахти Худодода хуш аст.

Эй дӯст, ба кӯйи дил сафар бояд кард.
Бар ёр зи ҳоли худ хабар бояд кард.
Гар чарх нахоҳад ба муродат бирасӣ,
Дар рӯйи замин чархи дигар бояд кард.

Савдои сари зулфи ту сарсонам кард.
Офтоби рухи ту сӯхта беҷонам кард.
Чашмони чу чашми оҳую сарви қадат,
Тороҷи дилу ғорати имонам кард.

Арӯсу шаҳ ба ҳам ёранд имшаб.
Ба ҳам мӯнису ғамхоранд имшаб.
Муроди ҳар ду буд майхонаи ишқ,
К-аз ин майхона, майхоранд имшаб.

Ин ҷо падарону модарон омадаанд.
Бар тӯю сури ин ду ҷавон омадаанд.
Чун фасли баҳор тозаю тар хоҳаракон,
Гулдодаракону дӯстон омадаанд.

Дӯстони беҳ зи ҷисму ҷони мо.
Ҷамъ ойед гирди дастурхони мо.
Интизорем, мо шуморо, интизор,
Марҳабо бар тӯйи фарзандони мо.

Арӯсу шаҳ ба ҳам ғамхор бошед.
Ба ҳам мӯнису беозор бошед.
Хушиҳои ҷаҳон бар коматон бод,
Ки то умр аст, бо ҳам йор бошед.

Дар кишвари тан фасли баҳор аст имшаб.
Дар боғи дилам савти ҳазор аст имшаб.
Дар маркаби худ бахт савор аст имшаб.
Андар бағалам химчанигор аст имшаб.

Мурғи дилам дар талабат дар садост.
Боғу гулистону баҳорат куҷост.
Ёр биёву ба барам ҷилва кун,
Ҷумла ҷаҳон дар пайи нашъу намост.

Лабатро бӯсидам чун нони гарм аст.
Саропо хулқу хӯят пур зи шарм аст.
Миёни синаҳоят сар ниҳодам,
Ба мисли болини пар хубу нарм аст.

Манам фасли хазону ту баҳорӣ.
Пиёда ман зи бахту ту саворӣ.
Куҷо рӯ оварам он ҷо касе нест,
Тани танҳо манам, ту бо ҳазорӣ.

Эй турки самарқандӣ, ту қанду шакарӣ.
Рӯҳбахш маро ба мисли боди саҳарӣ.
Ҳусни ту маро ба доми худ кард асир,
Ман, дӯст туро дораму ту бехабарӣ.

Об аз ту хирому ноз омӯхтааст.
Оҳу ба ҷамоли ту нигаҳ дӯхтааст.
Аз ҳаҷри висоли рӯи ту Содиқи зор,
Парвонасифат ба гирди шамъ сӯхтааст.

Бе рӯи ту Фирдавс на ҷоест равам.
Марва ва Сафо на бе ту кӯест давам.
Ҳар ҷо ки туву номи ту он ҷо набувад,
Кӯшам санамо, ки бар чунин ҷо наравам.

Эй, ки аз ҳусни Худо даст ба ҷоме дорӣ.
Сад чу ман чокару ошиқу ғуломе дорӣ.
Мезанӣ таъна ба истораю хуршеду фалак,
Дар ҷаҳон моҳсифат олӣ мақоме дорӣ.

Ту эй сарви равон, оби ҳаётӣ.
Ту эй гулбарги тар, оби наботӣ.
Парии боғи Фирдавсӣ дар олам,
Ту боис ҷумларо дар маҳву мотӣ.

Макун бо ҷаҳлу пастӣ созгорӣ.
Ки ин ҳар ду биёрад бар ту хорӣ.
Ва ҳам ғарра машав бо молу ҷоҳе,
Ки молу ҷоҳ бошад мисли коҳе.

Канори рӯд мерафтам шабонгоҳ.
Назар кардам яке бар кавкабу моҳ.
Ҳамегуфтанд аз он доим ба ҷоем,
Ки шаб то рӯз дар зикри Худоем.

Аз ҳасудон чашми некӣ банд,
Чун бувад каждумро табъи газанд.
Сӯҳбати ноаҳл зиён орад,
Хастагӣ бар тану равон орад.

Чу бахту молу давлат бар ту шуд ёр.
Бияндеш аз кажии чархи даввор.
Тавозӯъ кун, макун гарданфарозӣ,
Ки то ҷони азизи худ набозӣ.

Агар мирӣ ва ё шоҳу вазирӣ.
Бидон, ки оқибат рӯзе бимирӣ.
Аз ин сармояю аз моли дунё,
Ба ҷуз аз як кафан чизе нагирӣ.

Раъият гӯсфанду шаҳ шубон аст.
Раъият давлату шаҳ посбон аст.
Раъият гар бидид аз шаҳ табоҳӣ,
Намонад тахту тоҷи подшоҳӣ.

Ҳар қадар ҳиммат туро бошад баланд.
Он қадар гардӣ азизу арҷманд.
Ҳар ки бошад дур зи эҳсону сахо,
Рӯй гардонанд аз ӯ халқи Худо.

Қатъ бояд кард азми нобакор.
То нагирад мақсади шумаш барор.
Ҳар ки дур шуд аз лаиму худпараст,
Дар ду олам з-оташи дӯзах бираст.

Ҳар киро аслу насаб гар ҳаст паст.
Дур бош аз ӯ, нагираш ҳеҷ даст.
Ҳамраҳӣ бо одамони шар хатост,
Чун нашуд ҳамраҳ надими анбиёст.

Дар ҳунар кӯш, ҳунар болу пар аст.
Одами беҳунар бе симу зар аст.
Беҳунар бошад тиҳидасту ҳақир,
Дил бари марди ҳунар баҳру бар аст.

Дар ҳунар кӯш, ҳунар симу зар аст.
Одами соҳибҳунар тоҷи сар аст.
Равшанӣ бахшад роҳатро ҳунар,
Беҳунар беиззату дарбадар аст.

Рӯзгор обод бошад бо ҳунар.
Одамӣ озод бошад бо ҳунар.
Мард дар саҳни ҳаёту зиндагӣ,
Сарбаланду шод бошад бо ҳунар.

Ҳунар омӯз, эй ҷонона фарзанд.
Ҳунар орад туро берун зи ҳар банд.
Раҳи дигар бимону гир ин роҳ,
Намояд мар туро бо ҳастӣ пайванд.

Ҳунар монанди пурмева дарахт аст.
Ҳунар бар одамон якумра бахт аст.
Бишав соҳибҳунар то метавонӣ,
Ҳунар тиру камону тоҷу тахт аст.

Худоҷонам, ҷавонам, рӯзи хуш деҳ.
Худоҷонам, ҷунунам, ақлу ҳуш деҳ.
Кушо бар ман дари алтофу эҳсон,
Худоҷонам, маро савту суруш деҳ.

Касеро меҳнату ранҷу алам бин.
Касеро коғазу хатту қалам бин.
Касе баҳри лаби нон аст, сарсон,
Касеро дидаву дил пур зи ғам бин.

Яке сӯи кушоишҳо равон аст.
Якеро дил пайи дунё давон аст.
Яке афтода дар роҳи пур аз гил,
Якеро тӯшаи роҳаш гарон аст.

Мардони дур аз ҳақ шаётину шаранд.
Беақлу тамиз мисоли хӯтуку харанд.
Кӯранд, агарчи чашми бино доранд,
Ҳарчанд самеъанд, валекин, чу каранд.

Зиндагӣ дар ҳараме сӯхтану сохтан аст.
Ишқ варзидану дил додану ҷон бохтан аст.
Ҳеҷ донӣ ҳадаф аз зиндагӣ дар олам чист,
Парчами хеш ба афлок барафрохтан аст.

Ғамгин машав кори ҷаҳон даргузар аст.
Назораи гулзори ҷаҳон як назар аст.
Ҳар кас, ки надонад ину ҷонбозӣ кунад,
Аз сирри ҷаҳони гузарон бехабар аст.

Бар даъвати ёри хуб садо бояд кард.
Ҳар ҷо зӣ паяш зикри дуъо бояд кард.
Хоҳӣ, ки туро мӯнису ғамхор шавад,
Дар синаю дилу дида ҷо бояд кард.

Ба номи Худои ҷаҳонофарин.
Худованди кавну макон офарин.
Худованде олам ба фармони ӯст,
Сари сарфарозон ба чавгони ӯст.

Ба номи Худои замину замон.
Худованди ҳар ошкору ниҳон.
Худованди ҷону Худованди меҳр,
Худованди гарданда гардунспеҳр.

Эй кош чу тифлакон зи айб пок будам.
Эй кош накӯи ҷумла афлок будам.
Нӯшанда зи оби зиндагонӣ чу Хизир,
Бахшанда даво ба мисли тарйок будам.

Чу ҷисм аст миллат, забон ҷони ӯ,
Куҷо ҷисми беҷон кунад гуфтугӯ.
Забон даст, сухан ханҷари обдор,
Ки ханҷар, бе даст найояд ба кор.

Замона гоҳ нӯш медиҳадам, гоҳ неш.
Гаҳе шод созадам дил, гоҳ реш.
Гаҳе хонадам ба худ чун ёри нек,
Гаҳе ронадам чу ёри бад аз хеш.

Зи некон бошу кӯш андар накӯӣ.
В-агарна худ ба ҷони худ адӯӣ.
Магӯ бад з-он, ки аз бад хорӣ ояд,
Ки аз тухмаш ба кас беморӣ ояд.

Шоир набувад ҳар он, ки ӯ бе алам аст.
Мағруру ҳавобаланду бе дарду ғам аст.
Чун нест чунину шеър эҷод кунад,
Гар пир шавад ҳанӯз ҳам навқалам аст.

Дидани ҷамоли дӯст, хуб аст.
Ҳамчу нодидани дидори хасм.
Ҷаври шоҳиди хубрӯи нофармон,
Беҳ зи нози пирзани бедандон.

Андар талаби марди Худо мегардам.
Аз сифлаю нокасон ҷудо мегардам.
Ман марди ҳақам, дар талаби роҳи ҳақам,
Ман зоди Худоям, ба Худо мегардам.

Эй баҳорон, обшорон додаӣ.
Лолаю гул, сабзазорон додаӣ.
Борҳо бо дасти ман, бар ёри ман,
Дастагулҳо, сад ҳазорон додаӣ.

Бо ризои Эзиди якто.
Имтиҳонам мекунанд фардо.
Мекашандам то дари дӯзах,
Ё ба зери сояи Тӯбо.

Эй ту моро ҳам маю майхонаӣ.
Эй ту моро ҷому ҳам паймонаӣ.
Ҷуз ту моро дилбару дилдор нест,
Эй ту моро ҷону ҳам ҷононаӣ.

Одамам ман, аз Худоям ман.
Лек аз ӯ ман, ҷудоям ман.
Гоҳ шодам дар замини ӯ,
Гоҳ дар ранҷу аноям ман.

Дар ҳалқаи мардони Худо бояд буд.
Аз шарру касифу бад ҷудо бояд буд.
Ҳарчанд, ки ғам бинию шодию тараб,
В-аз зиндагии хеш ризо бояд буд.

Мӯи ту ба сони зулмати шаб сиёҳ.
Рӯи ту ба сони чеҳраи моҳ сафед.
Қадди ту ба сони сарв болою саҳӣ,
Пайваста маро бувад ба сӯи ту нигоҳ.

Ҳарчанд, ки шоду навҷавонем ҳама.
Чун фасли баҳор гулфишонем ҳама.
Афсӯс, ки ин ҳама надорад бақо,
Чун оқибати кор хазонем ҳама.

Ту эй дилбар, маро рафтӣ зи оғӯш.
Чаро кардӣ чу ман ёре фаромӯш.
Машав дур аз ману боз о ба пешам,
Зи ҷоми ошиқи худ бода менӯш.

Ту рафтию хазон шуд боғи ишқам.
Дигар шуд рӯзгору сарнавиштам.
Чунон бо ту будам дар айшу ишрат,
Куҷо шуд он ҳама боғу биҳиштам.

Гар савобе будӣ он шоҳи хубон дод кунад.
Гоҳ, гоҳе зи мани сӯхтадил ёд кунад.
Ё саломе бифиристад ё дуое бикунад,
Ё ба як бӯса дили ғамгини мо шод кунад.

Саҷҷодаи ман, ёри азиз, рӯи ту бошад.
Меҳроби дуоям хами абрӯи ту бошад.
Ман дар талаби Каъба ба ҷое наравам ҳеҷ,
Зеро, ки маро Каъбаи дил кӯи ту бошад.

Хандаи ту зи лаби ғунчаи во меҷӯям.
Атри мӯят зи дами боди сабо меҷӯям.
То ту рафтӣ зи барам, эй гули Фирдавси барин,
Ҳамчу Одам дар Арофот Ҳаво меҷӯям.

Зулфи печони ту мор аст, дар назар.
Бегумон бар одамӣ дорад хатар.
Мезанад бар ҷисму бар ҷон бесадо.
Алҳазар аз тоби зулфат, алҳазар.

Савдозадаи ишқи бутонем ҳама.
Андар талаби васли хубонем ҳама.
Дар роҳи висолу ишқи ҷононаи худ,
Афтода зи по, рӯди равонем ҳама.

Эй бод, ҳадиси зулфи ёрам кардӣ.
Эй бода, ту ташвиши хуморам кардӣ.
Эй бӯсаи ширин чу шакар аз лаби ёр,
Бесабру шикебу беқарорам кардӣ.

Афсӯс, ки некону ҳакимон ҳама рафтанд.
Жӯлида ба ғам зору парешон ҳама рафтанд.
Содиқ, манишин ғофилу асбоби сафар кун,
З-ин боғ гулу сарву ҳазорон ҳама рафтанд.

Маҷнунсифатон ба сайри кӯҳу даманд.
Лайлисифатон ба сайри боғу чаманд.
Ашроф ҳама дар пайи айшанду тараб,
Соликсифатон дур аз ватан дарбадаранд.

Шабҳои баҳорӣ ёди борон кардам.
Ҳангоми сабӯҳӣ ёди ёрон кардам.
Ҳар гоҳ хумори бӯса омад ба лабам,
Ёд аз лаби лаъли гулъузорон кардам.

Шоҳо, алами адолатат бод баланд.
Иқбол туро бод ҳамеша ба каманд.
Айшу тарабу нӯш туро бод мудом,
Аъдои ту сӯзад ба оташ чу сипанд.

Ёд аз туву аз рухи чу гул содаи ту.
Ёд аз туву аз пайкари озодаи ту.
Ёд аз туву аз лабони чун бодаи ту,
Ёд аз туву аз бӯсаи нододаи ту.

Замона гаҳе созаду гоҳ сӯзад.
Тану ҷони ман, ин Чингизи бедод.
Гузаштам зи ҷаҳону шодии ӯ,
Задам пушти по, ҳарчи бодо бод.

Тарсам, ки ҷаҳон бадин сифат мемонад.
Қатъияти ин фақат Худо медонад.
Уқбою ахират намедонад кас,
Ин ҳарфи муаммост, ки кас мехонад.

Эй ғунчаи наврустаи айёми баҳор.
В-эй бодаю сабзаю гулу мушки татор.
Эй мӯъҷизаи олами қудси ба замин,
Ишқи ту ба ҷонам шуда, чун турна қатор.

Бар ту дилу дидаю тану ҷон асир.
Ҳам зевару лаълу дурру марҷон асир.
Афтода ба доми ту ҳама деву парӣ,
Ҳам Содиқи бечораи нодон асир.

Имрӯз ба сӯям чу баҳор омадаӣ.
Дар саҳни чаман чу сабзазор омадаӣ.
Ту бодаи арғавону ман ташнаи ту,
Андар пайи бишкасти хумор омадаӣ.

Осмони дилам ситоразор аст, имшаб.
Бар дӯш маро ду соқи ёр аст, имшаб.
Имшаб надонам, ки чи кор аст, имшаб.
Донам, ки маро кор шикор аст, имшаб.

Худо офарид туро чунин дилписанд.
Ки ишқат ба ҷону дили ман фиканд.
Чу меше ба банд равонам зи думболат,
Надонам чи сон вораҳам з – ин банд.

Кӯр бодо хасми ман, ҳам хасми ту.
З-он, ки ҳастанд ину он бар мо адӯ.
Чун бимиранд, афкананд дар зери хок,
Бе ҷаноза, бе кафан, бе шусту шӯ.

Хандаи ту зи лаби ғунчаи во меҷӯям.
Атри мӯят зи дами боди сабо меҷӯям.
То ту рафтӣ зи барам, эй гули Фирдавси барин,
Ҳамчу Одам ба Арофот Ҳаво меҷӯям.

Зулфи печони ту мор аст, дар назар.
Бегумон бар одамӣ дорад хатар.
Мезанад бар ҷисму бар ҷон бесадо.
Алҳазар аз тоби зулфат, алҳазар.

Савдозадаи ишқи бутонем ҳама.
Андар талаби васли хубонем ҳама.
Дар роҳи висолу ишқи ҷононаи худ,
Чун рӯд сарозер равонем ҳама.

Маҷнунсифатон ба сайри кӯҳу дамананд.
Лайлисифатон ба сайри боғу чамананд.
Ашроф ҳама дар пайи айшанду тараб,
Соликсифатон дур аз ватан дарбадаранд.

Монанди Юсуф азизу зебо бошӣ.
Чун даври фалак ҳамеша барҷо бошӣ.
Имрӯз ба гулрухон дар боғи Ирам,
Фардо ба ҳурон ба зери Тӯбо бошӣ.

Эй дӯст, ҳамеша хушмаромат бинам.
Дур аз ҳасаду кину ғиромат бинам.
Фориғ зи ташвиши ҷаҳони гузарон,
Дар ёди бутони хушхиромат бинам.

Мӯи ту ба сони зулмати шаб сиёҳ.
Рӯи ту ба сони чеҳраи моҳ сафед.
Қадди ту ба сони сарв болою саҳӣ,
Пайваста маро бувад ба сӯи ту нигоҳ.

Ҳарчанд азизу шодмонем ҳама.
Чун фасли баҳор гулфишонем ҳама.
Афсӯс, ки ин ҳама надорад бақо,
Чун оқибати кор хазонем ҳама.

Ту эй дилбар, маро рафти зи оғуш.
Чаро кардӣ чу ман ёре фаромӯш.
Машав дур аз ману боз о ба пешам,
Зи ҷоми ошиқи худ бода менӯш.

Ту рафтию хазон шуд боғи ишқам.
Дигар шуд рӯзгору сарнавиштам.
Чунон бо ту будам дар айшу ишрат,
Куҷо шуд он ҳама боғу биҳиштам.

Саҷҷодаи ман ёри азиз рӯи ту бошад.
Меҳроби дуоям хами абрӯи ту бошад.
Ман дар талаби Каъба ба ҷое наравам ҳеҷ,
Зеро, ки маро Каъбаи дил кӯи ту бошад.

Дар вақти пирӣ писар асо хоҳад буд.
Гар бад бувад ранҷу ано хоҳад буд.
Оғӯши хубону ҷуръаи оби разон,
Дармони Сино, дами Исо хоҳад буд.

Ғамгин машав кори ҷаҳон даргузар аст.
Назораи гулзори ҷаҳон як назар аст.
Ҳар кас, ки надонад ину ҷонбозӣ кунад,
Аз сирри ҷаҳони гузарон бехабар аст.

Бар даъвати ёри хуб садо бояд кард.
Ҳар ҷо зӣ паяш зикри дуъо бояд кард.
Хоҳӣ, ки туро мӯнису ғамхор шавад,
Дар синаю дилу дида ҷо бояд кард.

Зинда бош, эй Хизри рӯҳу роҳи ман.
Эй ба ҳар манзилу кӯ ҳамроҳи ман.
Ман гадои кӯю рӯят гаштаам,
Як назар кун бар гадо, эй шоҳи ман.

Иблисе созад фаромӯши Худо.
Гар шавад фориғ аз ҷабру ҷафо.
Боз афтад гар ба чоҳи нобудӣ,
Мешавад ҷӯёи алтофи Худо.

Некмардон бо Худоянд рӯзу шаб.
Гоҳи ранҷу ғусса ё гоҳи тараб,
Шукри обу нону хоку бод, ҳам,
Зикри Ҳақ доранд ҳар дам зери лаб.

Самуми ҳавою ҳавас суст кун.
Саманди қаноат басе чуст кун.
Ва-гарна зани дар балои азим,
Шавад ду ҷаҳонат ба мисли ҷаҳим.

Ин лашкари бахт созгорат бодо.
Шодию тараб ба рӯзгорат бодо.
Бодо ҳама дам туро хушиҳо бодо,
Дар ҳар ду ҷаҳон Худо ёрат бодо.

Дар фасли хазон бехазонат бинам.
Сармасти маю оби разонат бинам.
Чун фасли баҳору чун гулистону чаман,
Зебою ҷавону гулфишонат бинам.

Хуш он чашме, ки бинад рӯи моҳат.
Хуш он ҷисме, ки гардад хоки роҳат.
Хуш он дасте, ки мӯят шона созад,
Хуш он кас лаззате бурд аз нигоҳат.

Дилу дидаю хаёлу хотирҳо,
Гарчи пур аз нигоҳи отирҳо.
Аз туам, эй диёри азиз,
Пур бувад бар ман ёди нодирҳо.

Ай туро дидани сангу хору хас,
Ҳаст маро ба сар ҳавову ҳавас.
Кӯҳу чамшмаҳою дарёят,
Дар ҷавонӣ маро буданд ҳамнафас.

Макун гӯш бар гуфтаи мудбарон.
Ки эшонро дӯзах бисӯзад равон.
Ки шаҳ сояи эзид аст дар замин,
Ки эзид бувад ҳақбину ҳақгузин.

Сад бор дидам бадӣ зи дунон.
Ман бад ба бадон раво надидам.
Чуз тӯҳмату кину шарру пастӣ,
З-ин мардуми бехудо надидам.

Имрӯз ба монанди баҳор омадаӣ.
Чун қолини пурнақшу нигор омадаӣ.
Бас шоду хушам з-ин ҳама зебоии ту,
Гӯё, ки маро ту дар канор омадаӣ.

Дар раҳи кори забон кӯшишу ҷанг аст маро.
Дил зи бадкеш дар ин пайраҳа танг аст маро.
Ғами хоинии афроди гаранг мекушадам,
Ҷисму ҷон з-ин ҳама дар коми наҳанг аст маро.

Гар савобе буди он шоҳи хубон дод кунад.
Гоҳ, гоҳе зи мани сӯхтадил ёд кунад.
Ё саломе бифиристад ё дуое бикунад,
Ё ба як бӯса дили ғамгини мо шод кунад.

Бо ёри ғамгусор агар ишрат кунӣ шабе,
То субҳгоҳон дур шавад аз синаи ту доғ.
Рӯз аз ҳузури нохалаф торик шавад ба чашм,
Дар шаб дидори ёри хуб баҳрат шавад чароғ.

Дар шаби торикаму дидаи равшан талабам.
Дар пайи хасмаму аспу зину ҷавшан талабам.
Гарчи мардум талабад ризқи худ аз рӯи замин,
Ман варо аз таги дарё чу Таҳамтан талабам.

Бахти хоболуди ман аз хоби худ бедор шав.
Бахтдузд аст, ин ҷаҳон ғофил машав, ҳушёр шав.
Бевафоӣ пеша манмо, дӯстӣ бо ман бикун,
Ҳар куҷо бошам ту бо ман ҳамдаму ҳамкор бош.

Чун расад тире ба ҷонам ёди ҷавшан мекунам.
Торикие гар бубинам ёди равшан мекунам.
Гар Зулайхое кунад пироҳанам чок аз алам,
Сар ба зону мегузорам ёди сӯзан мекунам.

Дил ба асбоби ҷаҳон чандон мадеҳ, эй хокзод.
Ҳам макун бар шоҳиди бозорӣ меҳру эътиқод.
К-ин дуро ҳаргиз набошад дӯстӣ бар одамӣ,
Чун ба андак моя таркат мекунанд, чун гирдбод.

Ман он бозам, ки бо сайди симандоме ҳамебозам.
Ман он созам, ки бо ҷому майу мутриб месозам.
Ман он ноям, ки аз дарди ҷудойӣ нолаҳо дорам,
Ман он роям, ки сӯи зиндагониҳо ҳаметозам.

Дар раҳи кори забон кӯшишу ҷанг аст маро.
Дил зи бадкеш дар ин пайраҳа танг аст маро.
Ғами хоинии афроди гаранг мекушадам,
Ҷисму ҷон з-ин ҳама дар коми наҳанг аст маро.

Чашми некӣ ҳар ки мебандад ба нокас, эй писар,
Мезанад аз содагӣ рӯзе ба пои худ табар.
Борҳо бо лутфу эҳсон кардамаш ман имтиҳон,
Лек, аз табъи каҷаш ҳосил нашуд некӣ самар.

Ғундаву каждуму мору пашша ё раб нест бод.
Доду бедод аз чунин махлуқ ё раб, дод, дод .
Золиму номардуму ноодилонанд, инчунин,
Эй Худовандо, ину он турфа дар олам мабод

Тарки кина кардиву рӯ сӯи мо овардаӣ.
Сулҳу дӯстиву сафо бар кӯи мо овардаӣ.
Чашмаи Ҳайвон баҳри Хизр аст, рӯят ба мо.
Об бар хушкидасоҳилҳои мо овардаӣ.

Аз чароғи оразат бар чашми ман сад нур бод.
Қалби пурмеҳри туро ҳар лаҳза тӯю сур бод.
Дӯстонат шоду хуррам дар ҷаҳони зиндагӣ,
Душманони рӯи моҳат раҳдуру ранҷур бод.

Баъди сари ман ҷаҳон чӣ сон хоҳад буд?
Баъди сари ман ҷаҳон ҳамон хоҳад буд.
Бо ёди суботи кори дунё тани ман,
Дар синаи ин замин ниҳон хоҳад буд.
.
Шоҳиди ғам дар канорам шодмонӣ мекунад.
Душмани ман дар диёрам зиндагонӣ мекунад.
Рафт айёми баҳору даррасид фасли хазон,
Умри пирӣ ёд аз даври ҷавонӣ мекунад.

Бисёр сухан кардем, аз аҳду вафои дӯст.
Бисёр сухан гуфтем, аз сулҳу сафои дӯст.
Ҳаррӯз хасон бинем, шарру нокасон бинем,
Бисёр ҳавас дорем, дидору ҳавои дӯст.

Кӯш то ҳаргиз нагарди ту гирифтори ғалат.
Оқибат бини ба ҷони хеш озори ғалат.

Танам пайваста меларзад, зи дасти нобарориҳо.
Дилам пайваста месӯзад, зи дасти беқарориҳо.

Доди мазлумро ситон аз золимон.
То бимонад номи некат ҷовидон.

Дар ҷавони дил ба дасти зулфи он ҷонона буд.
Ёр чун шамъи шабистону танам парвона буд.

Аз диёри дӯстӣ меҳру вафо овардаам.
Аҳду паймон пеши ёри бевафо овардаам.

Баҳори гулбадомони ту, эй зан.
Баҳори умри инсонӣ ту, эй зан.

Ҷаҳонсозу ҷаҳоноройи, эй зан.
Ҷаҳонро ҷумла сар то пои, эй зан.

Дар раҳи ишқи бутон хорӣ кашидем басе.
Ҳаққи инсоф набошад, ки ту низ озорӣ.

Тирарӯзиҳои мардони хирад рӯзӣ диҳад.
Рӯшанирӯзии номардон берӯзӣ диҳад.

Тирарӯзиҳои ман аз тирабахтии ман аст.
Киссаҳои холии ман, аз карахтии ман аст.

Ҳар он кас, ки имрӯз бо мо шавад.
Ки фардо худ зӯру тавоно шавад.

Эй духтари ҷон, ту ғунчаи хандонӣ.
Қаллошу забондарозу нофармонӣ.

Дӯстии нокасон монанди хошоку хас аст.
Бо шамоли андаке аз ҷой беҷо мешавад.

Рӯзии марди ҳунар кам нашавад ҳеҷ гаҳе,
Гар зи авзои ҳасуд санг биборад ба замин.

Саманди саропо чу мавҷи дамон.
Худоё ба манзили мақсуд расон.

Ёро караме кун, карам кори савоб аст.
Имону дини бекарамон сахт хароб аст.

Касеро ки мағзаш зи дониш тиҳист,
Талаб кардан инсоф аз ӯ аблаҳист.

Олами тифлӣ аҷоиб олам аст.
Лек сад афсӯс, он ҳам як дам аст.

Касеро гар ақлу ҳушу мағз нест.
Бидон к-эй писар одами нағз нест.

Ҳар он ки хӯрду доду некӣ кард.
В-аро дар ду ҷаҳон хотири шод аст.

Тан зи реша, реша ҷон гирад зи об,
Гар набошад об тан гардад хароб.

Дар даҳони миллат аст, шоир забон.
Бе забон ҷисме куҷо созад фиғон.

Меҳрубониҳои гетӣ чун арӯси бевафост.
То тавонӣ дил ба меҳраш кам бидеҳ, эй родмард.

### Хавотим

*Навиштам чанд байт аз баҳри ёрон.*
*Даромехтам ба рафтори ғизолон.*
*Худоё, рангу бӯйи тозааш деҳ,*
*Ба мизи мухлисону дӯстон неҳ.*



*Содиқи Кашрӯдӣ аз овони ҷавонӣ ба хондани шеъру ғазал ва дигар жанрҳои назму насри порсу тоҷик рағбати калон пайдо намуда, махсусан бо ашъори пурғановату пурбаракати шоирони классик ба монанди устод Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳаким Носир Хисрави Қубодиёнӣ, Шайх Аттори Нишопурӣ, Шайх Саъдии Шерозӣ, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Сайидои Насафӣ ва амсоли инҳо аз наздик ошно аст.*

*Аз гуфтаҳои шоир бармеояд, ки ӯ дар ин ҷода хеле муваффақу пурмаҳсул аст.*

*Байти зерин далели ин гуфтаҳо буда метавонад:*

*Ёд дорам аз сурудхонӣ баҳоям панҷ буд.*
*Хондани дарси раёзӣ аз бароям ранҷ буд.*

*Пас аз хатми факултаи ҳуқуқшиносӣ дар бисёр вазифаҳои давлатӣ, аз ҷумла дар Дастгоҳи марказии Прокуратураи генералӣ, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифои вазифа намудааст.*

*Соли 2002 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯ рутбаи мушовири давлатии адлияи дараҷаи III дода шуд. Айни замон вазифаи Мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба сиёсати ҳуқуқӣ ба зимма дорад.*

*Шоир дар айни камолоти эҷодӣ аст ва бо такя ба шуарои классики назми порсу тоҷик пайваста эҷодиёти худро густариш медиҳад. Умед аст, ки дар ин ҷода комёб мегардад.*

## МУНДАРИЧА

ҒАЗАЛҲО

Бародар, пеша кун кори накӯю хулқи яздонӣ ............... 4
Хулқи неку кори хуб наздики Яздонат кунад ............... 5
Мекунад қомати чун сарви ту, девона маро .................. 6
Ширинзабонӣ, сарви равонӣ ......................................... 7
Зебо чунонӣ, эй парӣ .................................................... 8
Он париваш дар ҷаҳони ишқ ҷавлон мекунад............ 9
Зи пешам рафтӣ ёру бар тани ман сад ҷафо кардӣ ..... 10
Рӯи моҳат шӯри маҳшар дар ҷаҳон афкандааст.......... 11
Ай гули умеди боғу гулшани мо, зинда бош............... 12
Бӯсаи лаъли лабат, эй гули ман, чун шакар аст .......... 13
Ошиқи фасли баҳорам гули тар мебӯям ..................... 14
Мурдам зи фироқат, бути ғамхор, куҷоӣ..................... 15
Дӯш будам ҳамнишин бо дилбаре дар хонае ............. 16
Дилбари меҳрубони ман, бе ту чаман намеравам....... 17
Қадатро дилбарам шамшод гуфтам,боз мегӯям.......... 18
Булбулам, эй дӯстон, сӯи гулистонам баред .............. 19
Ошиқ биё, ошиқ биё, то ман туро меҳмон кунам ....... 20
Ҷаври он маҳро ба ҷони мо навандӣ то ба кай........... 21
Сад сол фалакам дур созад зи боми дӯст..................... 22
Ҷоно, муяссар кай шавад, рӯзе туро дар бар бинам ... 23
То зи илму донишу идрок лаб во кардам..................... 24
Бирафти бемурувват аз бари ман сӯи боғи ғайр ......... 25
Эй ҷавонӣ, гар туро бори дигар орам ба даст ............. 26
Ғазали ман нишон аз дили ғамноки ман аст................ 27
Намехандӣ, намегирйӣ, ба ҳолам осмон имрӯз .......... 28
Оҳи ҳар мардуми бечораву зор оҳи ман аст................ 29
Шоми ҳиҷрон бигзарад, субҳи сафо ояд ҳаме............ 30
Ҷоно, баҳорӣ зиндагонӣ гузарад................................. 31
Эй бод, саломи ман ба он хоки диёр деҳ .................... 32

Бархезу табли шодӣ зан, ёри вафодор омадаст...........33
Эй Худо, афзун намо ту ҳар буду нобуди ман...........34
Ба чашми ҷоду орад дар каманд оҳуи саҳроро ...........35
Дар ҷаҳони орзуҳо пурхатар аст роҳи мо....................36
Ашки чашмам рехт ҳарчанд, лек мисли ям нашуд.....37
Ин ҷаҳонро пеш аз ин ҳам шеваи мастона буд ...........38
Ҷаҳд бинмо, эй бародар, дар пайи мақсуд бош...........39
Мо аз он ҷоему он ҷо меравем...................................40
Имрӯз шоду хуррамем, ёри рамида омадаст ...............41
Аз биёбон рӯ ба шаҳр овардаанд девонаҳо .................42
Шикваҳо аз каҷравии чархи гардун мекунам.............43
Рухи чун моҳу ду абрӯи ҳилол аст туро .....................44
Дар рӯи хатокорон, дар бастаму бастам ман...............45
Дар ҷавонӣ ишқи ту охир маро пир мекунад ..............46
Эй нигоро, як шабе рӯйи чу моҳат биname.................47
Тири сайёди аҷал кард ҷигарсӯз маро..........................48
Бехудию сарсарӣ аз ҷой беҷоят кунад .........................49
Аз ишқи ту, эй сарви равон, сина кабоб аст................50
Оташингуфтораму гарм мекунам маҳфилҳо...............51
Чӣ шаб аст ин шаби мо ёр, дароз аст имшаб...............52
Рӯз то бегоҳ фикри обу нон аст кори мо......................53
Ман баҳору ман хазони зиндагонӣ дидаам .................54
Сина дар роҳи ҳақиқат сипар бояд кард ......................55
Сӯфии саҷҷода дар каф майпарастӣ мекунад.............56
Дар бастӣ чаро бар рухи ман хоҷаи хаммор................57
Хонуми зебо, ту шамъ астиву ман парвонаам.............58
Ахтарсифатӣ, гоҳ аёнию ниҳонӣ .................................59
Рӯзгори рафта ҳар дам мерасад бар ёди ман ...............60
Шод бинмо, эй Худо, ин синаи ношодро ....................61
Дар ғами васлат, нигоро, нотавонам, чун кунам.........62
Булбулам, дорам ба сар андешаи гулзорҳо .................63
Ғанимат дон, дило, даврони фақру бенавоиро............64
Танҳои шаби тор чу дарде ба тан омад........................65

Гар шавам рустой, аз нав харсаворӣ мекунам............66
Кай шавад осон дар дунёи дун мушкил маро ............67
Чашми мастат оҳувонро бар ту ошиқ мекунад ...........68
Кӯҳфеълам гар бало гӯӣ, балоҳо гӯямат.....................69
Даст бар сӯрох барӣ, аз морҳо андеша кун.................70
Эй шаҳи хубони олам, гул ба домон бинамат.............71
Мавҷи дарё нақши рафторат кунад .............................72
Эй сарви гул ба домон, рашки баҳору бӯстон............73
Зи аҳволи дилам он шоҳи хубрӯён хабар дорад .........74
Соқиё, хез, ки арбоби ҷаҳон омадааст .........................75
Сабр рафт аз даст, ҷоно, қатраи обам бидеҳ ...............76
Ошиқ аз бедодии маъшуқ шикоят мекунад.................77
Ё раб, ба дил раҳме фирист, он наргиси бедодро .......78
Чӣ хуш аст, ки нолаи най ба само расида бошад........79
Баҳор омад, гулу сунбул ба бар карда диёри ман.......80
Навбаҳорон оғӯши шоҳид хуш аст...............................81
Ханда, эй лаб, маҳи рафтаи мо меояд .........................82
Абрувонат ҳамчу шамшери Наҷаф ..............................83
Мо ҳама сайду ҷаҳон сайёд аст....................................84
Эй мусулмонон, фиғон, шаҳду шакар гум кардам......85
Зиндагӣ бо бодаву бо уд хуш аст.................................86
Булбули шӯридаам, дур аз баҳор афтодаам ................87
Эй Худовандо, дур аз ашрору шайтонам бикун .........88
Ин чӣ даврест, пур аз шӯру шарар мебинам ...............89
Дуриҳои ёр бар лаб оҳи зор овардааст........................90
Эй парирӯ, ёд кун аз ошиқи девонае...........................91
Нигоро, то ба кай дурӣ биҷӯйӣ аз канори ман............92
Он қомату абрӯю чашм, бурд аз дилам оромро..........93
Сад бор тавба кардам, ки тарки май кунам ................94
Дил ба дунё мафиган, ки гузарон хоҳад буд ..............95
Нигоро, бенишон гаштӣ, куҷо ёбам нишонатро.........96
Мудомам маст медорад нигоҳи чашми ҷодӯят..........97
Эй кош, маро тифоқ бо шоҳиду май будӣ..................98

Эй лайливаш, бар кулбаи ёри куҳан биё......................99
Ман, ки дар қайди ғамам, айшу таманно накунам....100
Худовандо, ба мардум деҳ, ақлу хӯи раҳмонӣ..........101
Ақли маро бурд таманнои ту .....................................102
Ё Раб, фалак нагашт даме рӯзӣ ба коми мо ...............103
Аз шабохунҳои хасм вайронӣ дар манзил монд .......104
Ин найситони умри мо, шаҳду шакар накард ...........105
Хонаи сабри маро селоби мижгони ту бурд.............106
Мо Юсуфи Мисрему харидор надорем .....................107
Ту чаманварӣ, ҷоно, ту санавбарӣ, ҷоно....................108
Худоё, маро бар нигорам расон ..................................109
Гарчӣ дар маҳфили тундхӯён хомӯшем мо ...............110
Гарчи ранги рух чун фасли хазон бошад маро..........111
Ин ҳама ҷабру ҷафо, ёро, бари мо мекунӣ.................112
Фасли баҳор табиат ҷомаи нав ба бар кунад .............113
Ҷони худро сӯхтам, то равшанӣ бахшам ба кас........114
Сад бор тавба кардам зи ишқаш канора кунам .........115
Маро бигзор, ки то танҳо бимирам ............................116
Эй дил, аз сели фано манзили обод маталаб .............117
Эй дӯстон, эй дӯстон, омад баҳор, омад баҳор .........118
Гар қазо даст диҳад, тифл шавам бори дигар............119
Эй бародар, дӯстро бинӣ, варо оғӯш кун ...................120
Омад баҳор, эй дӯстон, вақти фараҳ оғоз шуд ..........121
Ҷоме, ки зи бода холист, бишкаста бод .....................122
Вақти он омад ба худ ёрат кунам ...............................123
Дарди худро, эй Худо, дармон намебинам, чаро? ....124
Кист дар шаҳр касе сар кашад аз фармонаш .............125
Хорҳоро бӯстон хоҳам дидан......................................126
Эй писар, пандам ниюшу ҳар куҷо сарсон марав .....127
Ғам ба дил чун мавҷи рӯд андар баҳорон дидаам.....128
Он чи хубӣ буд ба олам, ман зи некон ёфтам ...........129
Орзӯи дидани рӯяш ҳавас бошад маро ......................130
Э хиёнат бар ту раҳмат аз ту роҳат ёфтам,................131

Эй ёри ман,эй ёри ман,эй ёри безинҳори ман ..........132
Санамо, чӣ мешитобӣ, ту марав дур аз канорам.......133
Даври ноҷӯриву айёми хазон хоҳад гузашт .............134
Рӯзҳо бе дидани рӯят шаби тор аст маро..................135
Эй нигори нозанин, сайри чаман бе ман марав.........136
Гар ман мирам, эй дӯстон, аз ҳоли ман ёд оваред ....137
Ид омаду эй ҷонон, қурбони ту ҷон бодо .................138
Гадои даргаҳи он моҳрӯям.........................................139
Дареғо, умр рафту ёр н-омад дар канори ман ..........140
Ба ҷаҳон бо нигаҳи нек назар дорем мо....................141
Муждаи шодӣ, дӯстон, фасли баҳор мерасад............142
Аз барам рафтию, ҷоно, дар дилам ёдат ҳанӯз..........143
Дар ҷаҳон пас аз сари мардон сафар хоҳад монд......144
Булбул аст ё тӯтии шаккар ба гуфтор омадаст..........145
Эй подшоҳи ошиқон, арзи паёмат мекунам ..............146
Аз ҳад гузашт, ҷоно, дар ишқи ту сабурӣ.................147
Бо рафиқи нек дар тӯйи рафиқи бад будам ...............148
Лаб кушо, рахна кунам қайди ғаму андӯҳро ............149
Тобиши субҳи давлати одам .......................................150
Эй дил, ба кӯи он санам ин нолаҳои зор чанд...........151
Эй меҳани зебои ман, рӯзе видоят мекунам.............152
Ғарқи ишқат гаштаам, эй гулбасар............................153
Рухсораи чун моҳи ту дом аст дили моро ................154
Дил гашта асири ғамзаҳоят........................................155
Мавҷи хунам мавҷи Ҷайҳунро мусаххар мекунад....156
Аз такопӯҳои дунё пир гаштам оқибат.....................157
Талабгор аст ҳар дилдода гулҳои баҳориро.............158
Эй ёри дурафтодаам, бе ту ба олам чун кунам .........159
Ин ҷаҳон пурхор аст, зинҳор ту хорӣ макун ............160
Ҳеҷ кас аз айб орӣ ҷуз Худои пок нест.....................161
Аз чӣ ранҷидӣ зи мою ҷони моро костӣ...................162
Агар биёӣ дар барам, ба сар кулоҳ мекунам ............163
Ё раб, шаби дарози мо бодо саҳар шавад .................164

На ҳар кас пеша созад касбу кори боғбониро .......... 165
Ахтари шайтону одам иттифоқ афтодааст ............... 166
Бахти пиёдаи маро, ё раб, савора кун ........................ 167
Чашми ман баъди тамошои рухат пурнур шуд ......... 168
Дуди оҳам оқибат рӯ сӯи гардун мекашад ............... 169
Дидани дидори ёри хуб маро хушҳол кард .............. 170
Бе сарви қадат, ҷоно, шодона нахоҳам шуд ............. 171
Эй Худоё, ғарқа дар баҳри гуноҳам кардаӣ ............. 172
Даври Чингизӣ расиду аҳди Сомонӣ намонд ........... 173
Эй бародар, дар фарозӣ, шебҳоро ёд кун................... 174
Тазарро мекунам, ҷоно, марав аз остони ман........... 175
Чи хуш бошад нишастан бо нигорею майу ҷоме...... 176
Ҳамчу булбул дар баҳорон сӯи бӯстон омадем ........ 177
Аз рухи моҳаш маро оташ ба дил афтодааст............ 178
Нигоро, қасди он дорам, ки бошам дар макони ту ... 179
Боз бар ҷонам зи ҷаври ин фалак як тир рафт.......... 180
Эй дил, ту машав ошиқ, ором нахоҳӣ шуд ............... 181
Ҷон дар ғамат омад ба лаб, бас кун ҷафо,
дилдори ман........................................................... 182
Нигоҳи оҳувон дорад нигоҳи масти ёри ман............ 183
Эй бону, зи ман ҳамебарӣ ҳуш ................................. 184
Назаре мабод ҳаргиз, ки ба ту назар набошад.......... 185
Ноумед то кай нишастан, дар пайи уммед бош ........ 186
Эй сабо, бар шоҳи хубон арз бинмо ҳоли мо ........... 187
Фарёдзанон омада хомӯш бирафтӣ .......................... 188
Рахна натвон кард сустӣ аҳду паймони маро........... 189
Лаъли ҷонбахши ту моро умри ҷовидон бувад......... 190
Дил зи мо бурдию моро мурғи бедил кардаӣ........... 191
Хар лаззати мағзу мавизу дона чӣ донад.................. 192
Эй дили ошуфта, дур аз дарди ҳиҷрон бинамат........ 193
Муҳити бенизомӣ хуш намеояд сипоҳиро ............... 194
Эй нигори нозанин, кай мешавӣ меҳмони мо .......... 195
Набошад пеши мастон эътиборе ҷоми холиро......... 196

Эй табиби ман, худро дарди ман, дармон бикун ...... 197
Эй бародар, хоксорию тавозӯъ пеша кун ................. 198
Чарх моро дар ҷавонӣ пой дар занҷир кард ............. 199
Кард ноором ишқаш ин дили оромро ....................... 200
Шаб маро дар ёди он дилбар ба бедорӣ гузашт ........ 201
Чи хуб аст дилбаро гар дар тани
дилдода ҷон бошӣ ..................................................... 202
Баҳри умри рафта фарёду фиғон дорам ҳанӯз .......... 203
Рӯй чун рӯзу туро, эй гулбадан мӯ чун шаб аст........ 204
Шояд ба лутфи Ҳақ зи васлат комрон шавам ........... 205
Сармои зимистон рафт, айёми баҳор омад................ 206
Дурӣ аз дидори ёрон, мустамандам кардааст............ 207
Эй Худоё даст гирам, дур зи ҷононам макун............ 208
Дом дар даст рӯзҳо сайёд дар қасди ман аст............. 209
Сӯҳбати дӯст ба кас роҳати ҷон хоҳад буд................ 210
Ба зӯри ақл натвон йофт ошиқ манзили ишқро ........ 211
Муқими кӯи мардон гар шавам,
донам, ки ман мардам ............................................... 212
Замистон рафт, баҳор омад,
намегирӣ хабар аз ман .............................................. 213
Эй ёри ман, дилдори ман, эй ахтари шабҳои ман ..... 214
Эй ёри азизу дилпазирам........................................... 215
Эй дӯст ба кӯйи мо гузар кун..................................... 216
Гар набошад одамиро ақл ҳайвонӣ кунад................. 217
Ки дорам орзу дар дил шабе шамъи ҷамоли ту ........ 218
Дар гулистони маъони соҳиби гуфтор ман ............... 219
Эй ба ҷонат дилу ҷонам, ки чунин ҷононӣ................ 220
Ашкро дар ҳаҷри он маҳ ҳамчу дарё мекунам.......... 221
Имрӯз туро тозаю тар мебинам ................................. 222
Ин ҳама ҷавлон, ки ҷонон мекунад ........................... 223
Ҳақ ёрон дар хонаи Худост....................................... 224
Лаб гулу қомат гулу андом гул.................................. 225
Маро васли ишқи ту бошад хумор ............................ 226

Фиғон зи дасти он шӯхи оҳуфағанд .......................... 227
Дил ба ёдат гаштааст, чун обу гил ............................ 228
Суратат сад қалбро вайрон кунад.............................. 229
Эй баҳори гулбадан, бар синаам................................ 230
Давру даврони ҷавонӣ рафт, ҳайф............................. 231
Соли нави мо баҳор меояд ......................................... 232
Он рӯй чун рӯз, он мӯй чун шаб ................................ 233
Рафтем зи пешаш бо сад баҳона................................ 234
Аз кӯҳу дара оби равон мемонад............................... 235
Шоирон чашму чароғу ахтаранд ............................... 236
Илми ҳақ аз мурғи ҳақ омӯхтам ................................ 237
Ай Худо, аз ишқ, ошиқ шод бод................................ 238
Хоксори огаҳи аз ақлу идроки ман аст ...................... 239
Чу ишқи ту маро ба тан мустақар омад ..................... 240
Чанд, эй дил ба ақсои ҷаҳон мегардӣ......................... 241
Ҳар замон бар оташи ишқам доман мезанӣ ............. 242
Он Худое, ки ҷаҳонро баҳри одам офарид................ 243
Дар ҷӯи хайоли ман, ҷуз оби хайолат нест............... 244
Равад фасли даю боз фасли баҳор ояд ....................... 245
Омад баҳору вақти гул, бӯстон ғанимат аст............. 246
Ман он дарёи шӯхи кӯҳсорам .................................... 247
Эй ҳамдами деринаю, эй мӯниси ҷонам .................... 248
Баргард биё пешам, эй дилбари ранҷида................... 249
Ҳаст ҳар гуна назарҳо ба забони модарӣ................... 250
Агарчи замона умрам медиҳад ба бод ....................... 251
На ман танҳо ҳамехоҳам нигори чеҳрахандоне........ 252
Ба ёди рухи чун гулат булбул ба боғ омад ................ 253
Аз азал тоҷик маскан дошт дар ин марзу бум........... 254
Дар ин бӯстон чи мехоҳад ниҳоли бесамар аз ман... 255
Ман ба дил меҳри ту дорам, чун ту меҳри дигаре.... 256
Зиндагонӣ, эй писар бо ёру дӯстонат хуш аст........... 257
Ҷаҳд кун дар роҳи ман ҷонат кунам.......................... 258
Ҷуз ғами дил зи даврон самаре нест маро ................ 259

Ту маро ҷону ҷаҳонӣ, чи кунам ҷону ҷаҳонро .......... 260
Умрҳо шуд пушти сар, мо дар пайи бешу камем...... 261
Хандакунон боғу баҳорам бие ................................... 262
Ман ба ҳар маънӣ навое мезанам .............................. 263
Ай ту моро ҳам замину осмон .................................. 264
Ту оби чашмаҳои кӯҳсорӣ.......................................... 265
Он париваш хештанро ҳар куҷо пайдо кунад........... 266
Маро йоди рухи ту мекашад ҳар дам ба сӯи ту......... 267
Чи хуш бошад занад пар мурғи
ҷонам дар ҳавои ту...................................................... 268
Хидмати ошиқ бихоҳӣ рӯи чун гул боядат................ 269
Ба як афсун нигоҳаш, берун аз ақлу инонам кард .... 270
Дӯст медорам туро эй навбаҳор................................ 271
Боз омад ошиқон фасли баҳор .................................. 272
То шавам зинда зи нав ёр дигарбора бие.................. 273
Дар даҳр намебинам, соҳибназаре бошад.................. 274
Савганд зи ёрон ҷудоӣ накунем................................ 275
Ҳар касе бад мекунад охир пушаймон мешавад....... 276
Ҳарчанд, ки дилбохтаи роҳи Худоям........................ 277
Ин манам захму зарарҳо дидаам аз ёри худ ............. 278
Эй муҳаббатгоҳи олам, сайри дилҳо мекунӣ ........... 279
Ту фасли баҳорӣ, чаманӣ, боғи ҷинонӣ .................... 280
Ку нигоре дили ғамдидаи мо шод кунад .................. 281
Бӯи гулҳо аз гулистони ман аст ................................ 282
Эй Худойи ман, туи обои ман.................................... 283
Парвои мо надорӣ, эй мурғи лоязолӣ....................... 284
Ҳар, ки сайёди сухан аст, сайди маъниҳо кунад....... 285
Аз саройи қалби ман то боргоҳи қалби ту................ 286
Сад ҳайф, ки айёми ҷавонӣ зи барам рафт ............... 287
Мо саропо оташем моро зи оташ бок нест ............... 288
Дар баҳри синаат шабе, то субҳ шино кардам .......... 289
Э вой Худои меҳрубону дардошно ........................... 290
Меҳри модар дар дилам тухми муҳаббат коштаст ... 291

Кошонаю дарам, ҳам қасру манзарам ........................ 292
Тоҷикистон обу хоку мазраи ту ҷони ман ................ 293
Тоҷикистон бо ҳама буду набудат бо манӣ ............... 294
Миллатам, эй миллати асри куҳан ............................ 295
Эй Ватан, ҳар зарраи хокат зар аст............................. 296
Тоҷикистонам, ба рағми душманам .......................... 297
Зинда бош, эй меҳани ободи ман............................... 298
Тоҷикистон бар зимистону баҳорат ошиқам............ 299
Нидои қарнҳо дорад садои Панҷи пуршӯраш ........... 300
Эй шаҳри Душанбе, шаҳри ҷонӣ ............................... 301
Шеърҳо ва Маснавиёт................................................. 302
Қитъаҳо ....................................................................... 339
Мадҳия ........................................................................ 342
Марсияҳо.................................................................... 345
Рубоӣ ва дубайтӣ........................................................ 349
Хавотим....................................................................... 372

**Содиқи Кашрӯдӣ**

**АШЪОРИ МУНТАХАБ**

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабанд *М. Саидова*

Ба матбаа 6.04.2012 супорида шуд.
Чопаш 9.04.2012 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 24.0.
Андозаи 84x108 1/32. Адади нашр 250 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а

Дар ҶДММ «Ямини Содиқ» чоп шудааст.